# ҚОИДАҲОИ БЕХАТАРӢ ҲАНГОМИ КОРКАРДИ КОНҲОИ КАНДАНИҲОИ ФОИДАНОК БО ТАРЗИ КУШОД

## 1. МУҚАРРАРОТИ АСОСӢ

1. Ичрои Қоидахои бехатарӣ ҳангоми коркарди конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод (минбаъд - Қоидаҳо) барои ҳамаи корхонаҳое, ки чунин фаъолиятро ба роҳ мондаанд (новобаста аз тарзи ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликияташон) ҳатмӣ мебошад. Коркарди конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод фаъолияти лоиҳакашӣ, сохтмон, истифодабарӣ, васеъкунӣ, азнавсозӣ ва азнавтаҷҳизонидан, муваққатан хобонидан ва барҳам додани объектҳои корҳои кӯҳиро дар бар мегирад. Объектҳои корҳои кӯҳӣ аз карерҳо, конҳои пошхурда, майдонҳои драгавӣ, объектҳои ишқоркунии тӯдавӣ, инчунин объектҳои коркарди партовҳои ҷинсҳои кӯҳӣ, маъданҳои ғайрикондитсионии шахтаҳо, карерҳо, партовгоҳҳои обии фабрикаҳои бойгардонӣ, партовгоҳҳои тилло, партови дажғолии марказҳои барқию гармидиҳӣ (минбаъд-МБГ) ва корхонаҳои металлургӣ ба ҳисоб мераванд.

2. Сохтмон, васеъкунӣ, азнавсозӣ, азнавтаҷҳизонидани техникӣ (минбаъд сохтмон), истифодабарии объектҳои корҳои кӯҳии кушод дар асоси лоиҳаҳое, ки тибқи талаботҳои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок», «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», дигар қонунҳо, Қоидаҳои мазкур ва меъёрҳои соҳавӣ оид ба бехатарии саноатӣ таҳия карда шудаанд, бояд ба роҳ монда шавад.

3. Шарти асосии қабули қарор дар бораи оғози сохтмон (истифодабарӣ) ва барҳамдиҳии объектҳои корҳои кӯҳии кушод мавҷуд будани хулосаи мусбати экспертизаи бехатарии саноатии ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ мебошад. Лоиҳаҳои техникӣ барои коркарди конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод бо Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Хадамоти назорати кӯҳӣ) мувофиқа карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ оид ба муваққатан хобонидан ва барҳамдиҳии объектҳои корҳои кӯҳии кушод тибқи талаботҳои Қоидаҳои мазкур бояд иҷро карда шавад.

4. Барҳамдиҳии объектҳои корҳои кушоди кӯҳӣ бо барқарор намудани заминҳое, ки дар натиҷаи истифодабарии қаъри замин корношоям шудаанд, бояд дар як вакт гузаронида шаванд.

5. Намудҳои фаъолияте, ки иҷрои онҳо иҷозатномаро талаб мекунад ва тартиби ба расмият даровардани иҷозатномаро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян месозад.

6. Ташкилотҳои лоиҳасоз тибқи тартиби муқарраргардида назорати муаллифиро нисбати лоиҳаҳои таҳиягашта, ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва қарорҳои лоиҳа бояд ба роҳ монанд.

7. Барои санҷиши системаи нави коркард ва мукаммалгардонии системаи амалкунандаи коркард ва параметрҳои он, истихроҷи таҷрибавию саноатии конҳои канданиҳои фоиданок ё як қитъаи он дар асоси лоиҳа ё нақшаи рушди корҳои кӯҳӣ, ки бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шудааст ва роҳбари корхона онро тасдиқ намудааст, рухсат дода мешавад.

8. Ҳуҷҷатҳои лоиҳавии коркарди конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод, сохторҳои техникии истифода мешуда, биноҳо ва иншоотҳо, ки дар ҳудуди қитъаи кӯҳкорӣ ҷойгир карда мешаванд, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» ҳатман аз экспертизаи бехатарии саноатӣ бояд гузаранд.

9. Корхонаҳое, ки бо истихроҷи канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод машғуланд, уҳдадоранд, ки ташкил ва назорати истеҳсолиро оид ба риоя намудани талаботҳои бехатарии саноатӣ, ки қисми таркибии идоракунии бехатарии саноатӣ мебошад, ба роҳ монад.

10. Ҳангоми қабули объекти корҳои кӯҳӣ барои истифодабарӣ мутобиқатии объект бо ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, омодагии ташкилот ба истифодабарии он ва амалҳо ҳангоми пешгирӣ ва барҳамдиҳии оқибати садамаҳо санҷида мешавад. Объектҳои корҳои кушоди кӯҳӣ бо тартиби муайянгардида бо иштироки намояндагони Хадамоти назорати кӯҳӣ барои ба истифода додан қабул карда мешавад.

11. Дар ҳолати сохтмон, истифодабарӣ, муваққатан хобонидан ва барҳамдиҳии объектҳои корҳои кӯҳии кушод аз нишондоди ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ берун баромадан рухсат дода намешавад. Дигаргуниҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ворид карда мешавад, бояд аз экспертизаи бехатарии саноатӣ гузашта, бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шавад.

12. Корҳои таркишӣ дар объектҳои корҳои кушоди кӯҳӣ бо риояи Қоидаҳои ягонаи бехатарӣ ҳангоми гузаронидани корҳои таркишӣ гузаронида мешавад.

13. Лоиҳакашӣ, сохтмон, истифодабарӣ, азнавсозӣ ва аз истифода баровардан обпартовгоҳҳо захиракунандаҳои партовҳои моеъ дар объектҳои корҳои кушоди кӯҳӣ тибқи талаботҳои Қоидаҳои мазкур амалӣ карда мешавад.

14. Барои истифодабарии объектҳои корҳои кӯҳии кушод, дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Тартиби ба расмият даровардани эъломияи бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок, ки бо фармоиши сардори Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 феврали соли 2011, №03 тасдиқ шудааст ва дар Вазорати адлия 16 сентябри соли 2011, №622 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, эъломияи бехатарии саноатии объекти истеҳсолии хатарнок тартиб дода мешавад. Роҳбари корхона барои пуррагӣ ва саҳеҳии маълумотҳое, ки дар декларатсияи бехатари саноатӣ дарҷ гардидааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Эъломияи бехатари саноатӣ бо

тартиби муайян гардида аз ташхиси бехатари саноатӣ гузаронида мешавад.

15. Корхонаҳое, ки бо коркарди конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод машғуланд, тибқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» барои хизматрасонӣ бо қисмҳои махсусгардонидашудаи садамавию наҷотдиҳандаи кӯҳӣ бояд шартнома дошта бошанд ва инчунин барои пешгирӣ ва барҳамдиҳии оқибатҳои садамаҳо чорабиниҳо ба нақша гирифта амалӣ намоянд.

16. Дар асоси моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» корхонаҳое, ки фаъолияти коркард ва истихроҷи канданиҳои фоиданок бо тарзи кушодро доранд, уҳдадоранд, ки барои расонидани зарар ба ҳаёт, саломатӣ ё ин ки молумулки дигар шахсон ва муҳити зист дар ҳолати садама дар объекти истеҳсолии хатарнок суғурта намоянд.

17. Ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонию васлкунӣ ё корҳои сохтмонии махсус дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод, ғайр аз Қоидаҳои мазкур, бояд ки талаботи қоидаҳо ва меъёрҳои сохтмонӣ риоя карда шавад.

18. Истифодабарии объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод, ки усули ишқоркунии тӯдагиро истифода мебаранд, бо риояи талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрии бехатарӣ ҳангоми майдакунӣ, ба хелҳо ҷудо кардан, бойгардонии канданиҳои фоиданок ва донакунии маъдан, хокаи маъдан ва Қоидаҳои мазкур бояд ба роҳ монда шавад.

19. Истифодабарии сехҳои ёрирасони корхонаҳои кӯҳӣ маъданӣ ва объектҳо бояд тибқи талаботҳои ҳуҷчатҳои меъёрӣ оид ба истифодабарии бехатарии сехҳои ёрирасони корхонаҳои кӯҳӣ-маъданӣ ба роҳ монда шавад.

20. Ҷойҳои корӣ ва раванди истеҳсолӣ бояд ба меъёрҳои Қоидаи мазкур ҷавобгӯ бошад.

21. Ба ҳамаи шахсоне, ки ба кор қабул карда мешаванд, ба шахсоне, ки ба дигар кор гузаронида мешаванд, ки ҳатман дастури бехатарии меҳнат, омӯзиши бехатарона истифодабарӣ ва иҷрои кор, расонидани ёрии авалиндараҷа ба ҷабрдидагон бояд гузаронида шавад.

22. Роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳое, ки ба коркарди конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод машғуланд, бояд ки маълумоти дахлдор дошта бошанд, тибқи тартиби муқарраргардида омӯзонида ва аз аттестатсияи комиссияи Хадамоти назорати кӯҳӣ гузаронида шуда бошанд.

23. Ба роҳбарии техникии корҳои кӯҳи ва таркишӣ дар объектҳои корҳои кӯҳии кушод шахсоне иҷозат дода мешаванд, ки таҳсилоти олӣ ва миёнаи кӯҳӣ-техникӣ дошта бошанд.

24. Кормандоне, ки дар корҳои кушоди кӯҳӣ фаъолият менамоянд, вобаста ба самти иҷрои корҳо бояд маълумоти касбӣ дошта бошанд, барои усулҳои бехатарона иҷро кардани корҳо омӯзонида шуда бошанд, сигналҳои хабардиҳӣ ва рафтор ҳангоми садамаҳоро, ҷои нигоҳдории

воситаҳои наҷотдиҳиро донанд ва онро истифода бурда тавонанд; дастурамалҳои бехатарии раванди технологӣ ва хизматрасонии бехатаронаи мошинҳо ва механизмҳоро дошта бошанд. Ба кормандон на камтар аз 6 моҳ бояд дастури такрорӣ (даврӣ) оиди бехатарии меҳнат ва на камтар як маротиба дар як сол санҷиши дониши дастурамалҳои касабавӣ гузаронида мешавад. Натиҷаи санҷиш бо суратмаҷлис (протокол) дар китоби дастурдиҳӣ ва варақаи кории корманд қайд карда мешавад.

25. Кормандоне, ки барои иҷрои корҳояшон якҷоя кардани якчанд ихтисосро дар бар мегирад, барои бехатарии меҳнат омӯзонида шуда, аз рӯи намудҳои корҳои якҷоямешуда дастур гузаронида мешавад.

26. Ҳангоми тағйирёбии хусусияти кор ва инчунин баъди ҳодисаи нохуш, садама, ё ин ки дағалона вайрон кардани қоидаҳои бехатарӣ дастури ғайринавбатӣ гузаронида мешавад.

27. Ба кор қабул кардан ва фиристондани шахсон ба коре, ки ба истифодабарии объектҳои корҳои кӯҳии кушод алоқаманд аст ва ба нишондодҳои тиббӣ мухолифат мекунад, манъ аст.

28. Кормандон ва мутахассисон бо либосҳои махсус, пойафзоли махсус, бо кулоҳҳои муҳофизатии коршоям, айнак ва дигар воситаҳои худҳимоявӣ тибқи ихтисос ва шароит мувофиқи меъёрҳои тасдиқгардида бояд таъмин карда шаванд. Шахсоне, ки дар қайди ҷадвали расмии объекти корҳои кӯҳии кушод нестанд, лекин бо мақсади иҷро намудани супоришҳои истеҳсолӣ ба объект бо зарурат ташриф меоранд, бояд аз рӯи меъёрҳои бехатарӣ дастур гузаронида шуда, бо воситаҳои худҳимоявии фардӣ таъмин карда шаванд.

29. Роҳбарони корхонаҳое, ки объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушодро истифода мебаранд, уҳдадоранд, ки шароити бехатарии меҳнатро таъмин кунанд, чорабиниҳои муҳофизатиро дар асоси баҳодиҳии хатарнокии ҳар як ҷои корӣ ва объект дар умум ташкил намоянд.

30. Супориш барои иҷрои кор бояд бо тариқи хаттӣ ба расмият даровarda шавад. Худсарона иҷро намудани корҳое, ки ба уҳдадории корманд тааллуқ надорад, манъ аст. Фиристодан ба ҷойҳои корие, ки талаботи қоидаҳои техникаи бехатарӣ вайрон шудааст, манъ аст.

31. Барои иҷрои корҳое, ки талаботҳои баланди бехатарӣ муйян гардидааст, ба таври хаттӣ супориш-иҷозат бояд дода шавад. Ба ҳайати кормандони ташкилотҳои бегона барои иҷрои корҳо дар ҳудуди объект низ супориш-иҷозат дода мешавад. Дар он омилҳои хатарнок муайян карда шуда, сарҳадоти қитъа ё объекте, ки ташкилоти бегона барои иҷрои кор иҷозат дорад ва барои бехатарии истеҳсолӣ ҷавобгӯ аст, бояд нишон дода шавад.

32. Ҳар як корманд қабл аз оғози кор аз ҳолати бехатарии ҷойи кории худ бояд боварӣ ҳосил намояд, мавҷудият ва коршоямии муҳофизаткунакҳоро, воситаҳои муҳофизатӣ, асбобу механизмҳои кориро санҷад. Корманд ҳангоми ошкор кардани қоидавайронкунӣ оид ба талаботҳои бехатарӣ, ба кор шурӯъ накарда, ба устои куҳӣ, сардори

қитъа, ҷонишини сардори қитъа (минбаъд- роҳбари техникии баст) бояд хабар диҳад.

33. Дар ҳар як таҷҳизотҳои кӯҳӣ-нақлиётӣ дафтари қабул ва супоридани баст бояд бошад, ки тартиби бурдани дафтар аз тарафи ташкилоте, ки объекти корҳои кушоди кӯҳиро истифода мебарад, муақаррар карда мешавад. Дурустии бурдани дафтар мунтазам аз ҷониби роҳбари техникии баст (устои кӯҳӣ, сардори қитъа ва ҷонишини он) санҷида мешавад. Ҳар як ҷои корӣ дар давоми баст аз тарафи устои кӯҳӣ, ва дар шабонарӯз аз ҷониби сардори қитъа ё муовини ӯ бояд аз назар гузаронида шавад ва дар ҳолати ошкор намудани қоидавайронкунӣ онҳо уҳдадоранд, ки барои иҷрои кор иҷозат надиҳанд.

34. Ҳар як корманде, ки ҳолати хатарнокро, ки ба одамон, ба объектҳои истеҳсолӣ таҳдид менамояд (вайроншавии роҳи оҳан, мошину механизмҳо, шабакаҳои барқӣ, хислатҳои лағжиш, резиши уфуқҳо, сар задани сӯхтор ва ғайра) пай мебаранд, уҳдадоранд, ки дар ин бора ба роҳбари техникии баст хабар диҳанд, инчунин одамонеро, ки ба онҳо хатар таҳдид менамояд, хабардор намоянд.

35. Дар ҳар як корхона тартиби амали кормандон ва шахсони мансабдор ҳангоми ёфтани маводи тарканда дар коркардҳои кӯҳӣ, дар массаҳои кӯҳии баъди таркиш ё дигар ҳолатҳое, ки барои онҳо нигоҳдории маводи тарканда муқарар карда нашудааст, бояд муайян карда шавад. Дар чунин ҳолатҳо роҳбари ташкилот уҳдадор аст, ки ба Хадамоти назорати кӯҳӣ хабар диҳанд.

36. Кандаҳои кӯҳӣ ва гузаргоҳҳои ба онҳо пайваст шуда, ки дар онҳо хавфнокии ба онҳо афтидани одамон, мошин ва таҷҳизотҳо эҳтимолият дорад, бояд бо панҷара иҳота карда шуда, аломатҳои огоҳкунанда гузошта шаванд. Ҷойҳои фурурафта, чуқуриҳо, чуқуриҳои обҷамъшавӣ, чоҳҳои дренажӣ, шурфҳои ғайрифаъол ва дигар нақбҳои амудӣ бояд бо рӯйпӯши боэътимод маҳкам карда шаванд.

37. Банд кардани ҷойҳои кории таҷҳизотҳо ва кандаҳои кӯҳии ба онҳо наздикро бо ҷинсҳои кӯҳӣ ва дигар асбобу олатҳо, ки рафтуомади одамон ва мошину механизмҳоро мушкил мегардонад, манъ аст.

38. Рафтуомади одамон дар ҳудуди объекти корҳои кушоди кӯҳӣ бо роҳравҳои махсуси пиёдагардӣ ё бо канораи роҳи автомобилгард дар самти муқобили ҳаракат иҷозат дода мешавад. Ба хатсайрҳои ҳаракат ҳамаи кормандон бояд бо имзо шинос карда шаванд. Хатсайри ҳаракати одамонро роҳбари техникии корхона тасдиқ менамояд. Дар вақтҳои торикӣ роҳравҳо, гузаргоҳҳои роҳи оҳан ва роҳҳои автомобилгард бояд бо рӯшноӣ таъмин бошанд.

39. Дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод ба ҷои кор бурдани кормандон бояд бо автомобили махсуси бо ин мақсад таҳҷизонидашуда сурат гирад. Хатсайр ва суръати кашондани одамонро роҳбари техникии ташкилот тасдиқ менамояд (дар ҳолати ба дигар ташкилот тааллуқ доштаи нақлиёт, иловатан бо роҳбари ташкилоти паймонкор мувофиқа карда мешавад). Майдонча барои фаровардани кормандон бояд ҳамвор бошад. Майдончаи фаромадану баромадани одамон ба нақлиёт дар қисми

ҳаракати роҳи автомобилгард манъ аст. Кашонидани одамон дар вагонҳои худхоликунанда, дар сабади (кузови) автомашинаҳои худрез, вагончаҳои боркашии роҳи танобӣ ва дигар нақлиётҳо, ки ба ин мақсад таъин нашудаанд, манъ аст.

40. Барои робита байни зинаҳои объектҳои корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод лозим аст, ки зинапояҳои мустаҳками дастқапакдори дутарафа, ки моилии на кам аз 60$^0$, ё ин, ки фаромадгоҳи нишебиаш на кам аз 20$^0$ зарур мебошад. Ҳангоми баландии зинапоя зиёда аз 10 метр будан, паҳноии он бояд на кам аз 0,8 метр бошад. Масофа ва ҷои гузоштани зинапояҳо дар нақшаи рушди корҳои кӯҳӣ муайян карда мешавад. Зинапояҳо ва майдончаҳо доимо бояд аз барф, ях ва ифлосӣ тоза карда шаванд, ҳангоми зарурат қум пошида шаванд.

41. Дар гузаргоҳ ё гузаргоҳҳои зери конвейерҳои тасмагӣ барои муҳофизати одамон аз ғалтидани пораҳои маводи интиқолшуда рафҳои муҳофизатӣ бояд сохта шаванд.

42. Манъ аст:

- ҳузури одамон дар ҷойҳои хатарноки таҷҳизотҳои коркунанда, дар худуди эҳтимолияти кандашавии камарҳо дар зинаҳо ва дар наздикии онҳо;

- кор кардан дар қисми поёни зинаҳо дар камарҳо, дар ҷои овезахои сангҳо, харсангҳои, инчунин овезаҳои барфӣ ва яхӣ. Дар сурати барҳам дода натавонистани ҷинсҳои овезон, ё ин ки тоза карда натавонистани канораҳо, ҳамаи корҳо бояд, ки боздошт карда шавад, одамонро баровarда, қитъаи хатарнокро иҳота карда, аломатҳои огоҳикунанда гузошта мешавад.

43. Барои ҳар як объекти корҳои кӯҳии кушод на дертар аз 15 рӯз то саршавии сол мувофиқи Тавсияҳо оид ба тартиб додани нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо (замимаи 1), нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо (минбаъд-НБС) тартиб дода, бо қисми махсусгардонидашудаи садамавӣ наҷотдиҳӣ-кӯҳӣ мувофиқа карда мешавад.

44. Ҳамаи ҳодисаҳои нохуш, садамаҳои истеҳсолӣ ва воқеаҳои ба онҳо монанд, тибқи Тартиби гузаронидани тафтиш ва баҳисобгирии ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот ва бемориҳои касбӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июли соли 2014, №462 тасдиқ шудааст, ба қайд гирифта шуда, тафтишот бурда мешавад. Оид ба ҳар як ҳодисаи ҷароҳатбардорӣ, ҷабрдида ва ё шоҳид ухдадоранд, ки ҳатман ба роҳбари кор ё танзимгари кӯҳӣ хабар диҳад. Оид ба ҳар як ҳодисаи нохуш ё касалиҳои вазнин танзимгари кӯҳӣ ҳатман ба роҳбари ташкилот хабар медиҳад ва бригадаи «ёрии таъҷилии тиббӣ» -ро даъват мекунад. Ҷойи корие, ки дар он ҷо ҳодисаи нохуш ё садамаи истеҳсолӣ ба амал омадааст, агар ин ба ҳаёт ва саломатии одамон зарар надошта бошад, бояд то саршавии тафтишот бетағйир нигоҳ дошта шавад.

45. Дар ҳар як объекти корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод бояд системаи муҳофизатие амал кунад, ки даромадани одамони бегонаро дар объектҳои ҳаётан зарур ва инчунин биноҳою иншоотҳои хизматӣ истисно намояд.

46. Бе иҷозати хаттии роҳбари техникии корхона (ғайр аз ҳолатҳои садамавӣ) боздошти иншоотҳои ҳаётан муҳим (зеристгоҳҳои электрикӣ, обҷамъкунакҳо, таҷҳизотҳои гармидиҳанда ва дигарҳо) манъ аст.

## 2. ТАЛАБОТИ БЕХАТАРИИ ТЕХНИКӢ ҲАНГОМИ СОХТМОН ВА ИСТИФОДАБАРИИ ОБЪЕКТҲОИ КОРҲОИ КУШОДИ КӮҲӢ

### §1. Корҳои кӯҳӣ

47. Корхонаҳое, ки бо коркарди конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи кушод машғуланд, бояд таъмин намоянд:

- риояи талаботҳои қонунгузорӣ, инчунин стандартҳо ва меъёрҳои технологияи пешбурди корҳо вобаста ба истифодабарии қаъри замин ва коркарди аввалияи ашёи минералӣ, ки тибқи тартиби муқарраркардашуда тасдиқ карда шудааст;
- риояи талаботи лоиҳаҳои техникӣ, нақшаҳои (барнома) рушди корҳои кӯҳӣ, роҳ надодан ба талафёбии аз меъёр зиёд ва коркарди интихобии канданиҳои фоиданок;
- бурдани корҳои геологӣ, маркшейдерӣ ва дигар ҳуҷҷатгузорӣ, нигаҳдории ҳуҷҷатгузорӣ дар раванди истифодабарии қаъри замин;
- пешниҳоди маълумоти дақиқ дар бораи захираҳои иктишофшуда, истихроҷмешуда, дар қаъри замин боқимондаи канданиҳои фоиданок ва файзнокии онҳо ба фонди иттилооти геологӣ ва идораи давлатии омор;
- тибқи тартиби муқарраргардида риояи стандартҳои тасдиқшуда (меъёр, қоида) дар самти ҳифзи қаъри замин, фазои атмосферӣ, замин, ҷангал, об ва инчунин бино ва иншоотҳо аз таъсири манфии вобаста ба қаъри замин;
- ба ҳолати корӣ овардан ва дар оянда барои истифода қарор додани майдони заминҳое, ки ҳангоми истифодабарии қаъри замин вайрон шудаанд, нигоҳдории кандаҳои кӯҳии иктишофӣ ва пармачоҳҳо, ки ҳангоми коркарди кон ва барои дигар мақсадҳои хоҷагидорӣ истифода бурда мешаванд;
- барҳам додани кандаҳои кӯҳӣ ва пармачоҳҳое, ки истифода бурда намешаванд;
- иҷро намудани шартҳои иҷозатномаҳо.

48. Корҳои кӯҳӣ оид ба кофтани хандақҳо, коркарди зинаҳо, майдонҳои заҳбурканӣ, рехтани партовҳо бо дарназардошти шароити муҳандисӣ- геологӣ ва истифодаи дастгоҳҳои истифодашаванда тибқи лоиҳаи маҳаллии иҷрои корҳо (шиноснома), ки роҳбари техникии корхона тасдиқ намудааст, бояд иҷро карда шавад. Дар шиноснома андозаҳои имконпазири майдонҳои корӣ, бермаҳо, кунҷҳои афтиш, баландии зинаҳо, призмаҳои фурӯравӣ, масофа аз таҷҳизотҳо ва нақлиётҳои кӯҳи то канори зина ва партовгоҳҳо нишон дода мешавад. Мӯҳлати амали шиноснома вобаста ба шароити пешбурди корҳои кӯҳӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми тағйир ёфтани шароити кӯҳӣ-геологии корҳои кӯҳӣ то аз нав таҳия намудани шиноснома, корҳои кӯҳӣ бояд боз

дошта шаванд. Ҳамаи шахсони назоратчии техникӣ, мутахассисон ва кормандоне, ки корҳои дар шиноснома нишондодашударо иҷро менамоянд, онҳое, ки барояшон талаботҳои шиноснома муҳим аст, дар шиноснома бо имзо бояд шинос карда шаванд. Бурдани корҳои кӯҳӣ бе шиносномаи тасдиқшуда ва инчунин вайрон кардани талаботҳои он манъ аст.

49. Атрофи майдони саноатии объекти корҳои кушоди кӯҳӣ бояд бо минтақаи ҳимоявӣ- санитарӣ муқаррар карда шуда бошад, ки андозаи он дар лоиҳа тибқи меъёрҳои санитарии амалкунанда муайян гардидааст.

50. Баландии зинаҳо дар лоиҳа нишон дода мешавад, ки он дар натиҷаи таҳқиқи хосиятҳои физикӣ- механикии ҷинсҳои кӯҳӣ ва кандании фоиданок, инчунин шартҳои кӯҳӣ-геологию хобиши он ва параметрҳои таҷҳизотҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми истифодабарии экскваторҳо ва боркунакҳои гидравликӣ бехатарии баландии зина бо назардошти андозаи давраи ҳаракати бели (ковш) он ҳисоб карда мешавад.

51. Ҳангоми истифодабарии экскаваторҳои танобӣ баландии зина:

- на бояд аз баландии максималии кории бели экскаватор;

- баландӣ ва ё жарфи кории драглайн ва экскваторҳои бисёрбела, занҷирӣ ва роторӣ зиёд бошад.

-дар ҷинсҳои кӯҳии нарм, мустаҳкам ва зич 6 м ва дар ҷинсҳои кӯҳии нарм ноустувор ва резанда 3 метр бошад.

52. Ҳангоми коркарди ҷинсҳои кӯҳӣ бо тариқи корҳои пармакунию таркишӣ баландии зина то якуним баробари баландии кории экскватор иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат зинаҳо ба зерзинаҳо тақсим карда мешаванд ё чораҳои махсус оид ба бехатар иҷро намудани фурӯрезонии овезаҳо таҳия ва амалӣ карда мешавад.

53. Нишеби зинаҳои корӣ дар лоиҳа бо дарназардошти хусусиятҳои физикию механики ҷинсҳои кӯҳӣ муайян карда мешавад ва:

-ҳангоми кори экскаваторҳои навъи бели механикидошта, драглайнҳо ва экскаваторҳои роторӣ – аз $80^0$;

-ҳангоми кори экскаваторҳои занҷирии бисёрковша бо кандан аз поён ва ҳангоми коркарди дастии ҷинсҳои кухии суст, рехташаванда - аз кунҷи афтиши табиии ин ҷинсҳо бояд зиёд набошад.

54. Меъёри ниҳоии нишебии зинаҳо дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод (карер), канораҳои қитъаҳои муваққатан хобондашуда ва канораҳо дар умум (кунҷи боэътимод) лоиҳа муайян менамояд ва дар раванди истифодабарӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ, бо хулосаи мусбии экспертиза оид ба баҳодиҳии эътимоднокии devораҳо ва нишебиҳои карер саҳеҳ карда мешавад.

55. Паҳноии майдонҳои кории объектҳои корҳои кӯҳӣӣ тарзи кушод бо назардошти таъиноти истифодабарӣ, инчунин ҷойгиршавии таҷҳизотҳои кӯҳию нақлиётӣ, роҳҳои нақлиётӣ, хати барқ ва алоқа дар он тибқи лоиҳа муайян карда мешавад. Масофаи канори поёни зина (анбуҳи ҷинсҳои кӯҳӣ) ва канори болои зина то тири наздиктарини роҳи оҳан бояд аз 2,5 метр кам набошад.

56. Ташкил кардани девораҳои ғайрикории объекти корҳои кӯҳии тарзи кушод ва аз нав ба кор даровардани онҳо дар асоси лоиҳаи корие, ки бехатарии гузаронидани онҳоро пешбинӣ менамояд, бояд гузаронида шавад.

57. Ҳангоми корҳои қабаткушоӣ масофаи байни канораи поёнии нишебии зинаи карер ва хоктӯдаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ тибқи лоиҳа муқаррар карда мешавад. Ҳангоми мавҷуд будани роҳи оҳан ва ё конвейерҳо масофа аз канораи поёнии хоктӯда то тири роҳи оҳан ва ё тири конвейр на бояд аз 4 метр кам бошад.

58. Фосилаи байни бермаҳои ҳамҳудуд ҳангоми саркӯб кардани зинаҳо ва овардани онҳо дар ҳолати ниҳоӣ, паҳноӣ, сохт ва тартиби хизматрасонии бермаҳои ҳимоявӣ дар лоиҳа муайян карда мешавад. Ҳангоми истифодабарии кон нишондодҳои зинаҳо ва бермаҳои ҳимоявӣ дар ҳолати зарурӣ дар асоси натиҷаи ташхиси хусусиятҳои физикӣ – механикии ҷинсҳои кӯҳӣ дар лоиҳа дақиқ карда мешавад. Ҳангоми саркӯб намудани зинаҳо ва овардани онҳо дар ҳолати ниҳоӣ нишебии умумии канораҳои карер, ки дар лоиҳа нишон дода шудааст, бояд риоя карда шавад.

59. Буриши кундалангии бермаҳои ҳимоявӣ бояд ҳамвор бошанд, ё нишебии он ба тарафи девораи объекти корҳои кӯҳии тарзи кушод равон шуда бошад. Бермаҳое, ки дар он кормандон мунтазам рафтуо мекунанд, бояд панҷараи муҳофизатӣ дошта бошад ва ҳама вақт аз рехтаҳо ва пораҳои ҷинсои кӯҳӣ тоза карда шавад.

60. Дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод назорати ҳолати девораҳо хандакҳо, зинаҳо, нишебӣ ва хоктӯдаҳо зарур мебошад. Дар ҳолати падидор шудани нишонаҳои ҳаракати ҷинсҳои кӯҳӣ, корҳо хотима дода шуда, чораҳо оид ба мустаҳкам намудани онҳо бояд таъмин карда шавад. Корҳо бо иҷозати роҳбари техникии корхона дар асоси лоиҳаи ташкилии корҳо, ки тарзи бехатарии иҷрои корҳоро таъмин менамояд ва аз тарафи ӯ тасдиқ карда шудааст, аз нав барқарор карда мешавад. Мӯҳлати азназаргузаронӣ ва мушоҳидаҳои инструменталии деформатсияи девораҳо, нишебиҳо, зинаҳо ва хоктӯдаҳои объекти корҳои кӯҳии тарзи кушод тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрии дахлдор муайян карда мешавад.

61. Мунтазам тоза намудани зинаҳо аз ҳаргуна овезаҳо ва камарҳо ҳатмӣ мебошад. Корҳои тозакунии нишебиҳо ва зинаҳо бо усули механиконидашуда бояд гузаронида шавад. Тоза намудани зинаҳо бо истифодаи корҳои пармагарию таркишӣ танҳо дар асоси лоиҳи махсус иҷозат дода мешавад. Дастӣ тоза намудан дар асоси супориш- иҷозат таҳти назорати бевоситаи роҳбари баст ва ё сардор амалӣ карда мешавад.

62. Дар ҳолати кор намудан дар нишебиҳои зинаи кунҷи моилиаш зиёда аз $35^0$, шахсони пармакунанда, тозакунандаи нишебиҳо ва иҷрокунандаи дигар намуди корҳо, ки дар асоси супориши корхона ва тибқи лоиҳаи алоҳида гузаронида мешавад, дар ҳузури шахси назоратчӣ

бо истифода аз камарбанди ҳимоявӣ ва таноб, ки дар такягоҳи боэътимод мустаҳкам карда карда шудааст, амалӣ карда мешавад. Камарбанди ҳимоявӣ ва тасмаҳои эҳтиётӣ ҳангоми истифодабарӣ тибқи талабот бояд аз озмоиш гузаронида шуда, дар бораи таърихи озмоиши навбатӣ тамға дошта бошад.

63. Масофаи уфуқии ҷойҳои корӣ ё механизмҳо, ки дар ду зина ба таври амудӣ ҳамҳудуд қарор доранд, бояд на кам аз 10 м ҳангоми коркарди дастӣ ва ҳангоми коркард бо экскаватор на кам аз якуним баробари доираи (радиуси) ниҳоии кори экскаватор бояд ташкил диҳад. Ҳангоми кори ду ва зиёда экскаваторҳо дар як уфуқӣ корӣ, масофаи байни онҳо на кам аз суммаи максималии доираи кори онҳо (экскаваторҳо) қабул карда мешавад (барои драглайнҳо бо дарназардошти масофаи партофтани ковш).

64. Дар мавзеъҳое, ки бо сабаби мавҷудияти коркардҳои зеризаминӣ ё холигиҳо эҳимолияти резиш, фурӯравиҳо ба вуҷуд омадааст, бояд чораҳои махсус андешида шаванд, ки бехатарии корҳоро таъмин намояд (пармакунии пешакии иктишофӣ, ҳангоми таркиш муваққатан ба ҷои дигар бурдани мошину таҷҳизотҳои кӯҳӣ, ки дар наздикии мавзеи хатарнок қарор доранд ва ғайра). Дар баробари ин зарур аст, ки аз ҳолати девораҳо ва майдонҳо мушоҳидаҳои маркшейдерии дақиқ гузаронида шаванд. Ҳангоми падидор гаштани аломатҳои ғеҷиш корҳо қатъ карда мешаванд. Аз нав барқарор намудани кор танҳо дар асоси лоиҳаи махсуси иҷрои корҳо, ки аз тарафи роҳбари техникӣ тасдиқ шудасту ва бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шудааст ва дар он чораҳои иловагии бехатарӣ нишон дода шудааст, иҷозат дода мешавад.

65.Дар лоиҳаи коркарди конҳое, ки аз ҷинсҳои кӯҳии ба ярчшавӣ моилдошта таркиб ёфтаанд, бояд чораҳои махсуси бехатарӣ пешбинӣ карда шаванд. Агар тамоили ярчшавӣ дар ҷараёни корҳои кӯҳӣ мушоҳида шавад, дар лоиҳа иловаҳои зарурӣ ворид намуда, чораҳои бехатарии дар лоиҳа дарҷгардидаро амалӣ намудан зарур аст.

66. Ҳангоми дар кон дар як вақт гузаронидани корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод ва зеризаминӣ, инчунин иҷрои корҳо ва истифодаи нақбҳои зеризаминии дренажӣ, дар асоси чорабиниҳои якҷояе, ки бехатарии кормандонро дар корҳои кушод ва зеризаминӣ таъмин менамояд ва бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шудааст, амалӣ карда мешавад, аз ҷумла:

-мувофиқакунонии нақшаҳо ва ҷадвали бурдани корхои кӯҳӣ ва таркиши;

- истифодаи нақшаи ҳаводиҳии фишории корҳои зеризаминии кон;

- аз тарафи намояндагони ташкилотҳои касабавии наҷотдиҳию садамавӣ санҷиши ҳолати атмосфераи нақбҳои зеризаминӣ баъд аз таркишхои калон дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод (карер);

-пешгири намудани ҳолати хавфи рахназании об ба объектҳои кандаҳои зеризаминӣ аз объектҳои корҳои кӯҳии кушод;

-таъмин намудани масъулини баст, сардорҳо бо воситаҳои санҷишӣ бо мақсади назорати таркиби атмосфера аз лиҳози моддаҳои заҳролудкунандаи таркишӣ.

67. Иҷрои чорабиниҳои мазкур мунтазам аз тарафи роҳбари техникӣ ва мутахассисони объектҳои корҳои кӯҳии кушод ва зеризаминӣ назорат карда мешавад. Корҳо бояд тибқи ҳуҷҷатгузории меъёрӣ оид ба бехатарона гузаронидани корҳои кӯҳӣ дар корҳои муштараки (маҷмӯии) коркарди маъдан ва ғайри маъдани конҳои канданиҳои фоиданок гузаронида шавад.

68.Бурдани корҳои кӯҳӣ бо технологияи бетаркиш ва ё муштараки омода намудани анбӯҳи ҷинсҳои кӯҳии сахт барои бор кардан бо истифода аз моеъҳои нармкунанда, бо регламенти махсуси технологӣ (харита) ташкил карда мешавад. Дар регламент тадбирҳои бехатарии истифодабарӣ ва тайёр намудани моеъҳо, инчунин бузургиҳои корҳои пармакунию-таркишӣ, пуркунӣ ва корҳои кӯҳӣ дар назардошта мешавад. Регламенти технологиро роҳбари техникии ташкилот тасдиқ менамояд.

69. Дар коркарди конҳои канданиҳои фоиданок, ки майли худдаргирӣ доранд, кушодан, тайёр намудан ва истихроҷ бояд бо назардошти ин омил бояд гузаронида шавад. Хоктӯдаҳои ҷинсҳои кӯҳие, ки ба он ҷинсҳои кӯҳии майли худдаргирӣ рехта мешаванд, бо риояи ҳатмии чорабиниҳои пешгирикунанда, ки аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ карда шудааст, ташкил карда шавад.

70. Ҳангоми бурдани корҳо дар мавзеъҳое, ки хавфи фаромадани тарма ва сел вуҷуд дорад, ҳатман чораҳои муҳофизатӣ аз тармафаромӣ ва сел бояд амалӣ карда шавад. Нақшаи чорабиниҳои зиддитармафаромӣ ва зиддиселӣ бо дарназардошти ба инобат гирифтани шароитҳои маҳаллӣ таҳия карда шуда, аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ карда мешавад.

71. Корҳои обкунии замин, дар асоси лоиҳаи махсус, ки бехатарии бурдани корҳоро таъмин менамояд, бояд амалӣ карда шавад.

72. Кандаҳои кӯҳна ва зериобмонда ва манбаъҳои обии рӯизаминӣ бояд дар нақшаҳои корҳои кӯҳӣ нишон дода шаванд.

73. Корҳои кӯҳӣ дар наздикии кандаҳои кӯҳии зериобмонда ё манбаъҳои обӣ, тибқи лоиҳаи махсус, ки гузоштани сутунҳои махсусро барои пешгирии рахназании об пешбинӣ менамояд, гузаронида мешавад.

74. Дар ҷойҳое, ки ба кормандон ва таҷҳизотҳо хавф таҳдид менамояд (манбаъҳои обӣ, кандаҳои зериобмонда ва ғайра) ҳатман аломатҳои огоҳкунанда бояд гузошта шаванд.

75. Корхонаҳое, ки тибқи иҷозатнома дар соҳили дарёҳо ва ё маҷрои дарёҳо ба истихроҷ ва коркарди канданиҳои фоиданок машғуланд, уҳдадоранд, ки оид ба соҳилмустаҳкамкунӣ чораҳо тартиб дода, онро амалӣ намоянд.

76. Ҳаҷми солонаи истихроҷи омехтаҳои регу шағал аз соҳил ва маҷрои дарёҳо бо ташкилоту мақомотҳои дахлдор, аз ҷумла бо Вазорати нақлиёт ва Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ бояд мувофиқа карда шавад.

§2. Корҳои пармагарӣ

77. Мавзеъҳои корӣ барои корҳои пармагарӣ бояд таъмин бошанд:
- бо фронти корӣ (майдончаи тозакардашуда ва ҳамворкардашуда);
- бо маҷмуъи асбоби коршоями пармакунӣ;
- бо лоиҳаи (шиноснома, харитаи технологӣ) корҳои пармакунӣ.

78. Таъмини маркшейдерии корҳои пармагарию таркишӣ тибқи талаботҳои муқаррар карда шуда, бояд гузаронида шавад.

79. Дастгоҳи пармакуни бояд дар майдончаи ҳамвор кардашуда, дар масофаи бехатар аз канори болоии зина, ки дар асоси ҳисоб ва ё лоиҳа муайян кардашуда, ва на кам аз 2 м аз канори зина то нуқтаи наздиктарини такягоҳи дастгоҳ гузошта мешавад. Тири дарозии он ҳангоми пармакунии қатори якуми пармачоҳҳо бояд ба хати канори зина перпендикуляр бошад. Ба зери домкрати дастгоҳи пармакунӣ пораҳои ҷинсҳои кӯҳиро гузоштан манъ аст. Ҳангоми гузоштани дастгоҳи пармагарӣ бо пармакунии куррашакл дар қатори якуми пармачоҳҳо аз канори зина идораи дастгоҳ ба таври дистансионӣ бояд амалӣ карда шавад.

80. Ҷойивазкунии дастгоҳи пармакунӣ бо манораи бардошташуда дар зина танҳо дар майдончаи ҳамворкардашуда иҷозат дода мешавад. Дар мавриди гузарондани дастгоҳи пармагарӣ аз як зина ба зинаи дигар ё дар зери хати барқи баландшиддат, манораи он бояд ба ҳолати нақлиётӣ хобонида шуда, асбоби пармакуни ҷудо ё боэътимод мустаҳкам карда мешавад.

81. Пармакунии пармачоҳҳо тибқи дастурамале, ки дар асоси дастурамалҳои соҳавӣ барои намудҳои алохидаи пармакунӣ (аловӣ, даврагӣ ва ғайра) тарафи ташкилотҳо таҳия гардидааст, гузаронида мешавад.

82. Пармакунии пармачоҳҳо бо дастгоҳҳои пармакунии аловӣ (ҳароратӣ) дар нақбҳои кӯҳӣ, ки ҷинсҳои кӯҳии майли худдаргирӣ доранд ва газҳои зарҳолуд мебароранд, манъ аст.

83. Пармачоҳҳое, ки қутри даҳанаи онҳо зиёда аз 250 мм аст, баъд аз тамом кардани пармакунӣ бояд маҳкам карда шаванд. Қитъаҳои пармачоҳҳои пармакардашуда бояд бо аломатҳои огоҳкунанда иҳота карда шавад. Тартиби иҳота намудани минтақаҳои пармакардашуда ва маҳкамкунии онҳо аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ карда мешавад.

84. Ғалтаки дастгоҳҳои пармакунии чархзананда бо васл ва ҷудокунии ғайримеханикии қубури пармачоҳ ва тозакунии даҳанаи пармачоҳ, бояд panҷараи муҳофизатӣ дошта бошад, ки дар муҳаррики чархзанӣ бо додани қувваи барқ блокировка карда мешавад.

85. Кор дар дастгоҳҳои пармакунӣ, ки маҳдудсози аз нав баровардани олати пармакунии он вайрон аст, тормози ғарғараи борбардорӣ ва системаи чангфурунишон надорад, манъ аст.

86. Таноби борбардории дастгоҳи пармакунӣ бояд ба сарбории максималӣ ҳисоб карда, захираи устувории панҷкарата дошта бошад. Дар мавриди интихоб намудани таноб санади завод - сертификати онро ба роҳбарӣ гирифтан зарур мебошад. Механики қитъа ё дигар шахси махсус

таъин карда шуда на кам аз як маротиба дар ҳафта назорати берунии танобро санҷида, дар бораи натиҷаҳои азназаргузаронӣ ба дафтар кайд менамояд. Нӯги симҳои баромада (кандашуда) бояд бурида шаванд. Ҳангоми мавҷуд будани 10 % симҳои кандашуда ба дарозии як қадами дастпечи таноби борбардор, танобро ҳатман иваз намудан лозим аст.

87. Ҳангоми пармакунӣ бо перфоратор ва пармаи электрикӣ паҳноии бермаҳои корӣ бояд на кам аз 4 м бошад. Харсангҳои калон, ки барои пармакунӣ омода гардидаанд, дар як қабат дар минтақае, ки фурурафии зинаҳо мушоҳида намешавад, бояд гузошта шаванд.

## 3. ТАШКИЛИ ХОКТӮДАҲО

### §1. Хоктӯдаҳои рехташуда ва нуқтаҳои ҳамлу нақл

88. Мавзеи ҷойгиршавӣ, микдор, тартиби ташаккул ва истифодабарии хоктӯдаҳои дохилӣ ва берунӣ, ишқоркунии тӯдавӣ, андозаи онҳо дар лоиҳа пешбинӣ карда мешавад. Қабл аз интихоб кардани мавзеъ барои хоктӯдаҳо, омӯзиши геологӣ-муҳандисӣ ва гидрогеологӣ бояд гузаронида шавад. Дар лоиҳа хусусиятҳои ҷинсҳои кӯҳии минтақаҳо, ки барои интихоби ҷои хоктӯда муайян карда шудааст, бояд нишон дода шавад. Тартиби ташкил ва истифодабарии хоктӯдаҳое, ки дар болои кандаҳои кӯҳии зеризаминии амалкунанда қарор доранд, инчунин пуркунии фурӯрафтаҳо ва майдонҳои коркардшудаи объекти корҳои кушоди кӯҳӣ бо лоиҳаи махсус муайян карда мешавад. Корҳои кӯҳӣ бо хоктӯдаҳои андармиён (анборҳо) тибқи лоиҳае, ки роҳбари техникии корхона тасдиқ намудааст, гузаронида мешавад. Ҷойгиркунонии хоктӯдаҳо дар майдони конҳое, ки бо тарзи кушод коркард карда мешаванд, манъ аст.

89. Мавзеи ҷойгиршавии нуқтаҳои ҳамлу нақл дар минтақаҳои кории карер тибқи нақшаи рушди корҳои кӯҳӣ муайян карда мешаванд. Нуқтаҳои ҳамлу нақл аз рӯи лоиҳае, ки роҳбари техникии корхона тасдиқ кардааст, бояд иҷро карда шавад. Лоиҳаи нуқтаҳои ҳамлу нақл бояд муайян намояд: тартиби ташкил ва истифодабарӣ, миқдор ва андозаи секторҳо, нақшаи равшанидиҳӣ ва таъмини барқии экскаваторҳо ва истгоҳи назорати маъдан, нақшаи танзим ҳаракат дар майдони бор холикунии нуқтаи ҳамлу нақл, самти ҳаракати одамон, сигналҳои равшанӣ ва садоӣ.

90. Ҳангоми ҷойгир намудани хоктӯдаҳо дар нишебкӯҳҳо бояд чораҳои махсус, ки ғеҷишро пешгирӣ менамояд, андешида шавад. Дар лоиҳа ба дигар самт равона кардани обҳои борон ва заминӣ бояд нишон дода шавад.

91. Дар хоктӯдаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ ҷамъ намудани барф манъ аст. Дар минтақаҳое, ки боришот дар намуди барф хеле бисёр дида мешавад, анборкунонии ҷинсҳои кӯҳӣ аз руйи лоиҳае, ки дар он таъмини бехатии корҳо дар ҳама фасли сол ба назар гирифта шудааст ва он бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шудааст, бояд амалӣ карда шавад.

92. Ҳангоми пайдошавии нишонаҳои ярчпайдошавӣ корҳо дар партовгоҳпайдошавӣ, бояд то коркарда баромадан ва тасдиқ гардидани меъёрҳои бехатарии махсус нигоҳ дошта шавад. Корҳо инчунин ҳангоми фишурдашавии партовгоҳҳо, ки дар дастурамалҳои ҷойдошта нишон дода нашудааст нигоҳ дошта мешавад. Корҳо дар партовгоҳҳо баъд аз андозагирии фишурдашавии партовгоҳҳо, ки натиҷаи мусби ба даст меояд ва бо иҷозати хаттии роҳбари техникӣ тасдиқ мешавад, ба роҳ монда мешавад.

93. Имконияти рехтани хоктӯдаҳо дар ҳудуди ботлоқзорҳо тибқи лоиҳаи махсус иҷро карда мешавад, ки дар он чораҳои бехатарӣ оид ба ташкили хоктӯдаҳо пешбинӣ шудааст. Партофтани обҳои карерӣ ва рӯи заминӣ ба хоктӯдаҳо манъ аст.

94. Баландии хоктӯдаҳо ва қабатҳои он, нишебӣ ва призмаи фурӯафтонӣ, суръати пешрафти фронти кор дар хоктӯдаҳо тибқи лоиҳа вобаста ба хусусиятҳои физикӣ – химиявии ҷинсҳои кӯҳии хоктӯда ва таҳкурсии он, тарзи ташкили хоктӯдаҳо ва релефи мавзеъ муайян карда мешавад.

95. Баландии қабати нуқтаи ҳамлу нақл бояд ба талаботхои и 59 – и Қоидахои мазкур мувофиқат кунад. Роҳҳои оҳании боркунӣ бояд аз сатҳи истодани экскаватор ё дигар механизм бояд баланд бошад, ки он дар шиноснома муайян карда шудааст.

96. Масофа аз тири роҳи оҳан то канори хоктӯдаҳои сипорӣ баъди ҳар ҷой иваз намудани роҳ вобаста ба мустаҳкамии зинаҳои хоктӯда муқаррар карда мешавад ва он бояд: на кам аз 1600 мм – ҳангоми иқтидори борбардории думпкар то 60 тонна; 1800 мм – ҳангоми иқтидори борбардории думпкар зиёда аз 60 тонна муайян карда шудааст. Дар хоктӯдаҳое, ки бо экскаваторҳои якбела таҷҳизонида шудааст, ҷойҳои борфарории думпкарҳо масофа аз тири роҳи оҳан то канори болои бояд: на кам аз 1600 мм – барои роҳи оҳани муқаррарӣ; на кам аз 1300 мм – барои роҳи оҳани бараш 900 мм, бояд ташкил намояд.

97. Дар охири роҳи борфарории сарбаста бояд такягоҳҳо аз руйи лоиҳаи тасдиқнамудаи роҳбари техникии ташкилот гузошта шаванд, ки он аломатҳои дурусти монеаҳои роҳӣ дошта бошад ва дар торикӣ бо равшаннокӣ ё маводи инъикоскунандаи рушноӣ пушонида шуда бошад. Аломатҳои монеаҳои роҳ аз маркази роҳ дар масофаи на кам 2,5 метр ва баландии 1,5 метр дар тарафи машинисти локомотив гузошта мешавад. Дар роҳи сарбастаи борфарорӣ бояд аломати сигнали «Таваққуфи локоматив!» дар масофаи зиёдтарин аз дарозии қатора дар ҷои борфарорӣ гузошта мешавад.

98. Қабули поездҳои бордор барои борфарорӣ дар хоктӯдаҳо, баъди ҳар як ҷойивазкунии роҳ танҳо бо иҷозати сардори техникии баст бо қайди дахлдор дар дафтари махсус, ба роҳ монда мешавад.

99. Қатораҳои бор карда шуда дар роҳи сарбастаи хоктӯдаҳо барои борфарорӣ бояд бо вагонҳо дар пеш нигаронида шуда бошад, ба истиснои додани онҳо дар абзетсери роҳи оҳани хоктӯда. Фиристонидани қаторахои бор карда шуда бо локомотивҳо дар пеш танҳо дар ҳолате

иҷозат дода мешавад, ки шартҳои иловагии таъмини бехатарӣ тартиб дода шуда, роҳбари техникии ташкилот тасдиқ намояд ва он бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шавад.

100. Ҳангоми борфарории думпкарҳо одамон берун аз минтақаи фуру афтии ҷинсҳои кӯҳӣ бояд қарор дошта бошанд. Дар қади роҳи оҳан дар ҷойи борфарории каторахо аз тарафи муқобил бояд майдончаи ҳамвор барои хизматрасонии ҳайати қатора ба нақша гирифта шуда бошад. Тоза намудани думпкарҳо бояд механикунонида бошад. Дастӣ тоза намудани думпкарҳо бо риоя намудани чораҳои махсуси бехатарӣ, ки роҳбари техникии ташкилот тасдиқ кардааст, иҷозат дода мешавад. Дастӣ тоза намудани думпкарҳо дар чуқурчаҳои борқабулкунак манъ аст. Барои холӣ намудани думпкарҳо аз ҷинсҳои кӯҳии яхбаста, часпонак ва харсангҳои калон бояд чорабиниҳо тартиб дод, ки он аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ карда мешавад.

101.Чаппа намудани кузови думпкарҳо ва баргардонидани онхо ба ҳолати нақлиётӣ баъд аз борфарори бе ёрии тиргакҳо, шпалҳо, релсҳо ва ғайра бояд амалӣ карда шавад.

102. Дар вақти ҳаракат ва таъмири роҳи оҳан, дар қитъаҳои роҳе, ки дар он корҳои номбурда гузаронида мешаванд, бояд бо сигналҳо иҳота карда шаванд.

103. Роҳҳои мошингузар берун аз ҳудуди афтиши ҷинсҳои кӯҳӣ аз нишебиҳои хоктӯдаҳо бояд ҷойгир шуда бошанд. Дар хоктӯдаҳо навиштаҷотҳои огоҳкунанда барои одамон дар бораи хатарнок будани нишебиҳои хоктӯдаҳо, дар наздикии пойдеворахо ва дар ҷойҳои борфарории воситаҳои нақлиёт бояд гузошта шавад.

104. Автомобилҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт бори худро дар хоктӯда бояд дар ҷойҳое фароранд, ки тибқи шиноснома ва берун аз призмаи фурӯрезӣ (ғеҷиш) пешбинӣ шудааст. Андозаи ин призма аз тарафи кормандони хадамоти маркшейдерӣ муайян карда шуда, ҳама руза ба маълумоти шахсоне, ки дар хоктӯдаҳо кор мекунанд, расонида мешавад. Дар хоктӯдаҳо бояд накшаи ҳаракати автомобилҳо гузошта шавад. Маҳали борфарорӣ аз ду тараф бо аломати тасвири автосамосвал бо кузови болокардашуда ва нишон додани самти борфарорӣ бояд ишора карда шавад.

105. Майдони хоктӯдаҳои булдозерӣ ва нуқтаҳои борфарорӣ бо тамоми дарозии борфарориашон бояд нишебии кундалангии на кам аз $3^0$, аз канори нишебӣ ба самти маркази хоктӯда ба дарозии автосамосвали корӣ дошта бошад ва ҳатман гардиши автомобилҳо, автопоездхо, булдозерҳо ва дигар воситаҳои нақлиётро бояд таъмин намояд. Маҳали борфарорӣ бояд аз ду тараф бо аломатҳо маҳдуд карда шавад. Дар тамоми худуди маҳали борфарорӣ тибқи шиноснома бояд қабати ҷинсҳои кӯҳӣ (наварди эхтиётӣ) ба баландии на кам аз 0,5 метр андозаи максималии қутри чархи мошини борбардори максималӣ, ки дар шароити мазкур истифода мешавад, бояд рехта шавад. Наварди эхтиётӣ барои ронандагон ҳамчун аломат хизмат мерасонад. Ба наварди эҳтиётӣ ворид шудан ҳангоми борфарорӣ манъ аст. Дар набудани ингуна наварди ва

номутобиқии баландии он, ки дар шиноснома талаб карда мешавад, наздик шудан ба канори партовгоҳ ба масофаи 5 метр ё ба масофаи дар шиноснома нишондода, манъ аст. Ҳамаи кормандоне, ки дар хоктӯдаҳо ва нуқтаҳои ҳамлу нақл фаъолият менамоянд, бояд дар шиноснома бо имзо шинос шуда бошанд. Баландии панҷараи муҳофизатӣ дар дули борфарории бункери қабулкунӣ баробари на кам аз 0,5 қутри чархи автомобил бояд бошад. Ҳангоми истифодабарии автомобилҳои иқтидори борбардориашон гуногун майдони воридот ба бункери қабул бояд ба секторҳое тақсим карда шавад, ки баландии панҷараи муҳофизатии дули борфарорӣ барои автомобилҳои борбардориашон мувофиқ ҷудо карда шуда бошад.

106. Барои борфарорӣ автомошина бояд ба қафо ҳаракат намояд ва булдозер бошад нисбат ба канори болоӣ бояд дар ҳолати перпендикуляр корро иҷро намояд. Дар ин ҳангом булдозер бо бели худ ба пеш бо ташкил намудани наварди эҳтиётӣ тибқи шиносномаи нуқтаи ҳамлу нақл ҳаракат менамояд. Борфарории автосамосвалхо дар ҳудуди призмаи фуруравӣ, ки дар нишебиҳои он коркади экскаваторӣ ба амал омадааст манъ аст.

107. Корҳо дар секторҳо тибқи шиносномаи иҷрои корҳо ба роҳ монда шуда, бо ишораҳои махсус танзим карда мешаванд. Дар як сектор корҳои якҷояи булдозер ва автосамосвал бо экскаватор манъ аст. Масофаи байни мошини борфароранда ва мошини гузаштаистода бояд аз 5 метр кам набошад. Дар эстакадаи майдони борфарорӣ сохтани шабакаи васлкунанда манъ аст.

108. Дар майдонҳои анборкунии массаи кӯҳӣ (ҷинсҳои кӯҳӣ), дар ҷойҳои борфарорӣ, нуқтаҳои ҳамлу нақл (анборҳо) ҳозир будани шахсони бегона, воситаҳои нақлиёт ва техникаҳое, ки ба технологияи корҳои ҳамлу нақл алоқаманд нестанд, манъ аст. Дар ҳамагуна ҳолатҳо одамон аз механизмҳо дар масофаи на кам аз 5 метр дур бояд қарор дошта бошанд.

109. Аз тарафи хадамоти геологӣ – маркшейдерии корхона ҷиҳати устувории ҷинсҳои кӯҳӣ дар хоктӯдаҳо мунтазам назорат бояд бурда шавад, дар вақти ҷойгир намудани хоктӯдаҳо дар нишебкӯҳҳо назорати асбобии хамшавии майдони хоктӯдаҳо ба роҳ монда мешавад. Зичии мушоҳида, миқдори хатҳои мушоҳидавӣ ва дарозии онҳо, ҷойгиршавӣ, намуди аломатҳо ва масофаи байни онҳо дар хатҳои мушоҳидавӣ тибқи лоиҳаи стансияи мушоҳидавӣ муайян карда мешавад.

### §2. Партовҳои обовард (партовгоҳи обӣ) дар объектҳои кории кӯҳии тарзи кушод

110. Сохтмон ва истифодабарии партовгоҳҳои обӣ дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод танҳо бо мавҷуд будани ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ, ки дар асоси таҳқиқотҳои кӯҳӣ-геологӣ ва муайян намудани хосиятҳои физикӣ-механикии ҷинсҳои кухӣ таҳия карда шудааст, иҷозат дода мешавад.

111. Дар равиши истифодабарии партовгоҳи обӣ ва ҳангоми баланд намудани садди муҳофизатӣ бурридани ҷинсҳои кӯҳӣ, сохтани карер ва чоҳбун дар қисми поёни сарбанд ва нишебии он, инчунин дар худи захирагоҳи партовгоҳ иҷозат дода намешавад.

112. Баландии теғаи сарбанди партовгоҳи обӣ ва ё баландии сатҳи об дар нишебии болои сарбанди он аз сатҳи об: барои анборгоҳи дараҷаи I ва II на кам аз 1,5м, барои анборҳои III ва IV-1,0м бояд бошад. Барои назорати сатҳи об дар кули анбор дар ҷои мувофиқ аз маводи хамнашаванда хатчӯби мушоҳидавӣ бо тақсимоти сантиметрӣ гузошта мешавад. Сифри хатчӯб ба нуқтаи такягоҳӣ пайваст карда шуда, ҳар сол санҷида мешавад.

113. Ҳангоми баромадани лойоба ба соҳил барои пешгирӣ намудани резиши он ба теғаи садд ва нишебии поёнии он, баландии теғаи садди партовгоҳ дар нишебии болоӣ нисбати соҳил бояд на кам аз диаметри лойобапарто, на кам аз 0,5 м баробар бошад.

114. Дарозии соҳили сатҳиобӣ дар муддати истифодабарии партовгоҳҳои обӣ бояд бо нишондодҳои лоиҳавӣ барои ҳар як қабати оповард мутобиқат намояд: барои полоишгоҳҳои класси I – на кам аз 50 м, барои полоишгоҳҳои класси II – 40м, барои полоишгоҳҳои класси III – 30м, барои полоишгоҳи класси IV – 20 м.

115. Минтақаи партовгоҳи обӣ бояд иҳота шуда, нишонаву аломатҳои огоҳкунанда гузошта шуда бошад. Барои хизматрасонии оповард кӯпруки дастадор сохта мешавад. Наздик шудан ба ҳавз-полоишгоҳ, ҷойҳои шусташуда, фурӯрафта ва даҳанаҳое, ки дар партовгоҳ пайдо шудааст, инчунин роҳ рафтан дар рӯи яхи ҳавзи полоишгоҳ манъ аст.

116. Барои таъмини бехатарии кор назорати воқеӣ ва гузаронидани мушоҳидаҳои инструменталӣ бо истифодаи дастгоҳи назоратию ченкунӣ зарур мебошад.

117. Ҳангоми пайдошавии аломатҳои хамшавии бермаҳо ва теғаҳои партовгоҳ бояд партови лойоба боздошта шавад, сабаби хамшавӣ муайян карда шуда, барои бартараф кардани он чораҳо андешида шавад. Пур намудани тарқишҳо ва фурӯрафтаҳо бояд бо маводе ки садд таркиб ёфтааст, барқарор карда мешавад.

118. Барои роҳ надодан ба кандашавии садд дар анбор рехтани лойобаи сероб ва зиед намудани масрафи об аз нишондоди лоиҳавӣ роҳ дода намешавад. Дар ҳолати шустани қубури лойкашонак андешидани чораҳои бехатарӣ вобаста ба шуста вайронкардани садд зарур мебошад.

119. Ҳангоми шустани иншоотҳо аз аз хоки майда анбор намудани он бо булдозер танҳо пас аз санҷида баромадани обнокӣ, зиччии маводи ҷамъшуда, ки даромадани техника ва одамонро таъмин менамояд, иҷозат дода мешавад.

120. Барои анборҳое (гидроотвал) ки дар ҷойҳои коркардашуда ва коркардашудаистода сохта мешаванд, бояд пешгӯии мавҷуд будани минтақаҳои шикастаҳои обгузар, кафидаҳо, фурурафта бо дарназардошти сарборӣ ба иншоотҳои партовгоҳ ҳангоми пур намудани

онҳо то сатҳи лоиҳавӣ, инчунин ихроҷи филтратсионӣ ба фазои коркардшуда бояд амалӣ карда шавад.

121. Дар ҳолатҳои ба тарзи ногаҳонӣ камшавии сатҳи об дар партовгоҳҳое, ки дар минтақаҳои коркардшуда ва коркардшудаистода қарор доранд, рехтани лойоба зуд қатъ карда мешавад ва барои яктарафа намудани об аз ҳавз бояд чораҳо андешида шавад.

122. Барои дар саривақт бартараф намудани ҳолатҳои хатарнокӣ ва садамавӣ дар партовгоҳҳои обӣ захираи масолеҳи сохтмонӣ техникаи заминкан, мошинҳо ва дигар намуди механизмҳое, ки тибқи нақшаи пешгирии садамаҳо ба нақша гирифта шудааст, бояд таъмин бошад. Нақшаи пешгирии садамаҳо тибқи замимаи 1 ҳамасола 15 руз қабл аз оғози сол таҳия карда мешавад.

## 4. МЕХАНИЗАТСИЯИ КОРҲОИ КӮҲӢ

### §1. Муқаррароти умумӣ

123. Мошинҳои кӯҳӣ, нақлиёт, мошинҳои сохтмонӣ –роҳсозӣ, таҷҳизотҳои технологӣ (минбаъд-таҷҳизотҳои технологӣ) баъди васл намудан ва таъмири капиталӣ ҳатман бо иштироки намояндаи Хадамоти назорати кӯҳӣ барои истифодабарӣ қабул карда мешавад. Воситаҳои нақлиёте, ки хизматрасонии техникӣ ва таъмир карда шудаанд, бояд ба талаботе, ки ҳолати техникӣ ва таҳизотҳои воситаҳои нақлиёт таъмини бехатарии ҳаракатро таъмин менамояд, ҷавобгӯй бошад ва он бо ҳуҷҷати дахлдор бояд тасдиқ шуда бошад. Кабинаи экскаваторҳо, дастгоҳҳои пармагарӣ ва дигар техникаҳои истифодашаванда бояд гарм карда шаванд ва бо таҷҳизотҳои гармдиҳанда таъмин бошанд.

124. Таҷҳизотҳои технологие, ки захираи кориашон ба итмом расидааст, муоина карда шуда, дар натиҷаи муоина ва санҷиш тибқи тартиби муқарраршуда хулосаи экспертизаи бехатарии саноатӣ ба расмият дароварда мешавад, ки он барои қабули қарори дахлдор аз тарафи корхонаи истифодабаранда дар бораи гузаронидани таъмир, модернизатсия ва ё аз истифода баровардани таҷҳизот асос мешавад.

125. Мошинҳои кӯҳӣ, нақлиётӣ ва сохтмонию роҳсозӣ бояд ҳамеша дар ҳолати коршоямӣ бошанд, бо воситаҳои сигналдиҳӣ, фишангҳои тормоз, иҳотаи қисмҳои ҳаракаткунандаи механизмҳо (муфтаҳо, гузаронандаҳо, шкивҳо ва ғайра) ва майдончаҳои корӣ таъмин бошанд, воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ, равшанӣ, маҷмуи дурусти асбобу олотҳои корӣ, воситаҳои ҳимоявӣ аз зарбаи қувваи барқ, дастгоҳҳои ченкунандаю санҷишӣ, ичунин ҳимояи фаъол барои аз ҳад зиёд коркардае ва ё бор гирифтанро дошта бошанд. Номгуй ва микдори воситаҳои зидди сӯхторӣ барои ҳар як намуди мошин бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқ карда мешавад. Коршоямӣ ва дастаҷамъии мошин аз тарафи мошинист (оператор) дар басти корӣ, ҳар ҳафта аз тарафи- механик, энергетики минтақа ва ҳар моҳ аз тарафи-сармеханик, сарэнергетики карер ва ё дигар

шахсони таъин шуда бояд санҷида шавад. Натиҷаи санҷиш дар дафтари супоридан ва қабули баст бояд дарҷ карда шавад. Истифодаи мошин ва механизмҳои вайрона манъ аст.

126. Ҳамаи таҷҳизотҳои технологӣ ва воситаҳои техникие, ки дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод истифода мешаванд, аз ҷумла дастгоҳҳои дар хориҷа истеҳсолшуда, бояд сертификати мутобиқат ба талаботҳои бехатарии саноатиро дошта бошанд.

127. Истифодабарӣ, хизматрасонии дастгоҳҳои технологӣ, таҷҳизоти техникӣ, васл ва таҷзия намудани онҳо, тибқи дастур оид ба истифодабарӣ, шиносномаҳои техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии завод-истеҳсолкунанда бояд гузаронида шавад. Хусусиятҳои техникие, ки заводи истеҳсолкунанда муқаррар кардааст, дар ҳамаи давраи истифодабарии таҷҳизот бояд нигоҳ дошта шавад.

128. Қисмҳои ҳаракаткунандаи техникаҳои корӣ, ки манбаи хатар барои одамон буда метавонад, бояд иҳотаи бехатарӣ дошта бошанд, ғайр аз қисмҳое, ки бинобар хусусияти истифодабарии он иҳота кардан мумкин нест. Қабл аз оғози кори мошин (механизм), машинист уҳдадор аст, ки бовари ҳосил кунад, ки ҳайти кормандон ва дигар шахсон дар масофаи бехатар ҷой гирифтаанд. Сигнали оғози кор бояд садоӣ бошад, давомнокии он набояд аз 6 сония кам буда, он дар тамои ҳудуди минтақаи хатарнок бояд шунаво бошад. Қабл аз оғози кори механизм ва ҳаракати мошин, қатораи роҳи оҳан, автомобилҳо, техникаҳои боркунанда додани сигналҳои садоӣ ва чароғӣ ҳатмӣ мебошад. Тартиби додани сигналҳо аз тарафи корхонаи истифодабарандаи объекти корҳои кушоди кӯҳӣ муқаррар карда мешавад, бо он ҳамаи кормандон бояд шинос карда шаванд. Дар ин сурат сигналҳо ба ҳамаи кормандоне, ки минтақаи амали механизм қарор доранд, бояд шунаво бошад. Ҷадвали сигналҳо дар механизми коркунанда ё дар наздикиҳои он бояд овезон карда шавад. Ҳар як сигнали нодуруст додашуда, ҳамчун сигнали «Ист» қабул карда мешавад.

129. Кормандоне, ки корҳои хавфнокиаш баландро иҷро менамоянд, аз ҷумла идоракунандагони дастгоҳҳои технологӣ (номгӯи ихтисосҳоро роҳбари корхона муайян менамояд), қабл аз саршавии кор дар баъзе ҳолатҳо пас аз тамомшавии кор, бинобар сабаби нушидани нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои нашъадор бояд аз назорати ҳатмии духтур гузаронида шавад.

130. Омӯзиш, аттестатсия ва иҷозат барои иҷрои кор дар мошинҳо ва ёрдамчии мошинистҳои кӯҳӣ ва нақлиётӣ, ки идоракунии онҳо ба зуд-зуд даргирондан ва хомӯш кардани дастгоҳҳои барқӣ вобаста аст, тибқи талаботҳои меъёрҳо ва қоидаҳои амалкунандаи истифодабарии бехатаронаи таҷҳизотҳои барқӣ бо додани гурӯҳи тахассусӣ вобаста ба бехатарии барқӣ, гузаронида мешавад. Мавҷудияти гурӯҳи тахассусӣ ба мошинистҳо ва ёрдамчиёни онҳо бо супориши корӣ (фармоиш) ва қайд намудан дар дафтари фаврӣ ба онҳо доир ба ҷойивазкунии хатҳои кабелӣ ва нуқтаи ивазкунии онҳоро дар таҷҳизоте, ки ба онҳо вобаста карда шудааст, ҳуқуқ медиҳад. Ҳангоми муваққатан гузаронидани мошинистҳо

ва ёрдамчиёни онҳоро ба дигар таҷҳизотҳои кӯҳӣ, ҷойивазкунӣ пас аз шиносоӣ бо нақшаи таъминоти барқи таҷҳизоти истифодабаранда, иҷозат дода мешавад.

131. Сохт, васл намудан ва истифодаи компрессорҳо, кранҳои борбардор, дегҳои буғӣ ва зарфҳои зери фишор кор кунандае, ки дар коркарди рӯизаминии конҳо истифода бурда мешаванд, ба талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва бехатарона истифодабрии таҷҳизотҳо ва дастгоҳҳои дахлдор бояд ҷавобгӯ бошанд.

132. Дар ҳолати ғайрикорӣ мошинҳои кӯҳӣ, нақлиётӣ ва сохтмонию роҳсозӣ бояд аз ҷои корӣ дар масофаи бехатар кӯчонида шаванд ва қисмҳои борбардори онҳо ба замин фароварда шуда, хоначаҳои идоракунӣ маҳкам карда шаванд, кабели барқтаъминкунӣ аз манбаъи барқ ҷудо карда мешавад.

133. Ҳаракат дар кабинаҳои бисёрҷояи автомобилҳо, дар қаторахои роҳи оҳан, кабинаи локомотивҳо ба шахсоне иҷозат дода мешавад, ки қаторахоро ҳамроҳӣ менамоянд, инчунин назоратчиёни баст ва шахсоне ки ба онҳо роҳбари техникӣ иҷозати хаттӣ додааст. Миқдори кашондани одамон аз тарафи роҳбари корхона муайян карда мешавад.

134. Дар объектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод аз роҳҳои оҳан гузаштани булдозер, автомобил ва дигар автомобилҳои чархӣ, мошинаҳои тасмачархдор, танҳо дар минтақаҳои муайяншуда, махсус таҷҳизотонишуда ва бо аломатҳои нишондодашуда иҷозат дода мешавад.

135. Корҳо бо истифодаи мошинҳои кӯҳӣ, нақлиётӣ ва сохтмонии роҳсозӣ тибқи лоиҳаи маҳаллии иҷрои корҳо (шиноснома) бояд ба роҳ монда шавад. Шиносномаҳо дар кабинаи мошинҳо нигоҳ дошта мешавад. Бурдани корҳои кӯҳӣ бе шиносномаи тасдиқшуда, инчунин риоя накардани он манъ аст.

136. Бурдани мошинҳои кӯҳӣ, нақлиётӣ ва мошинаҳои сохтмонию роҳсозӣ (экскваторҳо, дастгоҳҳои пармагарӣ) бо воситаҳои нақлиётӣ тибқи харитаи технологӣ, ки аз тарафи роҳбари техникӣ тасдиқ карда шудааст, бояд амалӣ карда шавад. Ҳамлу нақли (кашола карда бурдан) мошинаҳои худгарди кӯҳӣ ва дастгоҳҳои ёрирасон, аз ҷумла маҷмӯи трансформаторҳои зеристгоҳҳо, маҷмӯи дастгоҳҳои тақсимкунанда, нуқтаҳои ҷойивазкунӣ ва дигар, дар ҳудуди объекти корҳои кушоди кӯҳӣ бо истифодаи ядакҳои (ишкелҳои) устувор бо риояи чорабиниҳои махсус, ки бехатариро таъмин менамояд, тибқи Дастурамале, ки корхона тартиб додааст, рухсат дода мешавад. Бурдани мошин ва таҷҳизотҳо бо дигар намуди ядакҳо, истифодабарии ду ва зиёда аз он тягачҳо дар асоси лоиҳаи (чорабиниҳои) махсуси тартибдодашуда, ки аз тарафи роҳбари техникии корхона тасдиқ шудааст бо барасмият дарории супориш-иҷозат бояд амалӣ карда шавад.

137. Дар ҳолати ногаҳон қатъ гардидани барқ, шахсони идоракунандаи механизмҳо, уҳдадоранд, ки калиди идоракунии ҳаракатдиҳандаҳои барқӣ ва гӯшакҳои идоракуниро дар ҳолати «Ист» (сифрӣ) гузоранд.

138. Ҳузури шахсони бегона дар кабинаҳо ва дар майдончаи берунаи экскаваторҳо ва дастгоҳҳои пармакунӣ ҳангоми кори онҳо манъ аст, ғайр аз роҳбари техникии баст ва шахсоне, ки иҷозати махсуси роҳбари техникии ташкилотро доранд.

139. Равғанмоли мошинҳо ва таҷҳизотҳо тибқи ҳуҷҷати истифодабарӣ ва дастурамали заводи истеҳсолкунанда бояд иҷро карда шавад. Системаи равғанмолӣ бояд механизмҳое дошта бошад, ки пошхӯрӣ ва ҷоришавии равғанро огоҳ намояд. Ҳамаи механизмҳои системаи равғанмолӣ бояд дар ҳолати корӣ бошанд, тоза ва барои хизматрасонӣ бехатар бошанд. Равғанмолии муҳаррик ва дастгоҳҳо ҳангоми кор кардани онҳо манъ аст.

140. Зинаҳо ва майдончаҳои нақлиётҳои кӯҳӣ-карерӣ, экскаваторҳо дар ҳар як басти корӣ аз ҷинсҳои кӯҳӣ ва ифлосиҳо бояд тоза карда шаванд.

141. Истифодаи системаи идоракунии автоматӣ, телемеханикӣ ва фосилавии мошинҳо ва механизмҳо дар ҳолати мавҷуд будани блокировкае, ки интиқоли баркро ҳангоми вайрон будани система ғайриимкон мегардона, иҷозат дода мешавад.

142. Равағанҳои молиданӣ ва покгардонӣ дар қуттиҳои маҳками оҳанин нигоҳ бояд дошта шаванд. Дар мошинҳои кӯҳи ва нақлиётӣ нигоҳ доштани равғанҳои молиданӣ ва маводи зуддаргиранда манъ аст.

### §2. Экскаваторҳои якковша

143. Дар ҳолати ҳаракати экскваторҳои тасмачарх дар минтақаи ҳамвор ё ба боло баромадан, муҳаррики равонаки ҳаракатдиҳанда дар қафо ва дар ҳолати фаромадан дар нишебӣ - бояд дар пеш бошад. Ковш холӣ буда аз сатҳи замин бояд дар масофаи на зиёда аз 1м. қарор гирифта бошад, тири экскаватор ба самти ҳаракати он бояд гузошта шуда бошад. Дар ҳолати ҳаракати экскватори қадамгузор ковши он бояд холӣ карда шуда, тири он ба самти муқобили ҳаракати экскватор гузошта мешавад. Ҳангоми баромадан ва ё фаромадани экскватор дар нишебиҳо андешидани чораҳои бехатарӣ нисбати беихтиёрона ғеҷидани экскаватор зарур мебошад.

144. Бурдани экскаватор бояд дар роҳҳое амалӣ карда шавад, ки берун аз призмаи фурӯрафӣ қарор дошта бошанд, нишебии он аз нишебие, ки дар шиносномаи техникии экскаватор нишон дода шудааст набояд зиёд бошад, паҳноии роҳ барои гардиши экскаватор бояд мусоидат намояд. Ҳай карда бурдани экскаватор дар асоси сигнали ёрдамчии мошинист ва ё шахси таъинкарда шуда амалӣ карда мешавад. Дар ин ҳолат биниши доимии байни онҳо ва машинист бояд таъмин карда шавад.

145. Экскваторро дар зинаҳо ё хоктӯдаҳо ё дар ҷои ҳамвор кардашудае, ки нишебии он ба нишебии иҷозатшудаи шиносномаи техникии экскватор зиёд набошад, мегузоранд. Масофа аз нишебии зина, хоктӯда ё воситаи нақлиёт ва сарбории экскаватор тибқи шиносномаи коргоҳ вобаста ба шароити кӯҳӣ- геологӣ ва намуди таҷҳизот муайян карда мешавад, дар ҳама ҳолат набояд аз 1,0м кам бошад. Ҳангоми кори

экскаватори ғунҷоиши ковшаш аз 5м3 кам (модели базавӣ) кабинаи вай бояд дар самти муқобили нишебии зинаҳо қарор дошта бошад.

146. Дар ҳолати бор кардан ё фаровардани экскаватор ба поезд ё аз поезд дар хоктӯдаҳои экскаваторӣ, ҳайати идоракунандагони поезд ба сигналҳои ронандаи экскаватор, ки ба сигналҳо, ки тибқи тартибот ҳангоми истифодабарии нақлиёти роҳи оҳан муқаррар карда шудааст, бояд итоат намоянд. Дар ҳолати ба мошин бор кардани эксքватор ронандагони мошинҳо уҳдадоранд, ки ба сигналҳои мошинисти экскаватор, ки мазмуни онро роҳбарияти ташкилот муайян кардааст, итоат намоянд. Ҷадвали сигналҳо дар ҷои намоёни эксқватор овехта мешавад, ба онҳо мошинисти экскаватор ва ронандагони воситаҳои нақлиёт бояд шинос карда шаванд.

147. Ҳангоми кори экскаватор мавҷуд будани ҳамагуна одамон (аз ҷумла ҳайати хизматрасон) ба минтақаи кории экскватор манъ аст.

148. Танобҳои дар экскаваторҳо истифодашаванда бояд ба шиноснома ҷавобгӯ буда, сертификати заводи истеҳсолкунандаро дошта бошанд. Танобҳо ва овезаҳои онҳо, тир ҳар ҳафта аз ҷониби механики қитъа бояд азназар гузорнида шаванд. Ба дарозии як қадами дастпеч то 15% симҳои канда шуда аз миқдори умумии симҳои таноб иҷозат дода мешавад. Нӯги баромадаистодаи симҳои кандашудаи онҳо бояд бурида шаванд. Натиҷаи азназаргузаронии танобҳои экскаватор дар дафтари супоридан ва қабул намудани баст қайд карда мешавад, инчунин дар дафтари агрегатии мошини кӯҳӣ дар бораи иваз намудани таноб бо нишон додани санаи ивазкунӣ ва намуди танобн гузошташуда навиштаҷоти дахлдор ворид карда мешавад.

149. Дар ҳолати пайдо шудани хатари фуруравӣ ва ғеҷиши зина ҳангоми кори экскаватор ва ё мушоҳида намудани зарядҳои нотаркидаи маводи таркишӣ, машинисти экскаватор уҳдадор аст, ки экскаваторро ба ҷои бехатар оварда, роҳбари техникии бастро хабар диҳад. Барои баровардани экскватор аз ковишгоҳ ҳама вақт бояд гузаргоҳи озод вуҷуд дошта бошад. Харсангҳои ҷинсҳои кӯҳӣ бояд дар як қатор мустаҳкам гузошта шуда, барои гузаштани таҷҳизотҳои кӯҳӣ-нақлиётӣ монеъа ба вуҷуд наоранд.

150. Ҳангоми кори экскватор дар замине, ки ба фишори чарххои экскаватор тобовар нест, бояд чораҳое амалӣ карда шавад, ки дар шиносномаи коргоҳ дарҷ гардидаасту онҳо устувории кории экскаваторро таъмин менамоянд.

## §3. Скреперҳо, булдозер, боркунандаҳо

151. Ҳангоми истифодабарии дастгоҳҳои скреперии танобӣ кунҷи нишебии зина на бояд аз $35^0$ зиёд бошад.

152. Дастгоҳҳои скреперии танобиро бе сигнали огоҳкунанда ба кор даровардан мумкин нест, ҳангоми кори он гузаронидани корҳои таъмирӣ, дар минтақаи кории таноб будан ва дуруст кардани таноб бо даст манъ аст. Минтақаи кории ғарғараи танобдор бояд бо аломатҳои огоҳкунанда иҳота карда шуда, дар торики бо равшанӣ таъмин карда шавад.

153. Ҳамаи техникаи худҳаракаткунанда (грейдерҳо, скреперҳо, булдозерҳо, боркунандаҳо ва дигар) бояд шиносномаи техникӣ дошта бошанд, ки хусусиятҳои техникӣ ва истифодабарии онҳо дар он дарҷ шуда бошанд.

154. Онҳо маҷмӯан бояд таъмин бошанд:

- бо воситаҳои оташхомӯшкунӣ;
- бо аломатҳои исти садамавӣ;
- бо қуттичаҳои тиббӣ.
- бо такягоҳҳои ба зери чархҳо гузоштан (барои техникаҳои чархдор);
- бо сигналҳои номуттасили овозӣ ҳангоми ба қафо ҳаракат кардан;
- бо чароғаки дурахшони ранги зард дар болои кабина;
- бо ду оинаи ба оқиб нигоҳкунанда;
- бо асбобҳои таъмирие, ки заводи истеҳсолкунанда пешбинӣ намудааст.

155. Ба хати истифодабарӣ танҳо нақлиётҳое иҷозат дода мешаванд, ки ҳамаи агрегаҳо ва ҷузъҳои онҳо, ки бехатарии ҳаракатро таъмин менамоянд, инчунин бехатарии дигар корҳо, ки технологияи истифодаи онро пешбинӣ менамояд, аз лиҳози техникӣ бояд коршоям бошанд. Дар ҳама ҳолатҳо ҳангоми ба қафо ҳаракат кардани воситаи нақлиёт бояд сигнали овозӣ дода шаванд.

156. Ҳаракати техникаҳои худгард (скреперҳо, булдозерҳо, боркунандаҳо ва дигар) дар минтақаҳои призмаи фурӯравии зинаҳо манъ аст.

157. Ташкил намудани садди ҳимоявӣ дар нуқтаҳои ҳамлу нақл тибқи шиносномаи пункти ҳамлу нақл иҷро карда мешавад, дар ин ҳолат ҳаракати булдозер тариқи бел дар пеш иҷро карда мешавад.

158. Ҳангоми истифодабарии скреперҳои чархдор бо кашаки тракторӣ нишебии фарориш дар қисмати боркашӣ набояд аз 15$^0$ ва дар ҳолати холигӣ набояд аз 25$^0$ зиёд бошад.

159. Гузоштани техникаҳои худгард бо муҳаррики коркардаистода, бо бел ва ковши бардошта иҷозат дода намешавад. Ҳангоми кор дуруст кардани симтаноб, истод дар рамаи овезон, бел ё ковш, инчунин кори техника бархилофи кунҷи нишебии рост, ки дастурамали заводи истеҳсолкунанда ба ҳисоб нагирифтааст, манъ аст. Истифодабарии булдозер (трактор) дар ҳолати набудан ва ё вайрон будани механизми манъкунии ҳаракат, ки ба кор даровардани муҳаррикро ҳангоми дар ҳолати корӣ будани дастгоҳи интиқоли ҳаракат ё механизми бакордарории муҳаррик аз кабина, манъ аст.

160. Таъмир кардан, молидани равған ва ба танзим дарории булдозер, скрепер, боркунандаҳо дар ҷои ҳамвор бояд амалӣ карда шавад, муҳаррики он хомӯш карда шуда, ковш ва ё бел ба замин ё дар болои такягоҳи махсус бояд гузошта шуда бошад. Дар ҳолатҳои истоди садамавии техникаҳои худгард дар ҷойҳои моил, чораҳои пешгирӣ намудани худҳаракаткунии он бояд амалӣ карда шавад.

161. Дар зери ковш ва ё бели бардоштаи техника истодан манъ аст. Барои аз назар гузаронии ковш ва ё бел аз поён, онҳоро дар болои такягоҳи мустаҳкам гузошта, муҳаррики техникаро хомӯш кардан лозим аст.

162. Кунҷи ниҳоии зинаи коргоҳ ҳангоми кори булдозер аз меъёри муайян намудаи дастурамал оид ба истифодабарӣ, ки завод муайян намудааст бояд зиёд набошад.

163. Масофа аз канори тасмачархи булдозер ё чархи пеши тири боркунандаҳо (боркунандаҳои чархдор) то канори нишебии зина бо дарназардошти шароитҳои кӯҳӣ-геологӣ муайян карда мешавад ва он дар шиносномаи иҷроиши кор дар ковишгоҳ (хоктӯдаҳо) ва ё нуқаҳои ҳамлу нақл бояд дарҷ карда шавад.

## §4. Гидромеханизатсия

164. Тартиби бехатарона истифода бурдан ва хизматрасонии дастгоҳҳои обкашӣ, гидромониторҳо, шабакаҳои гидравликӣ, партовҳои обӣ ва обанборҳо тибқи дастурамале, ки роҳбари техникии корхона тасдиқ кардааст, муайян карда мешавад. Иншоотҳои гидротехникӣ (саддҳо, хандақҳои маҷроивазкунанда ва кӯҳӣ, сарбандҳо) барои гузаронидани обҳои боришоту обхезиҳо дар сари вақт бояд омода карда шаванд. Омодагӣ дар асоси чорабиниҳо оид ба гузаронидани обҳои боришоту обхезиҳо, ки роҳбари техникии корхона тасдиқ намудааст, бояд гузаронида шавад.

165. Қабл аз саршавии кори гидромонитор дар масофаи таъсири фавраи он одамон бояд дур карда шаванд, дар минтақаи кории гидроманитор одамони ба ин кор таaллуқнадошта бояд ҳузур надошта бошанд. Гидромонитори коркарда истодаро бе назорат гузоштан мумкин нест.

166. Гидромониторҳо аз хатти барқи баландшиддат ба масофаи 2 каратаи масофаи парвози оби гидроманитор бояд дур бошанд. Дар ҳолатҳои ҷудогона масофаи гидроманиторҳо аз хати баландшиддати барк дар масофаи наздиктар дар асоси амалӣ намудани чорабиниҳое, ки бехатарии корҳоро таъмин менамояд ва бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шудааст, иҷозат дода мешавад.

167. Ҷойгиркунонии хатҳои лойоба ва лулаҳои обӣ дар масофаи 25м наздик ба хати барқи баландшиддат ва хати алоқа манъ аст. Кам кардани ин масофа танҳо бо розигии соҳиби иншоот ва ташкилоте, ки истифодабарии бехатаронаи онро назорат мекунад, иҷозат дода мешавад.

168. Барои хизматрасонӣ ба қатораи қубурҳо ва лулаҳои обгузар, ки дар болои гузаргоҳҳо қарор доранд, купрукҳо бо паҳноии 0,5м бо иҳотагиракҳои баландиашон 1,2м гузошта, дар масофаи 200 мм аз поён бо тахта рӯйпуш карда мешаванд.

169. Қубурҳои обгузар дар ҷои ҳамвор карда шуда, ба тагмонакҳо гузошта мешавад. Ба қубурҳое, ки дар нишебиҳо ва девораҳои карер гузошта мешаванд, дар ҳар 20-30 м бояд бо чангакҳо (анкерҳо) мустаҳкам карда шаванд. Дар ҳолати ҷойгиркуниии қубури лойоба дар гузаргоҳҳо,

чангакҳо ҳар 500м. гузошта мешаванд. Дар минтақаҳои ростхатаи қубурҳо дар ҳар масофаи на кам аз 500м танзимкунандаҳо гузошта мешаванд. Дар ҳолати гузоштани қубурҳо дар хандакҳо ва ҷӯйборҳо деворҳои онҳо бояд сахт мустаҳкам карда шавад.

170. Биноҳои дастгоҳҳои обкашӣ ва мошинаи лойкашӣ бо қитъаи кории гидромонитор бо алоқаи телефонӣ ва радиоӣ бояд таъмин буда, бо воситаҳои хабардиҳии садамавӣ таҷҳизонида шуда бошанд.

171. Дар биноҳои навбунёд байни дастгоҳҳои обкашӣ ва мошинаҳои лойкашӣ, инчунин байни онҳо ва деворҳо ба масофаи на кам аз 1м бояд гузаргоҳ  гузошта шавад. Дар бинои пойгоҳҳои обкашӣ ва лойкашӣ нақшаи хати қубурҳо бо нишон додани ҷойҳои вентилҳо ва ғалақаҳо бояд овезон карда шаванд, барои гузаштан аз болои қубурҳо бояд купрукчаҳои махсус гузошта шуда бошад.

172. Гузаштан аз болои хатҳои обгузар (қуббурҳо), ки бо зина ва панҷара таҷҳизонида нашудаанд, манъ аст.

173. Дастгоҳҳои лойкашӣ  бояд бо клапанҳои мутақобил таҷҳизонида шуда бошанд.

174. Дар ҳамаи иншоотҳои обпарто, обҷамъшавии партовҳои обӣ ҷоришавии (даромадани) максималӣ бояд ба ҳисоб гирифта шавад. Дар анҷоми кор тавассути воситаҳои гидромеханикӣ ҳолати иншоотҳои обпарто бояд муоина карда шуда, оид ба ҳолати онҳо ҳуҷҷат тартиб дода мешавад.

175. Барои рафтан ба назди чоҳҳои обпарто ва обҷамъшавӣ бояд кӯпракчаҳои дастакдор гузошта шуда бошанд. Бо мақсади нағалтидани одамон ба партовгоҳ даҳанаи чоҳи обпартои партовгоҳи обӣ бояд иҳота карда шавад.

176. Партовҳои навовардаи (нав шусташуда) тагшиншуда бо аломатҳое, ки дар он гаштугузори манъ карда шудааст, бояд ишора карда шаванд.

## 5. КОРҲОИ ТАЪМИРӢ

177. Таъмири таҷҳизотҳои технологӣ тибқи ҷадвали хизматрасонӣ ва таъмири таҷҳизотҳо бояд гузаронида шавад. Ҷадвалҳои солона ва моҳонаи таъмири таҷҳизотҳо аз тарафи роҳбари техникии корхона тасдиқ карда мешавад.

178. Корҳои таъмирӣ дар асоси супориш-иҷозат бо риоя намудани қоидаҳои бехатарии иловагӣ, ки дастурамалҳои дохилии ташкилот муқаррар кардааст, гузаронида мешавад.

179. Таъмири экскаваторҳо ва дастгоҳҳои пармакунӣ дар майдонҳои кории зинаҳо иҷозат дода мешавад, дар ин ҳолат механизмҳои мазкур дар минтақаи аз фурӯравӣ дур ҷойгир кунонида мешаванд. Майдон бояд ҳамвор буда, роҳҳои даромад дошта бошад.

180. Барои ҳама намуди таъмири таҷҳизотҳои технологии асосӣ тибқи низомномаи амалкунандаи корхона бояд дастурамал (харитаи технологӣ, роҳбарӣ, лоиҳаи ташкили кор) тартиб дода шавад. Дар он асбобу олотҳои зарурӣ нишон дода шуда, тартибу пайдарпаии иҷрои

корҳо, ки бехатариро таъмин менамоянд, муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат тартиб ва тарзи хизматрасонии техникӣ ва таъмири таҷҳизот дар асоси роҳнамо (дастурамал) оид ба истифодабарии заводи истеҳсолкунанда бо дарназардошти шароитиҳои маҳали истифодабарӣ муқаррар карда мешавад. Кормандоне, ки ба таъмир машғул ҳастанд бо дастурамалҳо, нақшаҳои технологӣ ва лоиҳаи ташкили кор бо имзо бояд шинос карда шаванд. Қабл аз оғози кор барои иҷрои он шахси маъсул бояд таъин карда шавад. Ҳангоми гузаронидани корҳои таъмирӣ аз тарафи ташкилоти паймонкор аз ҷониби шахсони масъули фармоишгар ва паймонкор супориш-иҷозат дар ҳама давраи иҷрои корҳо ба расмият даровварда мешавад ва чорабиниҳои ташкилию техникии дақиқ, ки ба баланд бардоштани бехатарии корҳои таъмирӣ равон карда мешавад, бояд тартиб ва амалӣ карда шавад.

181. Иҷрои корҳои таъмирӣ дар назди қисмҳои кушоди ҳаракаткунандаи дастгоҳҳои механикӣ, ҳамчунин дар наздикии ноқилҳои барқ ва қисмҳои барқгузар, ки таҳти шиддат қарор доранд, дар ҳолати надоштани панҷараҳои эҳтиётии зарурӣ манъ аст.

182. Барои таъмири таҷҳизотҳои барқӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои истифодабарии бехатаронаи дастгоҳҳои барқӣ ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

183. Таъмиру иваз кардани қисмҳои механизмҳо дар ҳолати ба пуррагӣ истодани мошин, хориҷ намудани фишор дар системаҳои гидравликӣ ва пневматикӣ, манъ намудани дастгоҳҳое, ки механизмро ба ҳаракат медароранд, иҷозат дода мешавад. Додани қувваи барқ ҳангоми иҷрои корҳои таъмирӣ бо лоиҳаи махсус иҷозат дода мешавад.

184. Корҳои оловӣ (корҳои кафшерии газӣ, буридан бо асбобҳои газӣ, корҳои кафшерии газу барқӣ) бо риояи талаботҳои Қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор бояд иҷро карда шавад. Дастгоҳҳои кафшергарӣ бо ҷараёни тағйирёбандаи барқ механизми автоматикии хомушкунандаи шиддати гардиши ғайрикорӣ бояд дошта бошад ё шиддати онро то 12В бо истодагарии на зиёда аз 0,5с маҳдуд намояд.

185. Таъмире, ки ба иваз намудани таркиби металии барандаи таҷҳизоти технологии асосӣ алоқаманд аст, тибқи лоиҳаи бо заводи истеҳсолкунанда мувофиқа карда шуда бо тартиб додани санади иҷрои корҳо бояд гузаронида шавад. Таъмири вобаста ба барқароркунии конструксияҳои металлии баранда аз рӯи ҳуҷҷате, ки роҳбарии техникии корхона онро тасдиқ намудааст, бояд гузаронида шавад.

186. Кормандоне, ки корҳои борбандиро иҷро менамоянд, бояд махсус омӯзонида шуда бошанд ва шаҳодатномаи тахассусӣ дошта бошанд

187. Корҳое, ки бо истифода аз асбобҳои механикӣ иҷро карда мешаванд, тибқи дастурамали заводи истеҳсолкунанда бояд гузаронида шавад.

## 6. ИСТИХРОҶИ КАНДАНИҲОИ ФОИДАНОК БО ВОСИТАИ МОШИНҲОИ МАХСУСИ ЗАМИНКАНӢ (ДРАГА) ВА ЛОЙКАШИИ ШИНОКУНАНДА

188. Монтаж ва таҷдиди мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ, сохтмони иншоотҳои гидротехникии объектҳои корҳои кушоди кӯҳӣ, ташкили харитаҳои шуста туда кардан, омодагии корҳои кӯҳӣ дар асоси лоиҳа бояд гузаронида шавад. Дар мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ нигоҳ доштани таҷхизотҳо ва маводе, ки тибқи лоиҳа нигоҳ доштани онҳо пешбинӣ нагардидааст, манъ аст.

189. Барои мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ нақшаи бартарафсозии садамаҳо (минбаъд - НБС) тартиб дода шуда, дар муддати на дертар аз 15 рӯз то мавсими оғози кор бояд тасдиқ карда шавад. Омӯзонидани ҳайати назорати техникӣ бо НБС аз тарафи роҳбари техникии корхона амалӣ карда мешавад. Шинос намудани кормандон бо қоидаҳои рафтори шахсӣ ҳангоми садама аз тарафи сардори мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ гузаронида мешавад. Шахсоне, ки бо НБС шинос карда нашудаанд, ба кор роҳ дода намешаванд.

190. Коркарди канданиҳои фоиданоки бо истифода аз мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ тибқи шиносномаи ковишгоҳ, ки аз тарафи роҳбари техникии корхона тасдиқ карда шудааст, бояд ба роҳ монда шавад.

191. Саҳн, зинапояҳо, купрукҳо, гузаргоҳҳои мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ бояд аз оҳани чиндор ва ё гудохташудаи рахдор сохта шаванд, иҳота карда шуда, бояд тоза нигоҳ дошта шаванд. Барф ва яхи дар саҳни заврақ ва биноҳо ҷамъшаванда мунтазам тоза карда мешавад.

192. Танобҳое, ки дар мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ истифода бурда мешаванд, ба шиносномаи мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ бояд ҷавобгӯ бошанд. Истифодаи танobи бастaшудаи чорчӯбаи кафлесӣ, инчунин танобi симҳояш канда шуда, иҷозат дода намешавад.

193. Барои равшан намудани ҷои кории қисмати болои сатҳи мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ, қувваи барқи шиддатнокиаш на зиёда аз 220 В., барои равшании даруни заврақ – на зиёда аз 12В бояд истифода бурда шавад, илова бар ин ҳама шӯъбаҳои заврақ бояд равшанӣ дошта бошанд. Дар ҳолати овезон намудани чароғакҳо дар баландии на кам аз 2,5 м аз фарши заврақ шиддати 127 В иҷозат дода мешавад. Барои чароғакҳои аз як ҷой ба ҷои дигар гузаронидашаванда ва асбобҳои барқии дастӣ шиддатнокии қувваи барқ набояд аз 36 В зиёд бошад. Дар мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ мавҷуд будани равшанидиҳандаҳои садамавӣ (аккумуляторҳо, чароғҳои барқӣ) ҳатмӣ мебошад. Ба заврақ фаромадан ҳангоми набудани рӯшноӣ манъ аст.

194. Дар мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ байни бинои машинист ва механизмҳо, инчунин барои алоқа бо шахсони хизматрасон бо сигналҳои дутарафа бояд таҷҳизонида шуда бошанд.

195. Роҳҳо ва пайраҳоҳои минтақаҳои кории мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ бояд банд карда шуда, дар ҳудуди минтақаҳои хавфноки таноби корӣ аломатҳои огоҳкунанда гузошта мешавад. Гузаштан аз болои таноби корӣ танҳо бо иҷозати машинисти баст бо андешидани чораҳои бехатарӣ, рухсат дода мешавад.

196. Ба таноби чархзанада ва кабелҳо шино карда наздик омадан ва ё наздик омадан ба воситаҳои шинокунанда бе иҷозати машинист манъ аст.

197. Дар ҷойҳои намоён ва дастраси мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ, дар деворҳои заврақ ва беруни бино лавозимотҳои наҷотдиҳӣ (чанбарак, кура, камзӯлчаи наҷотдиҳӣ) баробар - на кам аз ду маҷмӯъ дар ҳар 20метр ба дарозии саҳн бояд ҷойгир кунонида шаванд. Чанбаракҳои наҷотдиҳӣ бо ресмони дарозиаш на камтар аз 30 м бояд таҳҷизонида шуда бошанд. Роҳҳои баромад ба сӯи воситаҳои наҷотдиҳӣ бояд ишора карда шаванд.

198. Қувваи барқ ба мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ аз механизмҳои тақсимкунандаи назди соҳилҳо тавассути кабелҳо, ки ба рӯи замин кашида шуда, бо аломатҳои дар арғамчин ва ё такягоҳ овехташуда иҳота карда шудаанд, бояд интиқол карда шавад. Дар рӯи об кабелҳо дар амадҳо кашида мешаванд. Васл намудани кабели зиреҳпуш ба мошинҳои махсус ба воситаи тири махсус, ки ба сутуни оқиб маҳкам карда шудааст, бояд амалӣ карда шавад. Аз як ҷой ба ҷои дигар кучондани кабели таҳти шиддат қарордоштаи дар соҳил буда, гузаштан аз болои он бе гузаргоҳҳои махсус, гуронидани кабел, яхкунонидани он дар замин манъ аст.

199. Дар мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ ғарғараҳои болобари рамаҳо бояд бо ду механизми тормозӣ (корӣ ва эҳтиётӣ) таҷҳизонида шуда бошанд.

200. Мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ барои кашида партофтани обҳо ду насоси садамавии ба таври автоматикӣ коркунанда бояд дошта бошанд.

201. Мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ тибқи лоиҳаи ҳимоя аз сӯхтори объекти нишондодашуда бо воситаҳои сӯхторхомӯшкунии автоматикӣ бояд таҷҳизонида шуда бошанд. Мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ бо лавозимотҳои аввалияи оташхомушкунӣ бояд таъмин бошанд.

202. Ҷойҳои нигаҳдории равғанҳои молиданӣ ва маводи сӯзанда тибқи лоиҳа бояд бо воситаҳои автоматикии оташхомӯшкунӣ таъмин бошанд. Воситаҳои техникии оташхомушкунии аввалия дар девораҳои минитақаи корӣ бояд бошад. Лавозимотҳои оташхомӯшкунии аввалия ва воситаҳои наҷотдиҳӣ дар ҷои махсуси ҷудогардида бояд нигаҳдоӣ карда шавад. Ҷои нигоҳдорӣ бо даромади озод бояд таъмин бошад.

203. Барои даромад ва баромадан аз мошинҳои махсуси заминканӣ ва лойкашӣ купрукчаҳои бардошташавандаи дастакдор бояд сохта шаванд.

## 7. КОРКАРДИ КОНҲОИ САНГИ ТАБИӢ ВА НАМАКИ ОШӢ

## §1. Талаботҳои бехатарӣ ҳангоми истихроҷи сангҳои донагӣ ва тахтасангҳо

204. Истихроҷи сангҳои донагӣ ва тахтасангҳо зина ба зина бо коркарди пайдарпайӣ, аз боло ба поён иҷро карда мешавад. Зинаҳо метавонанд ба зерзинаҳо тақсим карда шаванд.

205. Баландии зинаҳо дар лоиҳа вобаста ба шароитҳои кӯҳӣ-геологӣ ба баландии тахтасанги арракардашуда муқаррар карда шуда, набояд аз бузургиҳои зерин зиёд бошад:

-ҳангоми истифодаи мошинҳои сангбурӣ бо тарзи механикӣ ҷамъоварӣ намудан - 3м ва он ба таҷҳизоти сангбурӣ бояд мутобиқат кунад;

- ҳангоми ҷамъоварии дастӣ - 2,35м;

- ҳангоми коркарди дастии ҷинсҳои сахт монанди хоросанг ва истифодаи воситаҳои механизатсияи хурд – 6м;

206. Коркард бо зинаҳои баланд танҳо дар асоси лоиҳаи махсус иҷро карда мешавад, ки дар он истифодаи таҷҳизотҳо ва механизмҳои мувофиқ ва чорабиниҳои бехатарии иҷрои кор, пешбинӣ карда шудааст. Дар ҳолатҳои ҷудогона ҳангоми коркарди даромади уфуқӣ баландии барзиёди зина нисбати баландии ҳисоб кардашуда иҷозат дода мешавад, вале он набояд аз баландии як блоки аррамешуда зиёд бошад. Дар ин ҳолат харсанг ва ё тахтасанги болоиро кормандони дар болои зина қарор дошта, яктарафа менамоянд.

207. Бузургиҳои монолитҳо ва блокҳо ҳангоми аз массив ҷудо намудан бо дарназардошти таҷҳизоти технологии истифодашаванда ва шароитҳои бехатарии иҷрои корҳо бо лоиҳа асоснок карда мешаванд.

208. Ҷудо намудани блокҳо ва монолитҳо бо усулҳои буриш, пармакунии тарқишии яклухт ё пармакунии ҳудуди блок ва кафонда гирифтани он дар оянда, тибқи лоиҳа, ки роҳбари техникии корхона тасдиқ намудааст, ба роҳ монда мешавад.

209. Ҳангоми истихроҷи санг бо фонаҳо:

- сурох намудани санг дар зина аз боло ба поён бояд иҷро карда шавад;

- фронти корӣ дар ҳар синакор на кам аз 10 м, масофаи байни сангшиканҳо аз 4 м кам набошад.

210. Тартиби кафондан ва ё буридан ҳангоми ҷудокунии блокҳо (монолитҳо) аз массив бояд худ аз худ чаппашудани онро бартараф намояд. Дар охир бурриши амудии тулӣ ва ё кафондан бояд иҷро карда шавад.

211. Паҳноии майдони корӣ дар зина (зерзина) бо ҳисоб муайян карда мешавад ва дар он ҷойгиршавии таҷҳизотҳо, блокҳои ҷудошуда, захираи маводи даркорӣ ва гузаргоҳи озод бо паҳноии на кам аз 1м бояд таъмин карда шавад, дар ин ҳолат паҳноии минималии майдони корӣ бояд аз 3 метр кам набошад.

212. Ҳангоми саркуб намудани зинаҳо мондани бермаи муҳофизатӣ зарур мебошад, ки паҳноии он аз рӯи кунҷи моилии девораи зина, ки дар лоиҳа пешбинӣ шудааст, қабул карда мешавад.

213. Кунҷҳои нишебии зинаҳо (зерзинаҳо) то 90° иҷозат дода шудааст.

214. Ҳангоми боз намудани кон бо усули ғайритраншеӣ ду баромад аз объекти корӣ бояд мавҷуд бошад, ки бо зинапояҳо таҷҳизонида шуда бошанд; дар якеи он баромадҳо кунҷи моилии зинапоя набояд аз 40° зиёд бошад.

215. Ҳангоми ҷудокунии дастии сангҳои фонамонанд, ки дар вақти даромади якуми мошин ба вуҷуд омадаанд, корманд дар масофаи на кам аз 4 метр дур аз мошинаи амалкунанда бояд қарор дошта бошад.

216. Дар ҳолати пайдо шудани зарурияти иҷрои корҳо дар нишебии зинаҳо, купрукчаҳаҳои мустаҳкам бояд гузошта шаванд, ки паҳноии фарши он на кам аз 1 метр бошад, ё корҳо тавассути ғарғара ва ё механизми бардоранда, ки барои бардоштани одамон пешбинӣ шудаанд, гузаронида мешаванд.

217. Намуд ва модели мошинаи сангбурӣ бояд ба шароитии кӯҳӣ – техникии кон ҷавобгӯ бошад, бехатарии иҷрои корҳоро таъмин намояд.

218. Манъ аст:

- истифодаи мошинҳои сангбурӣ, ки барои ҳимояи одамон аз паридани сангпора тавассути олати сангбурии мошин ба амал меояд, бо механизми ҳимоявӣ таҷҳизонида нашудаанд;
- гузоштан ва гирифтани арраи мошини сангбурӣ бе ҷудо намудани автомати интиқоли барқ ва гузоштани овезаи «Пайваст накунед, одамон кор карда истодаанд»;
- кор бо дастгоҳҳои вайронаи чангҷамъкунанда ва чангпахшкунанда;
- озод намудани мурватҳои ҷалбкунанда ва мустаҳкам намудани онҳо, инчунин тоб додани сараки бурранда ҳангоми ҳаракати мошини сангбурӣ;
- даргирондани мошини сангбурӣ ҳангоми кушода будани дарҳои лавҳаи идоракунӣ.

219. Воқеъ будани ҳайати хизматрасон ва дигар шахсон дар қисми пеши самти ҳаракати мошини сангбурӣ ҳангоми кори он дар масофаи то 10 метр манъ аст. Дар ҳолати аз як ҷо ба ҷои дигар гузаронидани мошини сангбурӣ ва ё блокҳои санг тавассути таноби кашанда, одамон дар як тараф аз танобҳои кашида бояд дур қарор дошта бошанд.

220. Ҳар як мошини сангбурӣ бо олати буррандаи танобӣ бояд таҷҳизонида шавад:

- бо сигналҳои овозӣ ҳангоми ба кордарорӣ;
- бо системаи автоматикии ба кордарории олати буррандаи танобӣ;
- бо системаи автоматии назорат ва танзими бузургиҳои кашиши таноб, ки мошинро ҳангоми тамба ва канда шудани таноб нигоҳ медорад;
- бо ҷилди ҳимоявӣ барои пешгирӣ намудани партофти таноб ҳангоми канда шудани.

221. Системаи электромеханикии таранг кашидани таноб ба танзим дароварда шуда, қувваи кашиши доимии он бояд таъмин карда шавад. Дар ҳолати вайрон будани онҳо истифодаи мошинаи сангбурӣ манъ аст.

222. Ҳангоми истифодабарии мошинаи сангбурии танобӣ манъ аст:

- ба кор даровардани таноб бо роҳи ҷунбондан ё баробар бо истифодаи кашандаҳо дастӣ ва даргирондани муҳаррики ҳаракати таноб, инчунин боздоштани танобi коркардаистода бо воситаи аксулхомӯшкунӣ (контрток);

- кор ҳангоми ларзиши зиёд доштани муҳаррик дар натиҷаи яхбандии ғалтаки чархзананда ё самтнишондиҳанда;

- истифодаи воситаҳои бегона (тахта, чуб, сими металлӣ ва дигар) ба ҷои ғилдиракҳои радкунанда барои танобi бурранда;

- ивазкунии таноб то ба пуррагӣ истодани ғалтаки ҳаракатдиҳанда ва суст шудани кашиши таноб;

223. Танобҳое, ки дар мошинҳои сангбуррӣ истифода бурда мешаванда бояд сертификат дошта бошанд ва ба шароити корӣ мувофиқ бошанд. Танобҳои кашанда ҳар ҳафта аз тарафи механики минтақа бояд азназар гузаронида шаванд, дар ин ҳолат миқдори торҳои кандашудаи таноб дар як қадами дастпеч набояд аз 10% -и миқдори торҳои он зиёд бошад.

224. Қабл аз оғози кори мошини сангбурӣ мошинист бояд боварӣ ҳосил намояд, ки дар радиуси кории олоти буррандаи таноб одамони бегона, мошину механизмҳо қарор надошта бошанд. Воқеъ будани ҳайати хизматрасон ва дигар шахсон дар радиуси на кам аз 10м. аз танобi мошини коркардаистодаи сангбурӣ ва ё дигар мошини сангбурӣ бо олоти ҷойивазшавандаи танобӣ, манъ аст. Лавҳаи идоракунандаи ҷойивазшавандаи мошини сангбурӣ дар радиуси 10м берун аз минтақаи кории танобi мошини коркардаистодаи сангбурӣ ва ё дигар мошини сангбурӣ бо олоти ҷойивазшавандаи танобӣ, ҷойгир карда мешавад.

225. Мошинҳои сангбурии коркардаистода ва мошинҳое, ки нав ба кор монтаж карда мешаванд, механизмҳо ва таҷҳизотҳои таҳвилдиҳии нақлиётии онҳо бояд дар ҳолати коршоямӣ бошанд, бо аломатҳои амалкунандаи механизмҳои сигналдиҳӣ, тормозҳо, иҳотаи қисмҳои ҳаракаткунандаи дастрас ва майдони корӣ, маҷмӯи асбобҳои коршоями корӣ, дастгоҳҳои назоратию ченкунӣ, блокировкаи муҳофизатӣ ва механизмҳои чангкашии коршоям таъмин бошанд. Ҳамаи мошинҳои сангбурӣ ва дастгоҳҳои арракунанда бояд механизми ҳимоявӣ дошта бошанд, ки ҳангоми набудани оби хунуккунанда ва ё дигар намуди хунуккунандаи дастгоҳ, ки дар конструксияи мошин нишон дода шудааст, он кори мошинро пешгирӣ менамояд.

226. Ҳамаи санговезаҳое, ки баъди мошинаи сангбурӣ боқӣ мемонад ё ин ки то охир нобурида мондааст, ё овезонанд, таъҷилан бояд дур карда шаванд (гирифта шаванд).

227. Роҳи оҳани барои ҳаракати мошинаи сангбурӣ бо такягоҳҳои муҳофизатӣ бояд ба итмом расад.

228. Иҷро кардани корҳои ҷойивазкунии блокхо, ҷинсҳои кӯҳии ғайрикондитсионӣ дар синакор ва анбори ашёи корхонаҳои коркарди санг бо таври механикӣ зарур мебошад. Бардоштан ва ҷойивазкунии борҳои майдадона дар зарфҳои махсус, ки барои чунин корҳо таъин шудаанд, бояд иҷро карда шавад, дар ин ҳолат ба афтиши қисмҳои алоҳида бор роҳ дода намешавад.

229. Ҷудо карда гирифтани сангҳои деворӣ, ки дар синакор бо мошинаи сангбуррӣ бурида шудааст, зарур аст, ки аз каторҳои боло оғоз карда шавад. Ҷамъоварӣ намудани сангҳои вазнашон 40 кг. бо баландии зинаҳо то 1,5 м. дастӣ рухсат дода мешавад. Агар баландии зина зиёда аз 1,5м.-ро ташкил диҳад, ҷамъоварии сангҳо танҳо бо тарзи механикӣ иҷозат дода мешавад. Аз синакор бардоштани блокҳои калони деворӣ танҳо бо ёрии таҷҳизотҳои махсуси қапандаи эътимоднок бояд иҷро карда шавад.

230. Ҳангоми буридан ва коркарди блокҳои калон, нисбати афтиши он ба тарафи корманд бояд чораҳо андешида шавад. Афтонидани дастии блокҳо ба тарафи худ манъ аст.

231. Интиқоли мошинаи сангбурӣ дар чанаҳои махсус ё трейлерҳо тибқи харитаи технологӣ, ки роҳбари техникии корхона тасдик намудааст, бояд иҷро карда шавад.

232. Ҳангоми интиқоли мошинаи сангбуррӣ иҷроиши талаботҳои зерин ҳатмист:

1) суръати ҳаракати чана (трейлер) бо мошина набояд зиёд бошад:

- 5 км/с – дар қитъаҳои ҳамвор;
- 0.5 – 1 км/с – дар қитъаҳои нишеб;

2) олатҳои бурранда бояд тамоман ба поён фароварда шуда сахт карда шаванд;

3) интиқол таҳти назорати шахси масъули техникӣ бояд амалӣ карда шавад.

233. Аз як ҷо ба ҷои дигар бурдани вагонҳо ҳангоми дастӣ бор кардани онҳо аз конвейери интиқолии мошинаи сангбуррӣ, танҳо дар ҳолати мавҷуд будани синализатсияи боэътимод рухсат дода мешавад ва дар ин ҳолат суръати ҳаракат на зиёда аз 1.5 м/дақиқа бояд бошад. Тартиби сигнализатсияро бо дарназардошти шароитҳои маҳаллӣ корхона муқаррар менамояд.

234. Ҳангоми истифодабарии конвейерҳои тасмагии сайёр барои дастрас намудани сангҳои деворӣ дар тӯли синакор талаботҳо барои нақлиёти технологии бефосила ба роҳбарӣ гирифта мешаванд.

235. Баландии сарҷини сангҳо набояд аз 1,8 метр ва дар блокҳои калонҳаҷм набояд аз 2,5 метр зиёд бошад. Тарзи ҷобаҷогузории сарҷинҳо устувории онҳоро бояд кафолат диҳад.

236. Дар ҷои кории кормандоне, ки аз воситаи нақлиёт сангҳоро мефароранд, тугмаи садамавии “Ист”, ки қувваи баркро дар мошин, дар умум хомӯш менамояд, бояд гузошта шавад.

237. Гирифтани сангҳое, ки дармондаанд, танҳо бо ёрии лавозимотҳои махсус иҷозат дода мешавад. Иҷрои ин корхо тариқи дастӣ манъ аст.

238. Ҳангоми бор намудан ва борфарории механикӣ истодани (воқеъ будани) ронанда ва дигар шахсони хизматрасон дар кабина, дар зинапояи автомошина, инчунин азназаргузаронӣ ва таъмири он манъ аст.

239. Шифти зинаи болоӣ дар фосилаи на камтар аз 2 метр аз канори он бояд аз партовсангҳо тоза карда шаванд.

240. Самти роҳи мошинаи сангбурӣ бо нивелир ё дар асоси кунҷи афтиш пойдевори ҳамворкардашуда бо истифодаи тагмонакҳои чубӣ ва ё махсуси ба ин мақсад тайёркардашуда, бояд муайян карда шавад. Истифодаи сангҳои арракардашуда ба сифати тагмонак манъ аст. Роҳҳои оҳани мошинаҳои сангбурӣ аз релсҳои як намуд бояд иборат бошанд, ба пайвастшавии заминии маҳаллӣ пайваст карда шаванд ва дар ҷои васлшавии релсҳо пайвасти электрикӣ бояд дошта бошанд.

241. Ҳангоми дар як вақт кор кардани ду ё зиёда мошинҳои сангбурӣ дар як роҳи оҳан, фосилаи байни онҳо набояд аз 15 метр кам бошад. Ҳамчунин, мошинҳои сангбуррӣ бояд бо буферҳои боваринок таҷҳизонида шуда бошанд.

242. Нақшаҳои технологии коркарди сангҳо бехатарии иҷрои равандҳои алоҳидаи технологиро бояд таъмин намоянд ва ба боркашонии рӯ ба рӯи маҳсулоти нимтайёр ва тайёр, роҳ надиҳанд.

243. Дар нақшаҳои истихроҷи якҷояи сангҳои блокӣ, ки истифодаи мошинҳои сангбурии боровӣ ва танобӣ пешбинӣ гардидааст, бояд тартиби зерини иҷрои корҳо риоя гардад: парма кардани пармачоҳи амудии технологӣ, ба тарзи уфуқӣ буридан бо дастгоҳи боровӣ, кундаланг ва ба дарозӣ амудӣ буридани санг бо мошинаи буриши танобӣ.

244. Ҳангоми истифодаи дастгоҳи сангбурӣ бо таноби геликоидалӣ қисмати бекори таноб берун аз ҳудуди минтақаи ҳифзшавандаи хати интиқоли барқ, дар зинаҳои ғайрикорӣ ва берун аз минтақаи кории механизмҳои борбардор бояд ҷойгир карда шавад.

245. Ҳангоми иҷрои корҳо тавассути буридан бо тарзи термогазӣ ва коркарди санги блок зарфҳои моеъҳои сӯзанда дар фосилаи 3 метр аз ҷойи корӣ ва 5 метр дур аз баллонҳои оксигендор бояд ҷойгир карда шаванд. Зарфҳо барои моддаҳои сӯзанда бояд ба ҳаҷми ¾ пур карда шуда бошанд. Истифодаи зарфҳои моддаҳои сӯзандадошта тибқи меъёрҳои истифодабарии бехатаронаи зарфҳои зери фишор коркунанда ба роҳ монда мешавад.

### §2. Талаботи қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми истихроҷи намаки ошӣ дар ҳавзаҳои таҳшинӣ ва кӯлҳои намакдор

246. Бузургиҳои системаи коркард (баландӣ ва кунҷи зинаҳо, паҳноии бермаҳои бехатарӣ, сутунҳои ҳифзкунанда ва ғайра) тибқи тавсияҳое, ки ташкилотҳои махсусгардонидашуда, ки дар асоси шароитҳои конкретии кӯҳӣ-геологии конҳо ва навъи таҷҳизоти кӯҳӣ-нақлиётӣ тартиб додаанд, бо лоиҳа муайян карда мешаванд. Дар ҳама

ҳолатҳо баландии зина ҳангоми коркарди қабатҳои намак дар кӯл набояд аз 8 м зиёд бошад. Нишебии зинаи истихроҷшаванда бояд на кам аз 75° бошад. Ҳангоми коркарди қабати намак бо зинаи баландиаш то 3 метр, кунҷи нишебии зина 90° иҷозат дода мешавад.

247. Бузургиҳои системаи коркард ҳангоми тартиб додани нақшаҳои солонаи рушди корҳои кӯҳӣ бо назардошти натиҷаҳои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мониторинги муҳити геологӣ, бояд дақиқ карда шаванд.

248. Сохти роҳи оҳани интиқолдиҳанда, ҳамчунин роҳҳои корӣ ва боркунӣ барои комбайнҳои намакҷамъкунанда, ба талаботи лоиҳа, ки аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ карда шудаанд, бояд мутобиқат кунанд. Масофаи аз канори зина то хати меҳвари роҳи оҳан, ки тавассути он комбайни намакҷамъкунанда ҷой иваз менамояд, бояд на кам аз 2,3 м бошад.

249. Ҳангоми коркарди қитъаи қабати намак дар кӯл бо синакорҳои рӯ ба рӯ оянда ва корҳои манёврӣ ба воситаи тракторҳо, паҳноии сутуни байни синакорҳо на бояд аз 17 метр кам бошад.

250. Дар ҳудуди кӯли намак ҳамаи ковишҳои бекормонда, ҳамчунин, дар ҳудуди кули намак дар ковишҳое, ки муваққатан кор қатъ гардидааст, бояд бо аломатҳои огоҳкунанда маҳдуд карда шуда бошанд.

251. Ҳангоми истихроҷи намаки ошӣ аз ҳавзаҳо ва кулҳо партофтани партовҳои бойгардонанда ба майдонҳои коркардшуда манъ аст.

252. Комбайнҳои намакҷамъкунанда, дастгоҳҳои дизелӣ-генераторӣ, ки дар як вагон бо дигар таҷҳизотҳо ҷиҳозонида шудаанд, бояд шамолдиҳаки сунъӣ дошта бошанд.

253. Комбайнҳои намакҷамъкунанда, ки дар чуқурии зиёда аз 3 м намакро мебароранд, бояд бо асбобҳои хамиченкунанда ва огоҳкунандаи автоматӣ таҷҳизонида шаванд, ки онҳо нишебии ниҳоиро бояд хабар диҳад.

254. Ҳангоми моилшавии аз ҳадди муқарраршуда зиёди комбайн мошинист ӯҳдадор аст, ки истихроҷи намакро қатъ гардонад, комбайнро аз ҷойи хатарнок барорад ва роҳбари техникии бастро хабардор намояд.

255. Ҳангоми дар як роҳи корӣ кор кардани ду комбайни намакҷамъкунандаи бояд сарҳади кори ҳар яки онҳо ишора шуда бошад. Сарҳади майдони кории комбайнҳои намакҷамъкунанда тавассути диски рангаш сурх ва қутраш 200 мм, ки дар байни хатҳои роҳи оҳан ва роҳи боргиранда гузошта мешаванд, ҷудо карда мешавад.

256. Дар кӯли намак, қад-қади роҳ, ки тавассути он мошинҳо, тракторҳо ва дигар воситаҳои нақлиёт ҳаракат мекунанд бояд дар масофаҳои муайян сутунҳои роҳнамо чунон шинонида шаванд, ки дар тамоми вақти шабонарӯзӣ ва ҳама ҳолати обу ҳаво барои ронандагон намоён бошанд. Шинондани сутунҳои роҳнамо қад-қади роҳи оҳан, ки барои аз кӯл баровардани намак хизмат мекунад, ҳатмӣ нест.

257. Корҳо оид ба ивазкунӣ ва мондани арраҳои агрегатҳои истихроҷи блоки намак мутобиқи нақшаи технологӣ, ки чораҳои зарурии

бехатариро пешбинӣ менамояд ва он аз тарафи роҳбари техникӣ тасдиқ гардидааast, бояд иҷро карда шавад.

258. Майдончаи болоии тали намак бояд уфуқӣ ё нишебии на зиёда аз 5-10° ба боло ё ба поён дошта бошад.

259. Ҷуйборҳои асосии ғизодиҳандаи ҳавзҳо дар фосилаи ҳар 200 м ба самти дарозиашон бо купрукчаҳои гузарандаи дастакдори паҳноиашон на кам аз 0,8 м бояд таҷҳизонида шуда бошанд. Аз болои дарғотҳои ҳавзҳо рафтуо кардан манъ карда мешавад.

260. Коркарди зинаҳои намак тибқи талаботи бандҳои 50-53 Қоидаи мазкур бояд амалӣ гардад.

261. Ҳангоми кори комбайни намакҷамъкунанда манъ аст:

- воқеъ будан пеш аз комбайн дар масофаи на кам аз 10м. аз канори пеши корди комбайн;

-ҳузур доштани шахсони бегона дар комбайн.

262. Гузаронидани корҳои батанзимдарорӣ ва дигар корҳо дар зери комбайн бе андешидани чораҳои бехатарӣ манъ аст.

263. Ҳамаи ноқилҳои комбайни намакҷамъкунанда дар дохили лӯлаҳои металлӣ ё бо кабеле, ки бо моддаи зидди зангзанӣ пӯшида шудааст, бояд гузаронида шуда бошанд.

264.Чоҳҳои ҷабандаи таҷҳизоти насосҳо бояд эътимоднок маҳкам карда шуда, ё аз ҳама тараф бо панҷараҳои баландиашон на кам аз 1,2 м иҳота карда шуда бошанд.

265. Ноқилҳои барқӣ ва рӯшноидиҳанда дар ҳудуди ҳавзҳо бояд кабелӣ бошанд.

266. Кашидани кабел бевосита аз таги ҳавз ё бо қабати намак дар кӯли намак манъ аст. Кабелҳо бояд дар такягоҳҳои махсус ва ё пояҳо гузаронида шаванд.

267.Эстакадаи боркунанда аз ҳама тараф бо панҷараи баландиаш на кам аз 1,2 м бояд иҳота карда шуда бошад. Баромадани шахсони бегона ба эстакадаи боркунанда манъ аст.

268. Барои гузаштан аз конвейерҳои қад-қади эстакадаи боркунанда ҷойгиршуда, баъди ҳар 30 метр купрукчаҳои дастакдор бояд сохта шаванд. Паҳноии купрукчаҳои гузаранда набояд аз 0,8 м кам бошад.

269. Азназаргузаронии конструксияҳои эстакадаи боркунандаро сардори осиёби намак на кам аз як маротиба дар як моҳ бояд гузаронад. Натиҷаи азназаргузаронӣ дар китоби азназаргузаронии эстакадаи боркунанда қайд карда мешавад.

270. Шахсоне, ки бо истихроҷ ва коркарди намак алоқаманд мебошанд, на кам аз як маротиба дар ҳар семоҳа бояд аз муоинаи духтурон гузаранд.

271. Дар ҷойҳои истихроҷ, боркунӣ, борфарорӣ, интиқолдиҳӣ ва коркарди намак истифодабарии чароғҳои барқии панҷараи оҳанин надошта манъ карда мешавад.

## 8. ТАЛАБОТ ОИД БА ИСТИФОДАИ БЕХАТАРОНАИ

# НАҚЛИЁТИ ТЕХНОЛОГӢ

## §1. Нақлиёти технологии автомобилӣ

272. Паҳноии қисмати роҳрави роҳҳои дохиликарерӣ ва нишебии он бо дарназардошти талаботҳои қоида ва меъёрҳои амалкунанда вобаста ба андозаи автомобилҳо ва қаторaҳои автомобилӣ дар лоиҳа муайян карда мешавад. Даромадҳои муваққатӣ ба хандакҳо бояд тавре ташкил карда шавад, ки ҳангоми ҳаракати нақлиёт ба дарозии онҳо аз ҳарду тарафи роҳ гузаргоҳ ба паҳноии на кам аз 1,5метр боқӣ монад.

273. Дар роҳҳои нишебии тӯлонидошта (зиёда аз 60 %) дар масофаи на кам аз 600 майдони нишебиашон то 20 % ба дарозиии на камтар аз 50м бояд сохта шаванд.

274. Радиуси гардишҳо дар нақша ва нишебиҳои кундалангии роҳҳои автомобилӣ бо дарназардошти меъёрҳо ва қоидаҳои сохтмонӣ пешбинӣ карда мешаванд. Дар шароитҳои маҳдуди махсус дар роҳҳои дохиликарерӣ ва роҳҳои хоктӯдаҳо, бузургии радиуси гардиш ба андозаи на камтьар аз ду радиуси конструктивии гардиши воситаҳои нақлиёт аз рӯи чархи пеши беруна – барои автомобилҳои танҳо ва на камтар аз се радиуси конструктивии гардиш – барои автомобилҳои ядакдор иҷозат дода мешавад.

275. Қисми мошингузари роҳҳо дар ҳудуди карер (ғайр аз роҳҳои назди синакор) ба қоидаҳою меъёрҳои сохтмонӣ бояд ҷавобгӯ бошанд. ва аз призмаи эҳтимолии фуруравӣ бо девори муҳофизатӣ ва ё наварди эҳтиётӣ (аз ҷинсҳои кӯҳӣ) иҳота шуда бошанд. Баландии наварди муҳофизатӣ набояд аз нисфи диаметри чархи автомобили калонтарини боркаши дар карер истифодашаванда кам бошад. Тири амудӣ, ки аз қуллаи наварди муҳофизатӣ мегузарад, аз призмаи фуруравӣ бояд берун бошад. Масофа аз канори наварди (девори) муҳофизатӣ то қисмати мошингузар на кам аз 0,5 диаметри чархи автомобили иқтидори боркашиаш максималии дар карер истифодашаванда, қабул карда мешавад.

276.Дар давраи зимистон роҳҳои мошингард мунтазам аз барф ва ях тоза карда шуда, ба он қум, дажғол, шағали майда пошида ва ё бо маводи махсус коркард мешаванд.

277. Ҳар як автомобил бояд шиносномаи техникӣ дошта бошад, ки дар он тавсифҳои асосии техникӣ ва истифодабарии он нишон дода шуда бошад. Автомобилҳои карерии дар кон истифода шаванда бо таҷҳизотҳои зерин бояд муҷаҳҳаз бошанд:

- воситаҳои оташхомушкунӣ;
- аломтҳои исти садамавӣ;
- доруқуттӣ;
- тагмонакҳо барои дар зери чархҳо мондан;
- сигналҳо номуттасили овозӣ ҳангоми ба қафо ҳаракат кардан;
- механизми манъкунандаи (сигнализатор) бардоштани сабад (кузов) дар зери хатҳои барқ (барои автомашинаҳои борбардориашон 30 тонна ва зиёд);

- ду оинаи ба қафо нигоҳкунанда;
- воситаҳои алоқа.

278. Ба хати корӣ автомашинаҳо дар ҳолате рухсат дода мешавад, ки агар ҳамаи ҷузъҳо ва агрегатҳое, ки бехатарии ҳаракатро таъмин менамоянд, ҳамчунин бехатарии дигар корҳо, ки технологияи истифодабарии нақлиёт пешбинӣ намудааст, дар шароити коршоями техникӣ қарор дошта бошанд. Истифодаи оташ (чароғҳои васлкунанда, машъал ва диг.) барои гарм намудани равған ва об манъ аст. Бо ин мақсад истгоҳи автомашинаҳои объекти корҳои кушоди кӯҳӣ бо нуқтаҳои статсионарии гармкунандаҳои буғӣ таъмин бошанд. Ронандаҳое, ки автмобилро идора менамоян, бо худ ҳуҷҷати ҳуқуқи идораи автомобилро бояд дошта бошанд. Ронандагон, ки автомобилҳои трансмиссияи дизелӣ-барқӣ доштаро идора менамоянд, гурӯҳи тахассусӣ нисбати бехатарии барқии бояд аз гурӯҳи II паст набошад.

279. Ҳангоми гузаронидани таъмири капиталӣ ва ҳам дар раванди истифодаи оянда, дар муҳлатҳое, ки аз ҷониби заводи истеҳсолкунанда пешбинӣ гардидааст (тибқи номгӯй), дефектоскопияи ҷузъҳо, деталҳо ва агрегатҳои автомашинаҳои худрези калони боркаш, ки ба бехатарии ҳаракат таъсир мерасонанд, бояд гузаронида шавад.

280. Суръат ва тартиби ҳаракати автомобилҳо, автомобилҳо ва тракторҳои поездмонанд дар роҳҳои карйер аз тарафи роҳбари техникии ташкилот ва муассисаи нақлиётӣ бо дарназардошти шароитҳои маҳаллӣ муқаррар карда мешавад. Кашидани автосамосвалҳои нуқсондори борбардориашон 27 тонна ва зиёд бо ядакмошинҳои махсус бояд амалӣ карда шавад. Дар қисмати мошингузари роҳ гузоштани автомашинҳои худрези вайроншуда манъ аст. Гузоштани муваққатии мошинҳои вайроншуда дар қисми мошингузари роҳ ҳангоми ҳолатҳои садамавӣ бо иҳота кардани роҳ аз ду тараф бо сигналҳои огоҳкунанда тибқи ба қоидаҳои амалкунадаи ҳаракати роҳ, иҷозат дода мешавад.

281. Ҳаракат дар роҳҳои технологӣ бо аломатҳои роҳ, ки қоидаҳои амалкунандаи ҳаракат дар роҳҳо муқаррар кардааст, бояд танзим карда шавад. Дастурдиҳӣ оид ба бехатарӣ ба ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки дар объекти корҳои кӯҳии тарзи кушод фаъолият мекунанд, аз тарафи маъмурияти ташкилот ва хоҷагии автомобилӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми ба кор қабул кардан ва баъди бо хатсайр амалан шиносоӣ пайдо кардан ба ронандаҳо шаҳодатномаи ҳуқуқи кор дар объекти корҳои кӯҳии кушод бояд дода шавад. Ба ронандаҳои автомобилҳо ва таҷҳизоти худгарди технологӣ (грейдерҳо, скреперҳо, булдозерҳо, боркунандаҳо ва ғайра) хатсайр бояд дода шавад, ки он ҳамчун супориш барои иҷрои корҳо ба ҳисоб меравад. Ба ҳудуди қитъаи кӯҳкорӣ даромадани автомобилҳо, тракторҳо, ядакҳо, мошинҳои боркунанда, борбардор ва ғайра, ки ба дигар ташкилотҳо тааллуқ доранд, танҳо пас аз додани дастури ҳатмӣ ба ронанда ва қайд намудани он дар китоби махсус бо иҷозати маъмурияти корхонаи истифодабарандаи объект, рухсат дода мешавад.

282. Назорат оид ба ҳолати техникии автосамосвалҳо, риояи қоидаҳои ҳаракати роҳ аз тарафи шахсони масъули хоҷагии автомобилии ташкилот бояд таъмин карда шавад, аммо ҳангоми истифодаи нақлиёти ташкилоти паймонкор, ки дар асоси шартнома кор мекунад - аз тарафи шахсони масъули ташкилоти паймонкор таъмин карда мешавад. Қабл аз ба кор баромадан ва баъди ба гараж баргаштан назорати ҳолати техникии воситаи нақлиёт тибқи тартиб ва миқдоре, ки аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ гардидааст, аз ҷониби ронандаҳо ва шахсони уҳдадор бояд таъмин карда шавад.

283. Ҳангоми ҳаракат дар роҳҳои технологӣ автомобилҳо бояд аз якдигар пеш нагузаранд. Дар ҳолатҳои алоҳида ҳангоми истифодаи автомобилҳои суръати техникии гуногундошта бо дарназардошти таъмини шароити бехатарии ҳаракат, пешгузарӣ иҷозат дода мешавад.

284. Ҳангоми ба мошин бор кардани массаи кӯҳӣ бо экскаваторҳо бояд шартҳои зерин иҷро карда шаванд:

- мошини борро интизоршаванда берун аз радиуси амали экскаватор бояд ҷойгир бошад ва танҳо пас аз сигнали иҷозати мошинист барои бор гирифтан наздик шавад;

- мошини зери бор дар ҳудуди дидашавандаи мошинисти экскаватор бояд қарор дошта бошад;

- мошини зери бор қарордошта бояд тормозонида шуда бошад;

- бор кардани автомобил аз ақиби автомобил ё аз канори он бояд амалӣ гардад, гузаронидани бели экскаватор аз болои кабинаи мошин манъ аст;

- баландии афтиши бор бояд минималӣ бошад ва дар ҳама ҳолат набояд аз 3 м зиёд бошад;

- мошини боркардашуда танҳо пас аз сигнали иҷозатии мошинисти экскаватор, бояд ба нуқтаи борфарорӣ раҳсипор гардад.

285. Яктарафа бор кардан, бор кардани сангҳои калонҳаҷм, инчунин аз иқтидори борбардории автомобил зиёд бор кардан, иҷозат дода намешавад.

286. Кабинаи автосамосвали дар объекти корҳои кӯҳии тарзи кушод истифодашаванда бо сарпӯши махсуси ҳифзкунанда, ки бехатарии ронандаро ҳангоми бор кардан таъмин менамояд, бояд пӯшида шуда бошад. Ҳангоми набудани сарпӯши ҳифзкунанда ронандаи мошин уҳдадор аст, ки аз кабина баромада, дар муддати боркунӣ берун аз радиуси максималии бели экскаватор қарор гирад.

287. Ҳангоми кор дар хатсайр манъ аст:

- ҳаракати мошин бо кузови бардошташуда;

- таъмир ва борфурорӣ дар зери хати интиқоли барқ;

- дар нуқтаи боркунӣ ҳаракат ба қафо дар масофаи зиёда аз 30 м (ба истиснои ҳангоми корҳои ровканӣ);

- гузаштан аз болои кабелҳо ва кабелҳое, ки дар рӯи замин бо механизмҳои махсус иҳота карда нашудаанд;

- бурдани шахсони бегона дар кабина бе иҷозати маъмурият;

- аз кабина баромадани ронанда то пурра бардошта шудани кузов;

- нигоҳ доштани мошин дар фарозӣ ва нишебӣ;

- ҳаракати қади роҳи оҳан дар масофаи кам аз 5 м аз релси наздиктарин;

- истифодаи мошин бо механизми вайронаи бакордарории муҳаррики.

288. Дар ҳолати исти мошин дар фарозӣ ё нишебӣ бо сабаби вайроншавии техникӣ, ронанда ӯҳдадор аст, ки барои худ аз худ ҳаракат накардани автомашина чораҳо андешад. Дар ҳамаи ҳолатҳо ҳангоми ҳаракати мошин ба қафо бояд сигнали овозӣ дода шавад.

289. Тоза кардани кузов аз маводи часпида ё яхкарда дар ҷойи махсус ҷудошуда бо истифодаи воситаҳои механикӣ ё дигар воситаҳо бояд иҷро карда шавад.

290. Корҳои вобаста ба васлу насби чарҳо дар ҷойҳои алоҳида ё дар қитъаҳои махсус, ки бо механизмҳо ва иҳотаи зарурӣ ҷиҳозонида шудаанд, бояд амалӣ карда шаванд. Иҷрокунандагони чунин корҳо бояд омӯзонида шуда, дастур гирифта бошанд.

291. Нуқтаҳои ҳамлу нақл ҷанбаи зарурии амалиётҳои маневрии воситаҳои боркунӣ, автомобилҳо, автопоездҳо, булдозерҳо ва дигар техникаҳои ҷалбкардашуда ва таҷҳизотро бояд дошта бошанд.

## §2. Нақлиёти технологии бефосила

292. Ҳангоми лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодаи объектҳои нақлиёти бефосила ба роҳбарӣ гирифтани Қоидаҳои мазкур зарур мебошад ва ҳамчунин, дар объектҳои зеризаминӣ аз ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба бехатарӣ ҳангоми коркарди конҳои маъдан, ғайримаъдан ва пошхӯрда бо тарзи зеризаминӣ, дар комплексҳои сангмайдакунӣ – ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба бехатарӣ ҳангоми майдакунӣ, ба навъҳо ҷудокунӣ, бойгардонии канданиҳои фоиданок ва порадона кардани маъданҳо ва консентратҳо бояд истифода бурд

293. Аз тарафи маъмурияти ташкилот барои назорат ва истифодабарии бехатарии конвейрҳо ва дигар намуди нақлиёти бефосила бояд доираи шахсони масъул муайян карда шуда бошанд.

294. Дар долонҳои конвеерӣ ва дар эстакадаҳо, ки дар рӯи замин ҷойгир шудаанд ва барои интиқол додани маводи насӯзанда дар ҳолати сардӣ, ҷойгир кунонидани конвейерҳои лентагӣ бо лентаи ба оташ тоб наоваранда иҷозат дода мешаванд. Конструксияҳои сохтмонии долонҳо ва эстакадаҳо аз маводи оташбардор бояд сохта шаванд. Дар ин ҳолат, дар истгоҳҳои ҳаракатдиҳанда ва нуқтаҳои ҳамлу нақл, ҳамчунин ба дарозии конвейер, ки дар долон ҷойгир карда шудааст, воситаҳои автоматикии оташхомӯшкунӣ ва сигнализатсияи автоматӣ бояд насб карда шаванд. Сигнали бакордароии ин воситаҳо ба бунгоҳи танзимгар бояд ворид шавад. Барои огоҳ намудани даргирии лента истгоҳҳои ҳаракатдиҳандаи конвеерҳо бояд бо қулфҳои гармидиҳанда таҷҳизонида шаванд.

295. Дастгоҳҳои нақлиёти технологии бефосила бояд механизмҳои зеринро дошта бошанд:

- механизмҳои блокировкашаванда, таҷҳизотро боздоранда, ки он дар гузашта садамавӣ боздошта шудааст;

- механизми бозистии садамавии конвейер аз ҳама гуна ҷо ба дарозии он;

- сигнализатсия оид ба оғози ба кор андохтани таҷҳизот;

- механизмҳои блокировка кунанда, ки имконияти бакордарооии дистансиониро баъди кор даромадани воситаи ҳимоякунандаи конвеер истисно мекунанд;

- механизми конвейерро хомӯшкунанда дар ҳолати бозистии лента ҳангоми фаъол будани муҳаррик;

- механизми ба баромади канории лента монеъшаванда ва датчикҳои баромади канории лента, ки кори муҳаррикро ҳангоми баромадани лента берун аз ҳудуди канорҳои барабанҳо ва роликҳо-такягоҳҳо хомӯш мекунад;

- блокировкаи маҳаллӣ, ки ба кор даромадани таҷҳизотро аз пулти идоракунии марказонидашуда пешгирӣ мекунад;

- ҳангоми васли конвеерҳо бо кунҷи зиёда аз 6° - механизми автоматии фаъолшавандаи тормоз, ки ҳангоми хомӯшкунии муҳаррик ба кор медарояд ва ба ҷойивазкунии шохаи лентаи бордор ба самти муқобил монеъ мешавад;

- механизм барои таранг кашидани лента;

- ҳангоми кунҷи моили конвейер зиёда аз 10° будан – механизми қаппандаи шохаи бордор ҳангоми канда шудани он;

- асбоб барои тозакунии механикии лента ва барабанҳо аз маводи часпанда;

- механизме, ки ҳангоми маҳкам шудани чуқурӣ ва новадонҳои борхоликунӣ ҳаракати муҳаррикро хомӯш мекунад.

296. Дар конвеерҳои ҷойивазкунанда барои равонакҳои борфарорӣ васли хомӯшкунакҳои канорӣ, аммо дар роҳҳои релсдор - такягоҳҳои махсус зарур мебошад. Расондани нерӯи барқ ба муҳаррикҳои барқие, ки ба таври автоматӣ равонакҳо ва конвейрҳои ҷойивазкунандаро бозмедоранд бояд бо кабелҳои овехташаванда иҷро гардад. Пайвасти нерӯи барқ ба мухаррикҳои барқие, ки ба таври автоматӣ равонакҳо ва конвейрҳои ҷойивазкунандаро бозмедорад, дар майдонҳои хизматрасонӣ ё аз фарш тавассути симҳои алоқа, ки дар баландии на кам аз 3,5 м. иҷозат дода мешавад. Ҳангоми кам будани баландии ноқили троллеӣ (аз 3,5 то 2,2 м) бояд иҳотаҳои махсус гузошта шаванд. Равонакҳои борфарор бояд бо бо механизмҳое таҷҳизонида шаванд, ки ба ҳаракти беихтиёр монеъ гарданд.

297. Ҷамъоварии маводи рехта аз зери конвейерҳои лентагӣ бояд механикӣ (тозакунии гидравликӣ ва ғ.) бошад. Ҷамъоварии дастии мавод аз зери устувонаи (барабани) асосӣ, устувонаҳои оқиб ва радкунанда танҳо дар ҳолати боздоштани конвейер иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат нақшаи барқии муҳаррики он бояд ҷудо карда шуда, дар механизмҳои бакор дароваранда плакатҳои огоҳкунанда бо навиштаҷоти «Даргирондан манъ аст! Одамон кор карда истодаанд!» овезон карда

мешавад. Стансияҳои ҳаракатдиҳанда, кашанда, радкунанда ва оқиби конвейерҳои лентадор бояд иҳота дошта бошанд, ки ба ҷамъоварии дастии маводи рехтаи назди устувонаҳо дар ҳолати кор кардани конвейер монеъ шуда тавонад. Иҳотаҳо бояд бо муҳаррики ҳаракатдиҳандаи конвейер чунон блокировка карда шуда бошад, ки дар ҳолати гирифтани иҳотаҳо имконияти даргирифтани он вуҷуд надошта бошад. Аз тарафи гузаргоҳи асосии одамон, ба дарозии умумии конвейер, ғилдиракҳои шохаҳои корӣ ва ғайрикории лента бидуни блокировка бо муҳаррики конвейер, бояд иҳота дошта бошанд (иҳота карда шаванд). Аз тарафи гузаргоҳи ғайриасосӣ, ғилдиракҳои шохаҳои кориву ғайрикории лента мумкин иҳота карда нашаванд ва даромади минтақа бо даричаҳо бояд таҷҳизонида шавад, ки он бо муҳаррики конвейер блокировка карда мешавад, ки дастрасии одамонро ба минтақа истисно менамояд.

298. Дастӣ рост кардан ва ба тартиб даровардани зичии канораҳои лентаи конвейери коркардаистода манъ аст.

299. Андармоншавии лентаи конвейерро пас аз тоза кардани устувонаҳо, лента ва мутобиқатии тарангии он ба механизмҳои кашанда бартараф кардан зарур аст. Даргирондан ва истифода бурдани конвейерҳо дар ҳолате, ки маводи интиқолшаванда ба қисмҳои ҳаракаткунанда (лента, устувона, ғилдиракҳо) рехта аст, манъ аст.

300. Дар назди ҷойгиршавии меҳварҳои устувонаҳои ҳаракатдиҳанда, кашанда ва радкунандаи стансияҳои ҳаракатдиҳандаи конвейерҳо дар баландии зиёда аз 1,5 м аз сатҳи фарш майдончаҳо барои хизматрасонии ҳаракатдиҳандаҳо бояд сохта шаванд. Онҳо бо зинапояҳо ва панҷараҳои баландиашон на кам аз 1 м таҷҳизонида шуда, ба баландии на кам аз 0,15м. аз фарш ва на кам аз 0,3м. аз поёни конструксияҳои баромади майдонча то маводи интиқолдиҳанда, тахтабандӣ карда мешаванд. Масофаи амудӣ аз фарши майдончаҳо то поёни конструксияҳои сохтмонии нисбатан барҷаста (системаҳои коммуникатсионӣ) бояд на кам аз 1,8 м бошад. Майдончаҳо бояд фарши панҷарашакл ё яклӯхти нағеҷанда дошта бошанд.

301. Баландии долонҳо ва эстакадаҳо аз сатҳи фарш то поёни конструксия бояд на кам аз 2 м бошад. Паҳноии долонҳо ва эстакадаҳо ба шароити таъмини гузаргоҳҳои зерин бояд мутобиқат кунанд:

- на кам аз 800 мм аз як тарафи конвейер (барои гузаштани одамон), аз тарафи дигар – на кам аз 700 мм дар ҳолати паҳноии лента то 1400 мм ва на кам аз 800 мм аз ҳарду тарафи конвейер дар ҳолати паҳноии зиёда аз 1400 мм-и лента;
- байни ду ва зиёда конвейери мувозӣ – на кам аз 1000 мм, аммо байни девори долон ва синҷаи конвейер – на кам аз 700 мм, дар ҳолати паҳноии лента то 1400 мм будан ва на кам аз 800 мм бо паҳноии лента зиёда аз 1400 мм.

302. Ҳангоми дар долонҳо ва эстакадаҳо ҷойгир намудани конвейерҳои ҷойивазкунандаи лентагӣ, ки дар релс ҳаракат мекунанд, бояд талаботи зерини дастурамали заводи истеҳсолкунанда риоя карда шавад:

- гузаргоҳҳои байни конвейерҳо (бо габаритҳои барҷаста) ва деворҳои биноҳо, ё дигар таҷҳизот бояд на кам аз 1 м бошад;

- ҷойҳои гузоштани конвейерҳо (минтақаи фаъолияти онҳо) бо тамоми периметр иҳотаи баландиаш на кам аз 1 м аз сатҳи фаршро бояд дошта бошанд;

- гузаргоҳҳои қитъаи иҳоташуда бояд бо даричаҳо ҷиҳозонида шуда бошанд, ки бо ҳаракатдиҳандаҳои лентаҳо ва механизмҳои ҳаракатдиҳандаи конвейерҳо блокировка карда шудаанд ва ҳангоми кушодани даричаҳо хомӯш кардани онҳо таъмин мегардад;

- дар ҳамаи дарозии конвейер пеш аз иҳота бояд троссҳои садамавӣ ё дар ҳар 30 метр тугмаи «Ист» насб карда шуда бошанд.

303. Дар шинонидани конвейерҳои пластинагӣ ва ғизогирандаҳо имконияти хизматрасонӣ аз ҳарду тараф ба онҳоро бояд пешбинӣ намуд. Паҳноии гузаргоҳҳои озоди байни конвейерҳо на кам аз 1,2 метр, байни деворҳои бино ва конвейерҳо – на кам аз 1 метр бояд қабул карда шавад.

304. Дар камераҳои зеризаминӣ, нуқтаҳои ҳамлу нақл ва биноҳои объекти корҳои кушоди кӯҳӣ масофаи минималии байни андозаҳои таҷҳизоти ҳамҳудуд ва аз деворҳо то таҷҳизот бо дарназардошти таъминоти ҳамлу нақли мошинҳо ва ҷузъҳои таҷҳизот ҳангоми таъмир ё ивазкунии онҳо муайян карда мешавад, аммо на кам аз:

- 1,5 метр – дар гузаргоҳҳои асосӣ;

- 1 метр – дар майдончаҳои корӣ, байни мошинҳо;

- 0,7 метр – дар гузаргоҳҳои корӣ, байни девор ва мошин.

305. Ҳангоми ҷойгир намудани хати конвейерӣ дар ҷойи кушод, роҳҳои даромад ба ҷузъҳои асосии хати конвейерӣ ва таҷҳизоти ҳамҳудуд бояд таъмин карда шавад.

306. Конвейерҳои пластинагӣ ва белчадор, ки дар ҳолати моилӣ монда шудаанд, бо қаппандаҳои ҳалқаҳои нақлиётӣ, ки дуршавии тасмаи онро ҳангоми кандашавӣ пешгирӣ мекунад, бояд таҷҳизонида шаванд.

307. Ҳангоми шинонидани ғалтакҳо ва конвейерҳои белчадор хизматрасонии яктарафаи онҳо бо паҳноии гузаргоҳи озоди на кам аз 0,8 м иҷозат дода мешавад. Сарпӯши ғалтакҳо ва конвейерҳои белчадорро (ғайр аз тирезаҳои махсуси назоратӣ ва люкҳо) манъ кардан зарур аст, ки он дастрасӣ ба қисмҳои тобхӯранда ва ҳаракаткунандаи ғалтакҳо ва конвейерҳои белчадорро ҳангоми кори онҳо, истисно мекунад.

308. Сохт ва истифодаи нақлиёти танобии овезон дар асоси талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба сохт ва истифодаи бехатаронаи роҳҳои танобии овезони боркаш зарур мебошад.

309. Ҷойҳои кории даҳанаҳои борфарории нақлиёти танобӣ дар минтақаи баромади танобҳо аз истгоҳ бояд иҳота карда шаванд, ки он дар ҳолати худ аз худ ҷудошавии вагонетка аз таноби баранда бехатарии корҳоро таъмин менамояд. Дар ҷойҳои буриши нақлиёти танобӣ бо роҳҳо, биноҳо ва иншоотҳо панҷараҳои муҳофизатии овезон бояд насб карда шаванд.

310. Майдончаҳои кории назди даҳанаҳои борфарорӣ ва истгоҳҳои роҳи танобӣ бо алоқаи мустақими телефонӣ ва сигнализатсия бояд

муҷаҳҳаз карда шуда, ҳамчунин, имконияти исти садамавии ҳаракатдиҳандаи танобро бо додани сигнал ба мошинистро бояд дошта бошанд. Ҳангоми якбора истодани роҳи танобӣ, то муайян намудани сабаби истодан ва бартараф кардани норасоӣ, сар додани он манъ аст.

311. Ҳангоми дар конвейери лентагӣ насб кардани равонаки барабании партоянда ё ғизодиҳандаи ҷойивазкунанда, аз ҳарду тарафи конвейер бояд гузаргоҳ пешбинӣ карда шавад.

312. Ҳангоми ба рӯи замин баромадани долонҳои конвейерии зеризаминӣ ва рӯизаминӣ дар онҳо бояд воридгоҳи беруна пешбинӣ карда шуда, аз болои конвейр гузаргоҳҳо бояд сохта шаванд.

313. Баромадҳои эвакуатсионӣ аз долонҳову эстакадаҳо ва гузаргоҳҳо (купрукчаҳо) аз болои конвейерҳоро на кам дар ҳар 100 м гузоштан дуруст мебошад. Купрукчаҳо мувофиқи талаботи банди 443 бояд сохта шаванд.

314. Дар гузаргоҳҳои долонҳои конвейерии нишебиашон аз 7° зиёд зинаҳо ё нардбонҳои чӯбӣ ва дастгиракҳо бояд сохта шаванд.

315. Суръати ҳаракати лентаи конвейер ҳангоми маъданҷудокунии дастӣ бояд аз 0,5 м/с зиёд набошад. Дар ҷойҳои маъданҷудокунӣ лента бояд иҳота карда шавад.

316. Ҳангоми ҷойгиршавии конвейерҳо аз болои гузаргоҳҳо ва таҷҳизотҳо, шохаи поёни онҳоро бо рӯйбасти пурра, ки имконияти афтодани маводи пошхӯрандаро истисно мекунад, иҳота кардан зарур аст.

317. Ҳангоми бо конвейерҳои лентадор интиқол додани маводи хушку чангнок, маводи ҳарорати баланд дошта ва буғбароранда, дар ҷойҳои боркунӣ ва фаровардани онҳо бояд паногоҳ пешбинӣ намуд ва инчунин, чорабиниҳои иловагӣ барои мубориза бо ингуна омилҳо: шинонидани аспиратсия, обпошандаҳо ва ғайра, ки таркиби омехтаҳои зараноки ҳаворо дар доираи консентратсияи ҳадди ҷоиз (КҲҶ) ба танзим медароранд, бояд андешида шаванд. Ҳангоми интиқолдиҳии маводҳои хушки хокамонанд ва чангбароранда минтақаи ҷойивазкунии онҳо бояд герметизатсия (ҳавоногузар) карда шавад. Дар долонҳои конвейерӣ, ҷойҳои наздикшавии онҳо ба биноҳо бояд деворахо бо дарҳои худмаҳкамшаванда дошта бошанд.

318. Элеваторҳо, конвейерҳои белчадор ва шнекҳо, ки маводҳои хушки чангдиҳандаро интиқол медиҳанд, бояд бо сарпӯшҳои мустаҳкам ба ҳамаи дарозиашон маҳкам карда шаванд; ҷойҳои боркунӣ ва борфарорӣ низ, бо паноҳгоҳҳои мустаҳкам бояд таҷҳизонида шаванд. Барои назорати мунтазами узвҳои кории механизмҳо дар сарпӯшҳо равзанаҳои назоратӣ бо даричаҳои зичмаҳкамшаванда гузошта мешаванд, ки барои бурдани мушоҳида имконият фароҳам меорад.

319. Элеваторҳое, ки маҳсулоти намнокро интиқол медиҳанд, барои пешгирӣ аз пош хӯрдани лойоба ба ҳамаи дарозии худ бо сипарҳои ҳифзкунанда ё сарпӯшҳо бояд маҳкам карда шаванд. Дар ҷойҳои борфарорӣ ва боркунии элеваторҳо хомӯшкунакҳои садамавӣ бояд насб карда шаванд.

320. Ҳамаи элеваторҳо бояд бо механизмҳои тормоз, ки ҳангоми канда шудан оқибравии занҷири дорашаклро ва қаппандаҳоро истисно менамояд, бояд ҷиҳозонида шаванд.

321. Дар конвейерҳо, ки аз шохаи корӣ печонидани мавод имкон дорад, мустаҳкамкуннда ҳимоявӣ насб кардан зарур аст.

322. Чархҳои равонакҳои худфарор ва конвейерҳои худгард бояд иҳота карда шаванд. Роғи байни иҳота ва релс набояд аз 10 мм зиёд бошад.

323. Борҳои механизмҳои кашандаи конвейерҳо ва роҳҳои танобӣ, ҳамчунин, устувонаҳои кашанда бояд иҳота карда шаванд ва чунон гузошта шаванд, ки дар ҳолати канда шудани лента ё таноб имконияти афтодани бор ё барабан ба блои одамон ё таҷҳизот истисно гардад. Ҷойҳои борҳо ба баландии на кам аз 2 м бояд иҳота карда шаванд ва бордонҳо бо рӯйпӯшҳо пӯшонида шаванд. Стансияҳои кашандаи борӣ бо ҳаракатдиҳандаи конвейер дар ҳолати канда шудани борҳо бояд блокировка дошта бошад.

324. Ҳангоми давомнок истодани конвейерҳо (махсусан зимистон) лентаҳо бояд аз маводи интиқолшаванда пурра озод, кашандаҳои онҳо суст карда шаванд. Ҳангоми ба кор даровардани конвейер 2-3 дақиқа лента бояд мавод надошта бошад.

325. Фаромадани одамон ба бункер тавассути зинапоя пас аз истодани конвейерҳои боркунандаю борфароранда ва таъминунандаҳо иҷозат дода мешавад. Ба бункерҳо фаромадан ва корро дар онҳо иҷро намудан дар асоси супориш-рухсат таҳти назорати шахси назоратчии техникӣ пас аз ҷудо кардани нақшаи барқии ҳаракатдиҳандаҳои конвейерҳои боркунандаю борфароранда ва таъминкунандаҳо бо риояи чораҳои иловагии бехатарӣ, ки дар дастурамали дохилии ташкилот пешбинӣ намудааст, амалӣ карда мешавад. Одамони ба бункер фароянда бояд дастур гирифта бошанд ва бо камарбанҳои муҳофизатӣ ва танобҳо, ки дар қисми болои бункер маҳкам карда шудаанд, бояд таъмин бошанд. Барои барҳамдиҳии маводи муаллақмонда дар бункерҳо онҳо (бункерҳо) бояд бо механизмҳои махсус таҷҳизонида шуда бошанд. Барои таъмини равшанӣ дар бункер чароғакҳои аз лиҳози таркиш бехавф бояд истифода гарданд.

326. Бункерҳо бояд бо системаи автоматикии назорати сатҳи пуршавӣ таъмин гарданд.

327.Ҷойҳои холӣ дар бункерҳо аз самти ҷойҳои ғайрикорӣ бо панҷараҳои баландиашон на кам аз 1 м бо тахтабандии пурра аз поён ба баландии 0,15 м. бояд иҳота карда шаванд. Майдончаҳои борфарорӣ барои нақлиёти роҳи оҳан ва автосамосвалҳо дар ҷойҳои иимконпазири гузаштани одамон бо панҷараҳои баландиашон на кам аз 1 м иҳота карда мешаванд.

328. Майдончаҳои кории механизмҳои қабулкунанда ва борфарорӣ, бункерҳо ҳатман бо сигнализатсияи овозӣ таъмин карда мешавад, ки он барои хабардор кардани ҳайати хизматрасон оид ба омадани қатораи роҳи оҳан муқаррар карда шудааст. Сигналҳо 1,5-2 дақиқа пеш аз омадани воситаҳои нақлиёт дода мешаванд. Дар бункерҳои қабулкунанда

чароғаки раҳнамо, ки даромаду баромади қатораи роҳи оҳан ё автомобилро ба майдони бункер барои борфарорӣ иҷозат медиҳад, бояд насб карда шавад.

329. Механизмҳои обҷамъкунии лойоба на кам аз як маротиба дар як шабонарӯз аз ҷониби сармеханик ё шахси аз тарафи ӯ таъиншуда бояд аз назар гузаронида шаванд. Натиҷаҳои азназаргузаронӣ дар китоби азназаргузаронии механизмҳои обпартоӣ қайд карда мешаванд.

330. Пулҳо барои гузаштани одамон ва ҳайати хизматрасон ба болои конвейер дар фосилаҳои зерин бояд ҷойгир карда шаванд:

-на зиёда аз 50 м – дар биноҳо ва камераҳои зеризаминӣ;

-на зиёда аз 100 м – дар дигар ҳолатҳо.

331. Пулҳо бояд:

- тарзе сохта шаванд, ки фосилаи амудӣ аз фарш то поёни конструксияҳои сохтмонии барҷаста (системаҳои коммуникатсионӣ) на кам аз 1,8 м бошанд. Аз поёни конструксияҳои нисбатан барҷаста то маводи бо конвейер интиқолшаванда – на кам аз 0,3 м;

- бо дастакҳои баландиашон на кам аз 1 м, руйкаши пурраи баландиаш на кам аз 0,15 м аз сатҳи фарш дошта бошанд. Фарш яклухт ва нағеҷанда ё панҷарамонанди паҳноиаш на кам аз 0,8 м, бояд бошад.

332. Камераҳои мошинҳои баркӣ ва зеристгоҳҳои зеризаминӣ бояд бо маводи насӯзанда (бетон, хишт ва ғ.) мустаҳкам карда шаванд. Ҳамаи нақбҳои ҳаводаро ва даромади камераҳо, ҳамчунин кандаҳои кӯҳии ҳамшафат дар масофаи на кам аз 5 м ба ҳарду тарафи камера бо ҳамон маводе, ки камера мустаҳкам карда шудааст, бояд мустаҳкам карда шавад.

333. Камераҳои мошинҳои баркӣ тибқи қоидаҳои истифодабарии механизмҳои баркӣ бо маҷмӯи воситаҳои ҳимоявӣ бояд таъмин карда шаванд. Камераҳои қисми зеризаминии вусъатёбии конвейер бо дарҳои металлии ба тарафи берун кушодашаванда бояд маҳкам карда шаванд ва дар ҳолати кушода будан ба ҳаракат дар нақб монеъ нашаванд. Дарҳои яклӯхти металлӣ ҳатман сӯрохиҳои ҳаводаро дошта бошанд, ки дар ҳолати зарурӣ ҳангоми зарур шудани қатъи ҳаво ба камера, дастӣ ва ё автоматикӣ бояд маҳкам карда шавад. Ҳангоми мавҷуд будани дарҳои иловагии яклӯхт, шинондани дарҳои металлии панҷарагӣ иҷозат дода мешавад, ки дар ҳолати сӯхтор дар камера бояд дастӣ ё автоматӣ маҳкам шаванд. Ҳамин гуна механизмро равзанаҳои ҳаводарои камера низ бояд дошта бошанд.

334. Дар камераҳои зеристгоҳҳои қисми зеризаминии роҳҳои калон бо дарозии зиёда аз 10 м, ду баромад, ки дар қисматҳои аз ҳамдигар дури камера ҷойгир шудаанд, бояд мавҷуд бошанд. Деворҳо ва шифти камераҳои мошинҳо ва трансформаторҳо тибқи лоиҳа бояд маҳкам ва сафед карда шаванд. Дар камераҳо чакидани об набояд бошад.

335. Дар камераҳое, ки бо дастгоҳҳо ва трансформаторҳои равғандор таҷҳизонида шудаанд, сохтани чоҳҳои махсуси равғанҷамъкунӣ манъ аст. Пеш аз баромади камера наварди ҳамвор ба баландии на кам аз 0,1м. аз фарш бояд гузошта шавад.

336. Кашидани кабелҳо дар конструксияҳои конвейерҳо, ки дар долонҳо, биноҳо ва дигар иншоотҳои рӯизаминӣ ҷойгир карда шудаанд, ҳамчунин, дар ковишҳои зеризаминӣ ба ғайр аз кабелҳои блокировка, муҳофизатӣ, сигнализатсия ва идоракунӣ, ки дар конструксияҳои конвейер ба воситаи қуттиҳои муҳофизатӣ ё қубурҳо кашида мешаванд, манъ аст.

337. Ҳангоми ҷойгир будани хати конвейерӣ дар ҳавои кушод кашидани кабел бо шиддатнокии 35кВ дар қади конвейер иҷозат дода мешавад, дар ин ҳолат ҳимояи кабел аз зараррасонии механикӣ бояд таъмин карда шавад.

338. Барои интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ бояд истифода шаванд:

- кабелҳои безиреҳ бо рӯйкашҳои поливинилхлоридӣ ё алюминӣ барои занҷирҳои назоратӣ, симҳои рӯшнодиҳанда;
- кабелҳои зиреҳдор дар кабелҳои доимӣ;
- кабелҳои чандирӣ барои таъминкунандаҳои мошинҳои ҷойивазкунанда ва механизмҳо.

339. Кабелҳои чандирӣ бояд сахт овезон карда нашаванд ва дар баландие бошанд, ки имконияти зарарбинӣ надошта бошанд. Қисми кабели чандирии ба мошин наздиктарин, ки мошинҳои ҷойивазкунандаро таъмин мекунад, метавонад ба рӯи замин ба дарозии на зиёда аз 15м кашида шавад ва он ҳамон тавр гузошта шавад, ки имконияти зиёнбинӣ аз тарафи мошини ҳаракаткунанда надошта бошад.

340. Ҳавои ҳамаи чоҳҳои моилии конвейерӣ тавассути ҳавотозакунакҳои асосӣ, ки дар даромадгоҳи чоҳ ё уфуқи консентратсионӣ гузошта мешаванд, бояд тоза карда шаванд. Дар ҳамаи ҳолатҳо ҷамъи ҳавои тоза ба меъёрҳои муқарраршудаи ҷузъҳои асосии ҳаво ва омехтаҳои зиёновар бояд ҷавобгӯй бошад. Ҳар як ҳавотозакунакҳои асосӣ ва ёрирасон аз тарафи мошинист, ки махсус омӯзонида шудааст ва дар мӯҳлати на кам аз 5 рӯз таҷрибаҳосилкуниро дар зери роҳбарии мошинисти ботаҷриба гирифтааст, бояд хизматрасонӣ карда шавад. Ба кор андохтани дастгоҳи ҳавотозакунак бе мошинист дар ҳолати иҷрои шартҳои зерин иҷозат дода мешавад:

- дастгоҳи ҳавотозакунак бо асбобҳои худнавис таҷҳизонида шудаанд, ки мунтазам маҳсулнокӣ ва таназзули онро ба қайд мегирад, ҳамчунин бо механизми сигналдиҳӣ ба пулти идораи фосилавӣ оид ба дур шудани дастгоҳ аз параметрҳои додашуда (маҳсулнокӣ, таназзул, ҳарорати подшипникҳои муҳаррикҳои барқӣ ва ҳавотозакунак);
- ҳавотозакунакҳое, ки ба ҳаракатдиҳандаҳо ва хомӯшкунакҳои дистансионии муҳаррики барқии дастгоҳ таъмин карда шудаанд;
- реверскунонии дистансионии ҷараёни ҳаво;
- пулти идоракунии фосилавӣ ва назорати кори дастгоҳи ҳавотозакунӣ дар бунгоҳи диспетчерӣ ҷойгир шудааст, дар ҳолати набудани он - дар бинои яке аз механизмҳои доимокоркунандаи статсионарӣ дар рӯи замини карйер, ки ҳадди ақал алоқаи телефонӣ дорад ва дар он ҷо назорати шабонарӯзӣ аз болои аппаратураҳои сигналдиҳанда ва қайди ҳамаи сигналҳои воридгардида дар китоб, таъмин гардидааст;

- аппаратураи идораи фосилавӣ ва назорати кори ҳавотозакунакҳо аз санҷиши саноатӣ дар муддати 720 соат гузаштааст.

341. Натиҷаи ин санҷиш бо санад, ки аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ гардидааст, ба расмият дароварда шудааст. Кори автоматикии дастгоҳҳои ҳавотозакунӣ иҷозат дода мешавад, ғайр аз ҳавотозакунакҳои асосӣ бе асбобҳои худнавис дар ҳолати таъмини назорати фосилавӣ оид ба ҳамаи тағйироти кори ҳавотозакунак дар пулти идоракунӣ.

342. Дар ковишҳо ва долонҳо ҳангоми истифодаи технологияи сиклӣ-анбӯҳӣ, суръати ҳаракати мавҷи ҳаводиҳӣ дар лоиҳа муайян карда мешавад.

343. Ҳангоми иҷрои таркишҳои оммавӣ, одамони дар роҳи зеризаминии нақлиёти бефосила буда, бояд ба рӯи замин бароварда шаванд. Корҳо танҳо пас аз дуруст тоза намудани ҳаво ва мувофиқ намудани таркиби ҳавои тоза ба меъёрҳои санитарӣ, ки пас аз таҳқиқоти роҳи зеризаминӣ аз тарафи намояндагони касбии қисмҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ муайян карда мешавад, барқарор карда мешаванд.

344. Дар баромадгоҳи чоҳи моил ба бинои рӯизаминии шахта барои пешгирии яхбандии даромадгоҳ ва ворид шудани ҳавои ифлос ба бино, сохтани болопӯш дар даромадгоҳи чоҳ зарур мебошад.

345. Кормандони хизматрасони таҷҳизоти технологӣ дар чоҳи моил, бо баромадгоҳҳои асосӣ ва эҳтиётӣ аз чоҳи моил тавассути гузаштан бевосита аз ҷойи кор ба рӯи замин бо ҳамроҳи шахсони назоратчӣ бо қайди ҳатмӣ дар дафтари бақайдгирии шинос кардани кормандон бо баромадгоҳҳои эҳтиётӣ, бояд шинос карда шаванд.

346. Дар ҳамаи ковишҳо ва бурриши онҳо гузоштани аломатҳои самти ҳаракати баромад ба рӯи замин бо нишон додани масофа, зарур мебошад. Аломатҳо бо ранги нурдиҳанда рӯйпуш карда мешавад ё бо системаи рӯшноикунанда равшан карда мешавад.

347. Дар ҳамаи дарозии чоҳи моил қубурҳои зидди сӯхторӣ бо қутри на кам аз 100 мм, бояд шинонда шавад, ки дар ҳар 50 метр кранҳои сӯхторхомӯшкунӣ бо қутри 63 мм (вентил ва мурватҳо) васл карда мешавад ва мебошад.

348. Биноҳои истгоҳи равғаннигоҳдорӣ бо дастгоҳҳои автоматии сӯхторхомӯшкунӣ ва воситаҳои автоматии сигнализатсияи зидди сӯхтор бояд ҷиҳозонида шаванд. Сигнали ба кор даромадани ин воситаҳо бояд ба бунгоҳи диспетчерӣ ворид гарданд.

349. Ҳозир будани шахсони бегона дар бинои истгоҳи равғаннигоҳдорӣ манъ аст, дарҳои бино ҳамавақт бо қулф бояд маҳкам бошанд.

350. Корҳои кафшергарӣ ва бо шуълаи газ иҷрошаванда тибқи тартиби муқаррargардида бо риояи чораҳои бехатарӣ бояд иҷро карда шавад.

351. Барои объектҳои нақлиёти бефосила, ки дар шароити зери заминӣ ҷойгир шудаанд ё бо объектҳои зеризаминии кӯҳӣ (чоҳҳо, нақбҳо ва ғайра) ҳамшафатанд, аз ҷониби роҳбари техникӣ нақшаи барҳамдиҳии

садамаҳо бояд тартиб дода шавад, ки он бо ташкилотҳои касбии садамавӣ-наҷотдиҳӣ мувофиқа карда мешавад ва аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқ мегардад. Омӯзиши нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо аз ҷониби назоратчии техникӣ дар зери роҳбарии роҳбари техникии ташкилот то оғози нимсола бояд гузаронида шавад. Шиносшавии кормандон бо қоидаҳои рафтори шахсӣ ҳангоми рух додани садамаҳо тибқи нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо аз тарафи сардори қитъа бо имзо дар китоби қайди шиносшавии кормандон бо баромадгоҳҳои эҳтиётӣ, бояд гузаронида шавад. Шахсоне, ки ба нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо шинос нестанд, ё қисме, ки ба ҷои кори онҳо вобаста аст намедонанд, ба кор роҳ иҷозат дода намешаванд.

352. Ҳамаи кормандон ва шахсони назорати техникӣ, ки дар шароити зеризаминӣ кор мекунанд, бо воситаҳои инфиродии худнаҷотдиҳии ҷудокунанда бояд таъмин бошанд ва тартиби истифодаи онҳоро донанд. Санҷиши дониши кормандон нисбати истифодабарии воситаҳои худнаҷотдиҳӣ аз тарафи сардорони қитъаҳо ё ҷонишини онҳо на кам як маротиба дар шаш моҳ, бояд гузаронида шавад.

353. Барои огоҳ намудани кормандони дар зери замин коркунанда оид ба рух додани садама ба ғайр аз алоқаи телефонӣ бояд сигнализатсияи махсуси садамавӣ (бо чароғ, баландгӯяк ва ғ.) мавҷуд бошад.

354. Чоҳҳои моили зеризаминӣ, ки бо конвейерҳои лентагӣ таҷҳизонида шудаанд ва баландиҳои нуқтаҳои охири онҳо зиёда аз 40 м фарқият доранд, бо механизмҳои болобари механикӣ бояд таҷҳизонида шаванд, барои дастрас намудани одамон болобари моил (фуникулерҳо), ё таҷҳизоти монорелсии овезон ё роҳи танобӣ, ки барои истифода иҷозати дахлдори Хадамоти назорати кӯҳиро дорад, таҷҳизонида мешаванд.

355. Истифодабарӣ ва таҳқиқоти механизмҳои болобар, ки барои фаровардан ва баровардани одамон хизмат мекунанд, тибқи талаботҳои ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ оид ба бехатарӣ ҳангоми коркарди конҳои маъдан, ғайримаъдан ва пошхӯрда бо тарзи зеризаминӣ, бояд амалӣ карда шавад.

356. Ҳар як зарфи болобар, ки барои фаровардан ва баровардани одамон дар чоҳи моил хизмат мекунад, дар ҳар баст аз тарафи шахси масъуле, ки бо фармоиши махсуси корхона таъин гардидааст, аз назар гузаронида мешавад, механизми парашюти он бо роҳи даргиронии ҳаракатовари дастӣ озмоиш карда мешавад. Натиҷаи азназаргузаронӣ дар китоби махсуси шакли тасдиқгардида қайд карда мешавад.

357. Зарфҳои болобардорро, ки барои бурдани одамон хизмат мекунанд, бояд байни ҳамдигар бо занҷирҳои дуқабата ё бо як занҷир ва занҷирҳои муҳофизатӣ пайваст карда шаванд. Меҳвари марказии занҷир, гиреҳҳо ва занҷирҳои муҳофизатӣ бояд захираи 13-каратаи устуворӣ нисбати ҳадди сарбории статикии максималӣ дошта бошанд ва баъди овезон намудан дар ҳар панҷ сол иваз карда мешаванд.

358. Ҳаракати одамон дар гузаргоҳи чоҳи моил ё долон (зиёда аз 6°) танҳо дар ҳолати таҷҳизоти нақлиёти боздошташуда ё баъди санҷиши ҳолати он ҳангоми холӣ ба кор даровардан, иҷозат дода мешавад.

359. Дар ҷойҳои доимии саворшавӣ ё фаромадани одамон, қад-қади механизмҳои болобар аз тарафи гузаргоҳҳо майдончаҳои саворшавии паҳноияшон на кам аз 1 метр бо шароити гузаштан ба ҷойҳои корӣ, пешбинӣ намудан зарур аст.

360. Ҳар як механизми болобар дар чоҳи моил бо алоқаи босуръат байни мошини болобар ва зарфи ҳаракаткунанда бояд таҷҳизонида шавад, ки имконияти гуфтугӯи дутарафа ба роҳ монад ва ҳамчунин, додани сигналҳои зеринро таъмин мекунад:

- сигналҳои рамзӣ;
- сигнали иҷроишӣ;
- сигнали бозистии садамавии зарфи болобар;
- сигнали санҷандаи (датчики) фаровардани таноб;
- сигналҳои «Ба саворшавӣ иҷозат», «Саворшавӣ манъ аст».

## 9. ТАЛАБОТ ОИД БА ИСТИФОДАИ БЕХАТАРОНАИ ДАСТГОҲҲОИ БАРҚӢ

361. Лоиҳакашӣ, истифодабарӣ ва таъмири дастгоҳҳои барқии (таҷҳизотҳои барқӣ, шабакаҳои таъмини барқ) дар объекти корҳои кӯҳии кушод тибқи талаботи меъёрҳои амалкунанда оид ба истифодаи бехатаронаи дастгоҳҳои барқӣ бояд амалӣ карда шавад.

362. Дар ҳар як объекти корҳои кӯҳии тарзи кушод тибқи тартиби муқарраргардида бояд ба расмият дароварда шуда бошад:

- нақшаи таъмини барқ, ки дар нақшаи корҳои кӯҳӣ дода шудааст ва аз ҷониби роҳбари техникӣ тасдиқ гардидааст. Дар нақша қувва ва кашишҳои шабакаҳои барқӣ, мавзеи ҷойгиршавии дастгоҳҳои барқӣ (зеристгоҳҳои трансформаторӣ, механизмҳои тақсимкунанда ва ғайра), нишон дода мешаванд.
- нақшаи ягона бо нишон додани шабакаҳои барқ, дастгоҳҳои барқӣ (зеристгоҳҳои трансформаторӣ, механизмҳои тақсимкунанда ва ғ.), навъи қувваи барқ, масоҳати бурриши кундаланги ноқилҳо ва кабелҳо, дарозии онҳо, тамғаҳо, шиддатнокӣ ва иқтидори ҳар як дастгоҳ, ҷойҳои заминпайвст, ҷойгиршавии механизмҳои муҳофизатӣ ва коммутатсионӣ, неруҳои релеҳои ҳадди зиёд ва ҷараёни барқи номиналии пешгирикунанда (предохранитель), низоми неру ва вақти ба кор даромадани ҳимоя аз расиши як фаза ба замин, ҷараёни барқи расиши кӯтоҳ дар нуқтаи нисбатан дури хати муҳофизатӣ;
- нақшаи алоҳидаи таъминоти барқ барои дастгоҳҳои барқии мавсимӣ пеш аз ба кор даровардани онҳо.

363. Дар нақшаи таъминоти барқ, ки дар нақшаи корҳои кӯҳӣ нишон дода шудааст, ҳамаи тағйироте, ки дар раванди истифодабарӣ ба вуқуъ омадааст, баъди анҷоми кор бо имзои шахси масъул оид ба таҷҳизоти барқии объект, бояд дарҷ карда шавад.

364. Барои ташкили хизматрасонии бехатарии дастгоҳҳо ва шабакаҳо барқӣ, бо фармоиши роҳбарияти ташкилот ҳудудҳои

хизматрасонии ҳайати электротехникӣ бояд муайян ва ба расмият дароварда шуда, шахсони масъули ташкилкунанда ва ҷузъҳои сохтор таъин гарданд. Шахсони масъул барои истифодабарии бехатарии дастгоҳҳои барқӣ ҷиҳати донистани қоидаҳои бехатарии истифодабарӣ бояд омӯзонида ва аттестатсия карда шаванд.

365. Дар ҳар як дастгоҳи ба кор дароранда навиштаҷоти дақиқ оид ба дастгоҳи ба кор дароранда бояд сабт гардад.

366. Ҳангоми кор дар дастгоҳҳои барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ чорабиниҳои ташкилӣ ва техникӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ пешбинӣ гардидаанд, бояд иҷро шаванд.

367. Ҳангоми хизматрасонии дастгоҳҳои барқӣ истифодаи воситаҳои ҳимоя аз барқ (дастпӯшакҳои диэлектрикӣ, пойяфзоли резинӣ ва қолинчаҳо, нишондиҳандаҳои шиддатнокӣ, штангаҳои ҷудокунанда, заминпайвастҳои ҷойивазшаванда ва ғайра) ва воситаҳои ҳимоявии фардӣ (айнакҳои муҳофизатӣ, камарбандҳои монтёрӣ, чанголҳо ва ғайра), зарур дониста мешавад. Воситаҳои ҳимоявӣ ба талаботҳои амалкунандаи қоидаҳои истифодабарӣ ва санҷиши воситаҳои ҳимоявӣ, ки дар дастгоҳҳои барқӣ истифода мешаванд ва ба стандартҳои давлатии ҳифзи меҳнат бояд ҷавобгӯ бошанд, дар муҳлатҳои муқарраргардида ҳатман аз санҷиши навбатӣ гузаранд. Қабл аз истифодабарии воситаҳои ҳимоявӣ зарур аст, ки коршоямии онҳо, набудани нуқсонҳои зоҳирӣ, ифлосӣ, маҳлати коршоямӣ тибқи мӯҳр бояд санҷида шаванд. Истифодаи воситаҳои муҳлати истифодаашон гузашта манъ аст. Дар маҳалҳои ҳарорати паст дошта дастпӯшакҳои диэлектрикии гармкардашуда бояд истифода шаванд. Истифодаи дастпӯшакҳои диэлектрикӣ дар якҷоягӣ бо дастпӯшакҳои гарм (пашмӣ ва дигар) иҷозат дода мешавад.

368. Кормандоне, ки дар дастгоҳҳои электротехникӣ, бо асбоби электрификатсияшуда ё аз рӯи хусусияташ бо ҳаракатдиҳандаи электрикии мошинҳо ва механизмҳо алоқаманд аст, ба кор иҷозат дода шудааст, вобаста ба бехатарии барқӣ бояд дараҷаи тахассусӣ дошта бошанд. Ҳамаи кормандони ташкилот бо усулҳои наҷот додани зарардидагон аз қувваи барқ, ёрии аввалия расонидан ба осебдидагон аз қувваи барқ ва дигар омилҳои зараррасон, бояд омӯзонида шаванд.

369. Ҳамаи дастгоҳҳои барқии нав насбгардида ва таҷдид кардашуда, ҳамчунин, таҷҳизоти технологӣ ва комплексҳои ба кордарорӣ, ки аз механизмҳои барқи нерӯ мегиранд, тибқи тартиби дар меъёрҳо ва қоидаҳои амалкунандаи бехатарии истифодаи таҷҳизотҳои барқӣ пешбинишуда, барои истифодабарӣ бояд қабул карда шаванд.

370. Пайваст кардани мошинҳои ҳаракаткунанда ба хатҳои интиқоли барқи карйерӣ тавассути пунктҳои ҳаракаткунандаи тағйирдиҳандаи (зеристгоҳҳои трансформатории ҳаракаткунандаи комплексӣ) дар завод истеҳсолшуда, бояд амалӣ карда шавад. Дар мувофиқа бо Хадамоти назорати кӯҳӣ, ба корхонаҳое, ки коркарди конҳои канданиҳои фоиданокро бо тарзи кушод ба роҳ мондаанд, аз ҷузъҳои комплекткунанда ва деталҳои истеҳсоли завод ҳангоми мавҷуд будани сертификатҳои мутобиқ, тайёр намудани пунктҳои

ҳаракаткунандаи тағйирдиҳанда тибқи ҳуҷҷатгузории заводҳои истеҳсолкунанда, иҷозат дода мешавад.

371. Барои нерӯ гирифтани дастгоҳҳои ҳаракаткунанда ва худгардҳои барқӣ шабакаи шиддатнокии на зиёда аз 35кВ дошта бо нейтрали ҷудошудаи трансформаторҳо ё бо заминпайваст тавассути резисторҳои баландом, ё ки бо трансформаторҳои муътадилкунандаи шабака бояд амалӣ карда шаванд. Дар ин ҳолат бояд ба инобат гирифта шавад:

- намудҳои ҳимояи истифодашаванда аз расишҳои якфаза ба замин, ки дар пунктҳои тағйирдиҳанда ва зеристгоҳҳо насб карда мешаванд;

- имконпазирии тағйирёбии ҷараёни ғунҷоишии расиши металлии якфаза ба замин;

- тӯлкашии умумии шабакаҳои алоқамандшудаи металлии шиддатнокии 6-10 кВ, ки бояд ҷараёни ғунҷоишии расиши якфаза дар замин аз 15А зиёд набошад.

372. Истифодаи шабакаҳои шиддатнокии то 1 кВ бо нейтрали заминпайвасти сарбаста барои неругирии истеъмолкунандагони доимӣ, ки берун аз ҳудуди корҳои кӯҳии рӯизаминӣ ҷойгир шудаанд, ҳамчунин таъмини барқ аз дигар трансформаторҳои дастгоҳҳои рӯшанидиҳандаи нуқтаҳои ҳамлу накл ва партовгоҳҳо; хандаққои даромад (баромад), дастгоҳҳои махсуси рӯшанидиҳанда ва дигар шабакаҳо иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолат механизми заминпайвасти ин дастгоҳҳо набояд бо нейтрали ҷудошуда алоқаи галваникӣ дошта бошад.

373. Вставкаҳои гудохташавандаи ҳифзкунандаҳо калибровкаи заводи истеҳсолкунанда ё лабораторияи электротехникиро бояд дошта бошанд, ки дар тамға вставкаи токи номиналӣ нишон дода мешавад. Истифодаи вставкаҳои гудохташавандаи калибровканошуда ё вставкаҳои гудохташаванда бе патрони ҳимоявӣ манъ аст. Ивазкунии онҳо дар ҳолати қатъ кардани шиддатнокӣ ва ҳангоми набудани раъду барқ бояд иҷро карда шавад.

374. Ҳамаи дастгоҳҳои ҳаракаткунандаи барқии то 1000 В, ки аз трансформаторҳои нейтралашон ҷудошуда нерӯ мегиранд, бояд ҳимояи зудамал аз ихроҷи ҷараён ба замин бо хомӯшшавии автоматикии дастгоҳи барқӣ дар ҳолати зоҳиршавии хавфи задани қувваи ҷараён, дошта бошанд ва дар ин ҳолат вақти умумии хомӯшшавӣ бояд аз 200мс зиёд набошад. Дурустии фаъолияти (ба кор даромадани) релеи ихроҷи қувваи ҷараён дар ҳар баст, пеш аз оғози кор бояд санҷида шавад. Санҷиши реле ихроҷи ток дар маҷмӯъ бо автомат ба мӯҳлати ба кор даромадани онҳо дар мӯҳлатҳои аз тарафи шахси масъули хоҷагии барқ муқарраршуда, аммо на кам аз як маротиба дар шаш моҳ, ҳамчунин, ҳангоми бори аввал насб намудани он ба мошин ё дар ҳолати аз як мошин ба мошини дигар гузоштан, бояд амалӣ карда шавад. Натиҷаи санҷиши реле ихроҷи ҷараён дар маҷмӯъ бо автомат ба мӯҳлати фаъол шудани он дар китоби махсус қайд карда мешавад. Надоштани ҳимоя аз ихроҷи ҷараён барои занҷирҳои шиддатнокиашон то 60В иҷозат дода мешавад.

375. Дастгоҳҳои барқӣ бо нейтрали заминпайваст бояд механизми ҳимоявии хомӯшкунӣ дошта бошанд.

376. Ҳамаи ҳаракатдиҳандаҳои барқии экскаваторҳо, дастгоҳҳои пармагарӣ, конвейерҳо ва насосҳо бо блокировкаи барқӣ, ки пас аз додани шиддат, худ аз худ кор кардани механизмҳоро пешгирӣ менамояд, бояд таҷҳизонида шаванд.

377. Қисмҳои бараҳнаи ҷараёнбарандаи механизмҳои барқӣ, ноқилҳои бараҳна, пайванди хомӯшкунакҳо ва ҳимоякунандаҳо, исканҷаҳои мошинҳои барқӣ ва аппаратҳо ва ғ., ки ба расидани тасодуфӣ дастрас мебошанд, бо панҷараҳои муҳофизатӣ бояд иҳота карда шаванд.

378. Механизми умумии замипайваст дар объекти корҳои кушоди кӯҳӣ аз заминпайвасти марказӣ, шабакаҳои заминпайваст, ноқилҳои заминпайваст ва заминпайвасти маҳаллӣ бояд таркиб ёфта бошад. Муқовимати механизми умумии заминпайваст набояд аз 4 Ом зиёд бошад. Дар мавзеъҳое, ки муқовимати хоси калони замин мавҷуд аст, заминпайваст мутобиқи меъёрҳои амалкунанда иҷро карда мешавад. Ба сифати заминпайвастҳои асосӣ заминпайвасти зеристгоҳҳои шиддатнокиашон 35/10-6 кВ ё КРП6-10 ва заминпайвастҳои табиӣ бояд истифода шаванд. Истифодаи заминпайвасти зеристгоҳҳои шиддатнокиашон 110 кВ ва зиёда, ҳамчунин, зеристгоҳҳои кашанда ва якҷоякардаи кашанда- пасткунанда ба сифати заминпайвасти асосии механизмҳои барқӣ дар корҳои кӯҳии кушод, ки аз системаҳои таъмини барқи нейтралашон ҷудошуда нерӯ мегиранд, иҷозат дода намешавад.

379. Муоинаи зоҳирии ҳамаи шабакаҳои заминпайваст аз тарафи ҳайати кормандони электротехникӣ на кам аз як маротиба дар як моҳ, ҳамчунин, пас аз корҳои таркишгарӣ дар минтақаи имконпазири зарарбинии механизмҳои заминпайваст, бояд гузаронида шавад. Муоинаи шабакаҳои заминпайваст тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ оид ба истифодабарии бехатаронаи дастгоҳҳои барқии корҳои кӯҳии кушод, иҷро карда мешавад. Ченкунии муқовимати механизми умумии заминпайвасти дастгоҳҳои ҳаракаткунандаи барқӣ на кам аз як маротиба дар як моҳ, ҳамчунин, пас аз шинондан, тармим ва таъмири механизмҳои заминпайваст, бояд амалӣ гардад. Натиҷаҳои муоина ва ченкунии механизмҳои заминпайвасти дастгоҳҳои барқии ҳаракаткунанда ва доимӣ бояд дар китоби махсус қайд карда шавад. Ченкунии муқовимати механизмҳои заминпайвасти дастгоҳҳои барқии доимӣ дар давраҳои хушкшавии зиёд (тобистон) ва сардии зиёди (зимистон) хок бояд гузаронида шавад.

380. Заминпайвасти экскаваторҳо, ки ба бор кардани массаи кӯҳӣ дар синакори бо шабакаҳои электрофикатсияшудаи нақлиёт пайваст аст, машғуланд, бо тарзҳои зерин бояд иҷро карда шаванд:

- ҳангоми таҷҳизонидани шабакаи пайвастшавии синакор – бо ҳимоякунандаи шиддати шабакаи пайастшавӣ ҳангоми расидани бели экскаватор ба ноқили пайвасткунанда, ба механизми умумии заминпайваст;

- ҳангоми набудани ҳимоякунанда, ки ҳангоми расиши бел ба ноқили пайвастшаванда ба заминпайвасти мустақил таъсир мерасонад, ба шабакаи умумии заминпайваст алоқаманд нест, ба релсҳои роҳи оҳани

қитъаи кӯҳӣ иҷозат дода мешавад. Дар ин ҳолати корҳои таъмирӣ дар экскаваторҳо, ҳангоми пайвасти ҳатмии сими кабелҳои заминпайваст ба пункти тағйирдиҳанда бо ҷудо намудани сими заминпайваст аз релс, бояд иҷро карда шавад. Дар ҳамаи ҳолатҳо назорат оид ба пуррагии симҳои кабели заминпайваст бояд таъмин карда шавад.

381. Кори экскаваторҳо, боркунандаҳо, дастгоҳҳои пармагарӣ ва ғайра, дар наздикии хатҳои барқии зери шиддат қарор дошта, дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки масофаи ҳавоии байни қисмҳои болобардор ва кашанда дар ҳама ҳолатҳо, аз ҷумла, дар ҳолати баромадани яктарафа ва ба боло, ки конструксия муқаррар намудааст, то ноқили наздиктарине, ки зери шиддат қарор дорад бояд на кам аз:

- 2 метр ҳангоми шиддатнокии то 20 кВ;
- 4 метр ҳангоми шиддатнокии 35 кВ бошад.

382. Ҳангоми бурида гузаштани (наздикшавӣ) хати барқ дар роҳҳои мошингард масофа аз ноқили поёнии фазии хат то нуқтаи болоии мошин ё бор на кам аз нишондиҳандаҳои зерин бояд бошад:

- 2 метр ҳангоми шиддатнокии то 20 кВ;
- 2,5 метр ҳангоми шиддатнокии то 35 кВ.

383. Барои хатҳои барқи муваққатии технологӣ бо шиддатнокии то 35 кВ истифодаи такягоҳҳои ҳаракаткунанда иҷозат дода мешавад. Масофаи байни такягоҳҳои ҳаракаткунанда бо дарназардошти шароитҳои иқлим ва таъмини устувории такягоҳҳо муайян карда мешавад ва маъмулан набояд аз 50 м зиёд бошад. Мустаҳкамсозии дуқабатаи симҳо ҳангоми буридани хати барқи ҳавоӣ бо шабакаи пайвастшавӣ, хати ҳавоӣ бо хати ҳавоӣ, хати ҳавоӣ бо роҳҳои доимии технологӣ бояд иҷро карда шавад, аммо таҳкими яккабата – ҳангоми буридани хати ҳавоӣ бо роҳҳои мошингард, ки дар зинаҳо ва партовгоҳҳо сохта шудаанд, иҷро карда мешавад.

384. Ҳамаи хатҳои ҳавоӣ ва кабелии интиқоли барқ дар марзҳои минтақаҳои хатарнок ҳангоми таркиш бояд хомӯш карда шаванд. Баъди таркиш, пеш аз ба кор даровардани хатҳои интиқоли барқ муоина гузаронида шуда, зарари ошкоргардида бояд бартараф карда мешаванд.

385. Кабелҳои чандирӣ, ки ба мошинҳои ҳаракаткунанда нерӯ медиҳанд, бояд ончунон гузошта шаванд, ки имконияти зарар ба онҳо, яхбандӣ, зери хок мондан, пахш кардани воситаҳои нақлиёт ва механизмҳо истисно гардад. Дар майдонҳои обнокиаш зиёд, кабел бояд аз болои такягоҳҳо ё тӯдаи хоки хушк гузошта шавад. Дар оғози баст ва инчунин, дар давоми рӯзи корӣ кабелҳои чандирӣ аз тарафаи кормандоне, ки онро хизматрасонӣ мекунанд, бояд муоина гардад. Нигоҳ доштани кабели зери шиддат қарор дошта дар барабани махсус, ки аз рӯи конструксияи мошин пешбинӣ гардидааст, иҷозат дода мешавад. Бардошта бурдани кабели чандирӣ бо ёрии механизмҳо тавассути истифодаи лавозимоти махсус, ки маҳдуд кардани қутри қатшавии онро таъмин мекунад, ё дастӣ бояд иҷро карда шавад.

386. Ҳангоми бардошта бурдани кабели экскаватор, ки зери шиддат қарор дорад, ҳайати хизматрасон уҳдадоранд, ки аз дастпӯшакҳои

диэлектрикӣ ё механизмҳои махсуси бо дастакҳои ҷудокунанда, истифода барад.

## 10. ТАЛАБОТ ОИД БА ТАШКИЛИ ЧАРОҒОН КАРДАНИ ҶОЙҲОИ ИҶРОИ КОРҲО

387. Барои шабакаҳои рӯшноии объекти корҳои кушоди кӯҳӣ, ҳамчунин, нуқтаҳои доимии рӯшноӣ дар мошинҳои ҳаракаткунанда, механизмҳо ва агрегатҳо системаи барқӣ бо нейтрали ҷудошуда ва шиддати хаттии на зиёда аз 220В бояд истифода шавад. Ҳангоми истифодаи намудҳои махсуси рӯшноӣ истифодаи шиддати зиёда аз 220В иҷозат дода мешавад. Барои нерӯ гирифтани чароғҳои дастии гузаронидашаванда шиддати хатии на зиёда аз 36В қувваи ҷараёни тағйирёбанда ва то 50В ҷараёни доимӣ бояд истифода шаванд. Ҳангоми кашиши тепловозӣ барои ин мақсад истифодаи шиддати то 75В ҷараёни доимӣ раво дида мешавад.

388. Барои равшании партовгоҳҳо (хоктӯдаҳо) ва роҳҳои берун аз бурриш ҳангоми нерӯ гирифтан аз зеристгоҳҳои алоҳидаи трансформаторҳо истифодаи шиддати 380/220В дар шабака бо нейтрали заминпайваст иҷозат дода мешавад.

389. Дар такягоҳҳои доимӣ ва ҳаракаткунандаи шабакаи пайвастшавии ҷараёни доимӣ бо шиддати то 1650 В, овехтани симҳои рӯшноии барқӣ ва чароғакҳо, ки болотар аз сими пайвастшавӣ дар муқобили такягоҳ кашида мешаванд, иҷозат дода мешавад. Масофа аз сими пайвастшавӣ то симҳои рӯшноидиҳанда бояд на кам аз 1,5 метр бошад. Дар шабакаи рӯшноидиҳанда бо шиддати 1650 В изоляторҳо истифода бурда мешаванд. Масофа аз сими пайвастшавӣ то такягоҳ ҳангоми овехтани паҳлӯӣ бояд на кам аз 1 метр бошад. Дар якҷоягӣ овехтани сими пайвастшавӣ ва симҳои хатти алоқа иҷозат дода намешавад. Ивазкунии чароғҳо ва чароғпояҳо, ки дар поёни симҳои рӯшноидиҳандаи такягоҳҳои чубӣ ҷойгир шудаанд, дар ҳолати аз сими пайвастшавӣ хомӯш намудани шиддат бояд иҷро карда шавад. Таъмири шабакаи рӯшноидиҳанда (ивази чангакҳо, сихҳо ва изоляторҳо, таранг кардани симҳо ва ғайра) бояд ҳангоми хомӯш кардани шиддат ҳам аз шабакаи пайвастшавӣ ва ҳам аз шабакаи рӯшноидиҳанда, бояд амалӣ гардад.

390. Ҷойҳои корӣ тибқи меъёрҳои дар замимаи 2 овардашуда бояд равшан карда шаванд.

391. Кормандони ба кор сафарбаршаванда дар шароити рӯшноии паст ва шабона чароғакҳои инфиродии бурдашаванда бояд дошта бошанд.

## 11. ТАЛАБОТ ОИД БА ТАЪМИН НАМУДАНИ ОБЪЕКТҲОИ КОРҲОИ КӮҲИИ КУШОД БО АЛОҚА ВА СИГНАЛИЗАТСИЯ

392. Объекти корҳои кӯҳии кушод бо маҷмӯи воситаҳои техникӣ, ки назорат ва идораи равандҳои технологӣ ва бехатарии корҳоро таъмин мекунанд, аз ҷумла, алоқаи телефонӣ (алоқаи радио) бо коммутатор ё СТА (стансияи телефонии автоматикӣ)-и ташкилот, танзимгар, бояд таҷҳизонида шавад. Нерӯгирии механизмҳои алоқа ва сигнализатсия, ба истисноi механизмҳои махсуси нақлиёт, бо шиддати хаттии на зиёда аз 220В аз шабакаи рӯшноидиҳанда, аз батареяҳои аккумуляторӣ ё росткунак бояд амалӣ гардад. Барои механизмҳои сигналдиҳанда, ғайр аз ТССБ (таҷҳизоти сигнализатсия, сентрализация ва блокировка), ки бо шиддати на зиёда аз 24 В кор мекунанд, кашидани хатҳо бо симҳои бараҳна иҷозат дода мешаванд. Зеристгоҳҳои баркӣ бо алоқаи телефонӣ ё радиоӣ бо танзимгари барқ (ҳайати опративии корхонаи бо барқ таъминкунанда) ё бо танзимгари карйер бояд дошта бошанд.

393. Ҳамаи ноқилҳои телефонӣ на кам аз ду сим бояд дошта бошанд.

394. Таҷҳизотҳои алоқа аз халалрасонӣ ва таъсири зарарноки хатҳои шиддати баланди шабакаи пайвастшавӣ, раъду барқ ва токҳо дайду бояд ҳимоя дошта бошад.

## 12. ТАЛАБОТ ОИД БА ХУШКОНИДАН ВА СИСТЕМАИ ОБПАРТО

395. Барои таъмин намудани устувории нишебиҳои ковишҳои кӯҳӣ ва хоктӯдаҳо (партовгоҳҳо), паст кардани намнокии канданиҳои фоиданок ва қабатҳои рӯйпӯшкунанда, ташкили шароити бехатари кори таҷҳизоту нақлиётҳои кӯҳӣ дар лоиҳа чораҳои хушконидани минтақаҳои иҷрои корҳо, муҳофизат аз обҳои рӯизаминӣ ва боришоти атмосферӣ, аз он ҷумла чунин қарорҳои техникӣ бояд пешбинӣ карда шаванд:

- оид ба паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ (дар ҳолати зарурӣ);
- оид ба сохтмони иншоотҳо барои обпартоӣ берун аз минтақаи таъсири системаи заҳбур;
- оид ба иҳота кардани иншоотҳо, ковишҳои кӯҳӣ ва партовгоҳҳо аз обҳои рӯизаминӣ ва боришоти атмосферӣ.

396. Хушконидани кон бояд аз рӯи лоиҳа, ки тибқи тартиби муқарраргардида тасдиқ карда шудааст, бояд иҷро карда шавад. Ҳар як объекти корҳои кӯҳии кушод, ки ҷоришавии табиии обҳои рӯизаминӣ ва байниқабатиро надорад, бо системаи обпартоӣ бояд таъмин карда шавад. Сохтмон ва истифодаи ковишҳои зеризаминии хушконанда бояд мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ оид ба бехатарӣ ҳангоми истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок бо тарзи зеризаминӣ, бояд амалӣ карда шавад. Даромадгоҳи чоҳҳои амудӣ, нақбҳо, шурфҳо, пармачоҳҳо ва дигар ковишҳои заҳбурӣ аз ворид шудани обҳои рӯизаминӣ, бояд эътимоднок ҳифз карда шаванд. Ҳангоми дар ҳудуди объекти корҳои кӯҳии рӯизаминӣ мавҷуд будани ярчҳо, ҳудуди ярч аз боло бо хандақҳо ё хоктеппаҳои ҳифзкунанда, ки онро аз ворид шудани обҳои рӯизаминӣ ва боришот ҳифз мекунанд, бояд иҳота карда шаванд. Бо ин мақсад ҳамасола

аз ҷониби роҳбари техникии корхона чорабиниҳо оид ба таъмини бехатари корҳо тартиб ва тасдиқ карда мешавад.

397. Нерӯгирии зеристгоҳҳои шахтаҳои заҳбур бо ду хати алоҳидаи интиқоли барқ бояд ба роҳ монда шавад, ки ҳар кадоми онҳо қобилияти таъмини сарбории ниҳоии шахтаро доранд.

398. Автоматикунонии механизмҳои обпартоӣ дар карйерҳо ва шахтаҳои дренажӣ бояд ба таври автоматикӣ ба кор даромадани насосҳои эҳтиётиро ба ивази насоси аз кор баромада, имконияти идораи фосилавии насосҳо ва назорати кори механизм бо додани сигналҳоро ба пулти идоракунӣ, бояд таъмин намояд.

399. Ҳангоми сохтмони шахтаҳои заҳбур, сохтмони механизме, ки дар ҳолати рахназании об, баровардани одамон ва ҳифзи таҷҳизотро таъмин менамояд, бояд пешбинӣ карда шавад.

400. Ҳангоми пешрафти нақбҳои зеризаминии заҳбурӣ дар ҷинсҳои кӯҳии сахтиашон гуногун дар зери уфуқҳои обдор, зарур дониста мешавад, ки пешакӣ ба чуқурии дар шиносномаи мустаҳкамкунӣ ё дар шиносномаи гузаштани нақбҳо вобаста ба сохтор ва сахтии ҷинсҳои кӯҳӣ, гузаштани пармачоҳ пешбинӣ гардад ва умуман, дар ҳама ҳолатҳо дарозии он на кам аз 5 м-ро ташкил медиҳад.

401. Дар ҳар як ковиши гузашташаванда захираи мавод барои сохтани садди муваққатии полоишӣ дар ҳолатҳои зарурӣ, бояд мавҷуд бошанд.

402. Қубурҳои гузошташудаи пармачоҳҳо, ки дар карйер қарор доранд, бояд саривақт бурида шуда, эътимоднок рӯйпӯш карда шаванд.

403. Дар назди механизми асосии обпарто бояд зарфи обҷамъкунанда бошад. Дар шахтаҳои дренажӣ обҷамъкунанда бояд ду шӯъба дошта бошад. Ғунҷоиши обҷамъкунанда дар ҳолати обпартои рӯизаминӣ ба мӯҳлати ҷоришавии на кам аз се соат, аммо обҷамъкунандаҳои механизмҳои обпартои шахтаҳои дренажӣ – барои ҷоришавии муътадили дусоата, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

404. Обгузаронии умумии насосҳои кории механизми асосии обпартоӣ ба муддати на зиёда аз 20 соат кашида партофтани ҷоришавии чашмдоштии ниҳоии шабонарӯзии обро бояд таъмин намояд. Механизми насосҳои эҳтиётӣ бо кашиши умумии нисбати кашиши насосҳои корӣ ба 20-25% баробарро бояд дошта бошад. Насосҳои механизми асосии обпарто бояд фишори якхела дошта бошанд.

405. Механизмҳои обпартоӣ дар мавзеъҳои ҳарорати манфӣ дошта бояд пеш аз мавсими зимистон гарм карда шаванд.

406. Оби аз ҳудуди объекти корҳои кушоди кӯҳӣ баровардашаванда ба манбаи оби наздиктарин ё ба ҷое бояд партофта шавад, ки имконияти дубора даромадани онро ба ковишҳо тавассути кафидаҳо, фурурафтагиҳо, ҷинсҳои обгузар ва ботлоқшавии майдонҳои наздикбударо истисно кунад. Обҳои дар натиҷаи хушконидани конҳо ҳосилшуда танҳо пас аз софкорӣ кардан, аммо дар ҳолатҳои зарурӣ – пас аз тоза намудан аз омехтаҳои зиёновар, бояд партофта шавад. Ҷойҳои партофтани ин гуна обҳо тибқи тартиби муқарраргардида мувофиқа

карда мешаванд. Ҳангоми истифодаи обҳои карйерӣ (шахта) барои шустани наклиёт фаъолшавии хоси миёнаи солонаи изотопҳои алфа-фаъоли зиёдистанда аз миқдори манфиатнок мутобиқи радионуклидҳои табиӣ, ки ба 0,2 $м^3$/сол баробар аст, набояд зиёд бошад.

407. Хати қубури об ба рӯи замин кашидашуда бояд лавозимоте, ки онро пурра аз об холӣ менамояд, дошта бошанд.

408. Дар наздикии даромадгоҳҳои шахтаҳои дренажӣ оташафрӯзӣ, обкунии даромадгоҳҳо бо оташи кушод ва ҳамчунин, гузоштани мошинҳо бо муҳаррики коркунанда манъ аст.

409. Даромади пармачоҳҳои дренажӣ-ҳаводиҳӣ қубурҳои перфоратсияшуда, ки аз рӯи фарши зина ба баландии 1 метр мебароянд, мегузоранд ва қубур ранги тобон карда шуда, дар он рақами пармачоҳ навишта мешавад, даҳанаи қубури пармачоҳ бо панҷараи кафшергардидаи металлӣ бояд маҳкам карда шавад.

## 13. ТАЛАБОТ ОИД БА МУБОРИЗАИ ЗИДДИ ЧАНГ, ГАЗҲОИ ЗАРАРНОК ВА БЕХАТАРИИ РАДИАТСИОНӢ

410. Таркиби атмосфераи объектҳои корҳои кӯҳии кушод ба меъёрҳои муқарраргардида оид ба қисмҳои асосии таркиби ҳаво ва омехтаҳои заранок (чанг, газ) бо дарназардошти стандартҳои давлатии амалкунанда, бояд ҷавобгӯ бошад.

411. Ҳавои минтақаи корӣ бояд аз рӯи ҳаҷми 20% оксиген ва на зиёда аз 0,5% гази оксиди карбон дошта бошад; таркиби дигар газҳои зарарнок аз меъёрҳои муқарраргардидаи санитарӣ набояд зиёд бошанд. Ҷойҳои гирифтани намунаҳо ва мӯҳлати гирифтани онҳо бо ҷадвали аз тарафи роҳбари техникии ташкилот тасдиқгардида, вале на кам аз як маротиба дар семоҳ ва баъди ҳар ивазшавии технологияи корҳо, муқаррар карда мешаванд.

412. Ба ҷойҳои корӣ омадани кормандону мутахассисон пас аз гузаронидани таркишҳои оммавӣ, баъди гирифтани хабар аз тарафи ташкилоти касбии садамавӣ-наҷотдиҳӣ оид ба паст шудани ҷамъшавии маҳсулоти заҳрноки таркиби ҳаво то меъёрҳои муқарраршудаи санитарӣ, аммо дар муддати на кам аз 30 дақиқаи баъди таркиш, парешон шудани чанг ва барқароршавии пурраи дидашавандагӣ, ҳамчунин, муоинаи ҷойҳои таркиш аз тарафи шахси масъул (тибқи тартиботи таркиши оммавӣ), иҷозат дода мешавад.

413. Дар ҳамаи ҳолатҳое, ки таркиби газҳои зарарнок ё чангнокии ҳаво дар объекти корҳои кӯҳии кушод аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд мебошад, чораҳои бехатарӣ ва солимии шароити меҳнат бояд андешида шаванд. Барои мубодилаи пайвастаи тозагардонии ҳаво дар минтақаҳое, ки ҳавояш бад тоза карда мешавад ва минтақаҳои ҳавои бозистодаи объекти корҳои кӯҳии кушод, тавассути механизмҳои ҳавотозакунакҳо ё дигар воситаҳо ва тибқи чорабиниҳои аз ҷониби роҳбари техникии ташкилот тасдиқгардида, ҳавотозакунии сунъӣ бояд ташкил карда шавад.

414. Дар объектҳои корҳои кӯҳии кушод бо реҷаи мушкили махсуси чангу газ, хадамоти чангтозакунӣ бояд ташкил карда шавад ва объектҳо аз тарафи ташкилоти садамавӣ-наҷотдиҳӣ бояд ҳама вақт хизматрасонӣ гарданд.

415. Дар ҷойҳои ихроҷшавии газу чанг чорабиниҳои мубориза бар зидди онҳо бояд пешбинӣ карда шаванд. Дар ҳолатҳое, ки истифодаи воситаҳои ҳавотозакунӣ камшавии консентратсияи газҳои зарарнокро паст намекунанд, герметизация кардани кабинаи экскаваторҳо, дастгоҳҳои пармагарӣ, мошинҳо ва дигар таҷҳизот, бо додани ҳавои тоза ба онҳо бо роҳи ба вуҷуд овардани фишори барзиёд, бояд амалӣ карда шавад. Дар ҷойҳои корие, ки консентратсияи чанг аз меъёрҳои муқарраргардида зиёд аст, ҳайати хизматрасон бо воситаҳои ҳимоявии фардии органҳои нафаскашӣ бояд таъмин карда шаванд.

416. Барои паст намудани чангпайдошавӣ ҳангоми бор кардани ҷинсҳои кӯҳӣ дар фаслҳои гарми сол, обпошии мунтазами ҷинсҳои баъди таркиш ҷамъ карда шударо бояд иҷро намуд. Барои паст намудани чанг дар роҳҳои автомобилгард дар ҳарорати мусбии ҳаво, обпошии роҳҳоро ва дар ҳолати зарурӣ бо омехта намудани маҳлулҳои пайвасткунанда ба роҳ мондан лозим аст. Ҳангоми шиддатнок будани пайдошавии чанг аз ҳудуди корҳои куҳӣ бо тарзи кушод, андешидани чорабиниҳо оид ба пешгирии пайдошавии чанг зарур мебошад (истифодаи маҳлулҳои пайвасткунанда, кабутизоркунӣ ва ғайра).

417. Истифодаи мошинҳои сангбурӣ, дастгоҳхои пармакунӣ, перфораторҳо ва пармаҳои барқӣ бе воситаҳои муфиди чангқапӣ ва чангпахшкунӣ манъ аст.

418. Ҳангоми кори автомобилҳо, булдозерҳо, тракторҳо ва дигар мошинҳои дорои муҳаррикҳои дарунсӯз бо ихроҷи газҳои ғализ, ки дар таркибаш омехтаҳои заҳролуд аз ҳадди консентратсияи иҷозатдодашуда зиёд бошад, бартарафкунандаҳои каталитикии газҳои бароянда бояд истифода бурда шаванд. Аз тарафи ташкилот ҳамеша назорати таркиби омехтаҳои зараровари газҳои бароянда мошин ва механизмҳо таҳти назорати қатъӣ бояд гирифта шавад.

419. Барои огоҳ намудани ифлосшавии таркиби ҳаво аз газҳое, ки ҳангоми даргирии ҷинсҳои куҳии сӯзанда ва массаи кӯҳии дар партовгоҳ ҷойгир шуда, бояд чорабиниҳои пешгирии сӯхтор тартиб дода, аз тарафи роҳбари техникии корхона тасдиқ карда мешавад ва ҳангоми ба вуҷуд омадани сӯхтор - чорабиниҳои фаврии сӯхторхомушкунӣ бояд амалӣ карда шавад. Ҳангоми ба вуҷуд омадани сӯхтор ҳамаи корҳо дар минтақаҳои карер, ки дар он ҷо ифлосшавии ҳаво аз сӯзиши мавод ба назар мерасад, бояд қатъ карда шаванд, ба ғайр аз корҳои сӯхторхомӯшкунӣ.

420. Ҳангоми ҷудошавии газҳои заҳролуд аз обҳои дренажӣ дар ҳудуди объекти корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод, чорабиниҳо оид ба кам кардан ё тамоман барҳам додани филтратсияи об аз нишебии зинаҳо бояд иҷро карда шавад.

421. Чоҳҳои назоратӣ ва пармачоҳҳои дастгоҳҳои обкашии обҳои гандаи истеҳсолӣ, бояд боэътимод маҳкам карда шаванд.

422. Фаромадани кормандҳо ба дохили чоҳҳо барои иҷрои корҳои таъмирӣ баъд аз тамоман сар додани об, тоза намудани ҳаво, пешакӣ чен кардани моддаҳои заҳролуд ва газҳои зарарнок дар иштироки шахси назоратчии техникӣ иҷозат дода мешавад. Ҳангоми дар чоҳҳо ошкор намудани газҳои зарарнок ё нарасидани микдори зарурии оксиген, ҳамаи корҳо дар дохили чоҳҳо бо ниқобҳои зиддичангии луладор иҷро кардан зарур аст.

423. Ҳангоми дар ҷойҳҳои корӣ ошкор намудани газҳои зарарнок ба микдоре, ки аз аз консентратсияи иҷозатшуд зиёд аст, ҳамаи корҳоро қатъ намуда, одамонро аз мавзеъи хатарнок баровардан зарур аст.

424. Ҳангоми дар обектҳои корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод вуҷуд доштани омилҳои хавфи радиатсионӣ, чорабиниҳои ташкилию техникӣ доир ба иҷро намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ», қоидаҳои амалкунандаи бехатарии радиатсионӣ ва меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ бояд иҷро карда шавад. Барои муайян намудани дараҷаи ифлосшавии радиатсионӣ таҳқиқи радиатсионии муҳитро дар муҳлатҳое, ки бо Хадамоти назорати кӯҳӣ мувофиқа карда шудааст, вале на кам аз як маротиба дар се сол, бояд гузаронида шавад.

425. Ташкилотҳое, ки бо истихроҷи канданиҳои фоиданок бо ҳадди баланди радиатсионӣ машғуланд, ӯҳдадоранд, ки назорати радиатсиониро ба роҳ монанд. Назорати ҳадди радиатсионӣ дар ҷойи корӣ ва дар объекти корҳои кӯҳии тарзи кушод, мувофиқи қоидаҳои амалкунандаи бехатарии радиатсионӣ бояд иҷро карда шавад. Натиҷаи ченкунии ҳадди радиатсионӣ дар дафтари махсус сабт мегардад.

426. Мақсади назорати радиатсионӣ ин гирифтани маълумот оид ба микдори шуоъзании радиатсионӣ ба шахсони воқеъӣ ё коллективии ҳайати кормандони обекти корҳои кӯҳии тарзи кушод ва аҳолии дар наздикӣ ҷойгиршуда, инчунин гирифтани маълумот оид ба ҳамаи бузургиҳое, ки муҳити радиатсиониро тавсиф менамоянд, мебошад. Сабти заҳролудшавии кормандон ва аҳолӣ мувофиқи системаи ягонаи назорати давлатӣ ва бақайдгирии ҳадди заҳролудшавӣ, бояд иҷро амалӣ карда шавад.

427. Тартиби гузаронидани назорати истеҳсолӣ барои бехатарии радиатсионӣ бо мақомотҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ мувофиқа карда мешавад.

428. Кормандҳое, ки бо манбаи заҳролудшавии радиатсионӣ ба корхонаҳо ба кор медароянд, ҳатман оид ба бехатарии радиатсионӣ омӯзонида шуда, санҷиши сатҳи дониши онҳо гузаронида мешавад. Санҷиши сатҳи дониш на кам аз як маротиба дар 3 сол бояд гузаронида шавад.

429. Ҳавотозакунии сунъии обектҳои корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод бояд пастшавии меъёрҳои омехтаҳо радиатсиониро дар ҳаво то сатҳи иҷозатшуда таъмин намояд. Таҷҳизотҳои ҳавотозакуниро дар

минтақаҳои ҳавои тоза ҷойгир намудан лозим аст. Суръати фавраи ҳавотозакунӣ барои самаранок берун намудани ҳавои заҳролудшуда аз ҳудуди мавзеъи ифлосшуда бояд кифоя бошад ва на кам аз 0,6м/сония барои ҷараёни бароянда ва 0,25 м/сония барои фавраи уфуқиро бояд ташкил намояд.

430. Ҳангоми ғайриқаноатбахш будани муҳити радиатсионӣ барои ҳимояи узвҳои нафаскашӣ аз чанг ва омехтаҳои радиатсионӣ, кормандоне, ки дар кабинаҳо ва рӯи замин кор мекунанд, бояд бо распираторҳо таъмин карда шаванд.

431. Қабл аз равон кардани таҷҳизотҳои куҳкорӣ ба таъмир, онҳо бояд аз санҷиши дозиметрӣ гузаронида шавад. Ҳангоми заҳролудшавии радиатсионӣ бояд безарар карда шавад. Таҷҳизотро қабл аз ба оҳанпора супоридан, ҳатман бояд безарар карда шавад. Таҷҳизоте, ки ба таъмир равона мегардад, бояд ҳамон миқдори берунаи гамма-шуоъ дошта бошад, ки аз меъёрҳои бехатарии радиатсионӣ зиёд набошад. Тавоноии экспозитсионии гамма-шуоъ дар сатҳи таҷҳизоте, ки ба таъмир ё ба партов ҳамчун оҳанпора равона карда мешавад, бояд аз 50 мкР/соат зиёд набошад. Безарар намудани таҷҳизоти технологии обектҳои корҳои кӯҳии тарзи кушод дар майдончаи махсуси асосаш сахт ва обпарто ба зарфи махсус бояд иҷро гардад. Оби истифодашударо ба рӯи замин партофтан манъ аст. Таҷҳизоти куҳкорие, ки таркибии радиатсиониаш аз ҳади меъёрҳои иҷозатшуда зиёд аст ва имконияти тозакунӣ надоранд, ҳамчун партовҳои радиатсионӣ шуморида мешавад.

432. Кашондани ҷинсҳои кӯҳӣ ва канданиҳои фоиданок бо таркиботи баланди радиатсионӣ бо нақлиёти махсус бояд ба роҳ монда шавад ва истифода бурдани ин нақлиёт бо мақсадҳои дигар манъ аст. Ҳамаи амалиётҳо бо чунин канданиҳои фоиданок дар ҳудуди объекти корҳои кушоди кӯҳӣ бо истифодаи воситаҳои чангпахшкунӣ бояд иҷро карда шавад.

433. Минтақаҳои истеҳсолие, ки дар он ҷо ҷинсҳои кӯҳии таркиби баланди радиатсионӣ доранд, ҷудо ва анбор карда мешаванд, ба тамоми ҳудудҳояш (периметраш) бояд иҳота карда шавад. Даромад ва гузаргоҳҳо ба онҳо бо гузоштани аломатҳои манъкунанда бояд муҳофизат карда шаванд (аломати хатари радиатсионӣ бо навиштаҷоти «Даромад манъ аст»).

434. Шахсоне, ки бо коркарди канданиҳои фоиданоки дар таркибаш шуоъи баланди радиактивӣ дошта машғул ҳастанд, ҳангоми хизматрасонии санитарӣ-маишӣ дар гурӯҳи алоҳида ҷо карда, онҳоро таҳти назорати радиометрии пӯсти бадан бояд қарор дода шаванд.

435. Барои пешгирии эҳтимолияти пайдошавии чанг ва паҳншавии аэрозолҳои радиактивӣ аз болои нишебии шусташаванда ҳангоми истифодаи партовгоҳи обовард, дар баробари шустан то нуқтаҳои лоиҳавӣ бо ғафсии қабаташ на кам аз 0,5метр хоки тоза бояд рехта шавад.

436. Барои назорати баландшавии сатҳи обҳои зеризаминии радиоактивӣ, дар периметри партовгоҳи обовард ва ба самти ҷараёни обҳои зеризаминӣ пармачоҳҳои намунагирӣ (назоратӣ) бояд ба нақша

гирифта шавад. Ҷойгиршавӣ ва миқдори пармачоҳҳо вобаста ба шароити гидрогеологӣ тавре қабул карда мешавад, ки масофаи байни онҳо аз 300м кам набошад. Дар баробари ин як-ду пармачоҳ берун аз минтақаи санитарӣ- муҳофизатӣ бояд ҷойгир шуда бошад.

437. Тартиби истифодаи хоктудаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ ва ҷинсҳои сахти камрадиоактивӣ, ки бақияи таркибаш аз 0,005% кам уран дорад, тибқи хуҷҷатҳои меъёрии дахлдор муайян карда мешавад.

438. Назорат барои иҷрои чорабиниҳои мубориза бо чанг, риояи меъёрҳои муайяншудаи таркиби атмосфера, бехатарии радиатсионӣ дар объекти корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод, бар дӯши роҳбарияти ташкилоти истифодабарандаи кон гузошта мешавад.

## 14. ТАЛАБОТ ОИД БА СОХТИ БИНОҲОИ ИДОРАВӢ-МАИШӢ

439. Дар назди ҳар як обекти корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод биноҳои идоравию маишӣ бояд сохта шавад. Биноҳо ба шуъбаҳои ҷудогона барои мардон ва занон ҷудо бояд карда шуда, миқдори кормандон, бо дарназардошти пурра аз худ намудани иқтидори лоиҳавӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Биноҳои идоравию маишӣ бояд дошата бошанд: гардеробҳо барои либосҳои корӣ ва болоӣ, ҳуҷраҳо барои хушккунӣ ва аз чангтозакунии либоси корӣ, ҳуҷра барои душ, хоҷатхона, ҳуҷраи либосшӯӣ, устохонаҳои таъмири либоси корӣ ва пойафзоли махсус, ҳуҷраи шустан ва тоза кардани пойафзол, стансияи обҷӯшонӣ барои обӣ нӯшокӣ, обдон, хуҷраи гигиенаи шахсии занона. Иншоотҳои идоравию маишӣ дар обектҳои навсохтаистода бояд аз тарафи самти вазиши шамол дар масофаи на кам аз 50м аз анборҳои рӯизаминии канданихои фоиданок, фабрикаи сангмайдакунию ҷудокунӣ, эстакадаҳо ва дигар қитъаҳои чанг ба вуҷуд оваранда, вале на кам аз 500м аз иншоотҳои асосии истеҳсолӣ бояд ҷойгир карда шаванд. Ҳамаи ин биноҳоро бо қитъаҳои дарахтзор иҳота кардан лозим мебошад. Биноҳои идоравию маиширо дур аз канораҳои карер ҷойгир кунонидан мумкин аст, ба шарте, ки агар ташкилот шароити бурдану овардани кормандонро бо нақлиёти махсус дошта бошад.

440. Ҳамаи биноҳои идоравию маишӣ ҳавотозакунакҳои кашидагиранда бояд дошта бошанд, ки таркиби омехтаҳои заранокро дар биноҳо тибқи меъёрҳо таъмин менамоянд.

441. Дар обектҳои корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод, тибқи талаботи умумии қоидаҳои санитарӣ, хоҷатхонаҳои пушида барои истифодабарӣ дар ҷойҳои мувофиқ бояд таҷҳизонида шаванд. Дар обектҳои корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод (ҳамчунин партовгоҳҳо), дар мавсими сармо ва боронгарӣ барои гармшавӣ ва панох бурдан аз борон, дар масофаи на кам аз 300м аз ҷои корӣ биноҳои махсус бояд сохта шаванд. Биноҳои мазкур бо мизҳо, курсиҳо барои нишастан, ташнобҳо бо собун, оби нӯшокӣ ва ё зарф бо оби нушокии ҷушондашуда, либоскашолкунак барои либоси болоӣ бояд таҷҳизонида шуда бошанд. Ҳарорати ҳаво дар дохили бинои гармкунӣ набояд аз $20^0$ С паст бошад.

442. Ҳамаи ташкилотҳо шустушӯи либосҳои махсус, таъмири пойафзоли корӣ ва либосро бояд таъмин намоянд.

443. Ташкилотҳо ӯҳдадор ҳастанд, ки кормандони худро бо оби нушиданӣ таъмин намоянд. Истифодаи об аз манбаъҳое, ки дар ҳудуди объекти корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод мавҷуд аст, баъд аз ташхис ва ҷавобгӯ будани он ба талаботи меъёрҳои санитарӣ, иҷозат дода мешавад.

444. Дар ҳар як объекти корҳои кӯҳии кушод ва ё барои гурӯҳи обектҳои дар наздикӣ ҷойгиршуда, нуқтаи ёрии тиббӣ бо алоқаи телефонӣ бояд ташкил карда шавад. Дар ташкилотҳое, ки миқдори кормандонаш аз 50 нафар кам, хизматрасонии тиббии муассисаи наздиктарин иҷозат дода мешавад. Ҳар як қитъа, сех, устохона, инчунин агрегатҳои кӯҳӣ, нақлиётӣ ва утоқҳои санитарию маишӣ бо доруқуттии ёрии аввалия бояд таъмин бошанд.

Замимаи 1
Ба Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми
коркарди конҳои канданиҳои
фоиданок бо тарзи кушод

# ТАВСИЯҲО БАРОИ ТАРТИБ ДОДАНИ НАҚШАИ БАРҲАМДИҲИИ САДАМАҲО ДАР ОБЪЕКТҲОИ КОРҲОИ КУШОДИ КӮҲӢ

## 1.Муқаррароти умумӣ

1. Нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо (минбаъд-НБС) барои ҳамаи объектҳои корҳои кушоди кӯҳӣ: карерҳое, ки дар шароити мураккаби кӯҳию техникӣ истифода мешаванд, дар карерҳое, ки корҳои таркишӣ ба роҳ монда шудааст, партовгоҳҳои моеъ, драгаҳо (мошинҳои махсуси заминканӣ), садамаҳо, ки таҳдиди муайян барои хаёти одамон дорад, амнияти иншоотҳои истеҳсолӣ, нуқтаҳои аҳолӣ ё офатҳои экологӣ тартиб дода мешаванд. Дар НБС имконпазирии вайроншавии раванди истеҳсолӣ ва реҷаи кори мошинҳо ва таҷҳизотҳо, инчунин хомӯшшавии барқ, рӯшноӣ, об, буғ, огоҳкунӣ ва хомушкунии сӯхтор бояд ба инобат гирифта шавад. Ба ғайр аз ҳолатҳои номбаршуда дар карерҳо эҳтимолияти ба вуҷуд омадани сӯхторро ҳангоми интиқоли ва нигоҳдории маводи тарканда дар ҷои кор, хатари зери об мондани карерҳо, афтиши қисмҳои калони ҷинсҳои кӯҳӣ аз зинаҳо ва devoраҳои карер бояд ба назар гирифта шавад. Барои драгаҳо (мошини махсуси заминканӣ) мавқеъҳои НБС вобаста ба ғарқшудан ё чаппашавии драга, хомӯш намудани сӯхтор ва рахназании партовҳои моеъ аз садд ба назар гирифта мешавад. Дар НБС системаи хабардоркунии ҳайати кормандони истеҳсолоти объекти истеҳсолии хатарнок нишон дода мешавад.

2. НБС ҳамасола бо дарназардошти ҳолати воқеъии обектҳои корҳои кӯҳӣ аз тарафи роҳбари техникии карер тартиб дода шуда, бо роҳбарияти қисмҳои ҳарбикунониашудаи наҷотдиҳии кӯҳӣ (минбаъд - ҚҲНК), бо роҳбари техникии драга мувофиқа карда мешавад ва аз тарафи роҳбари техникии ташкилот 15 рӯз қабл аз саршавии соли оянда тасдиқ карда мешавад.

3. Омӯзиши мутахассисон дар бораи тартиби ташкил ва гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ роҳбари техникии обекти истеҳсолӣ, кораронро бошад – роҳбари қисми дахлдори истеҳсолӣ мегузаронад. Омузишро на кам аз 10 рӯзи баъд аз мавриди амал қарор додани НБС бо имзои кормандон ва мутахассисон дар санадҳои дахлдори НБС гузаронида мешавад. Дар бораи шинос шудан бо НБС дар дафтари махсус қайд кардан иҷозат аст. Ҳангоми иваз шудани ҳолати воқеъии обекти корҳои кӯҳӣ, инчунин тағйир ёфтани нақшаҳо, ки дар мавқеъҳои НБС дарҷ гардидааст, ба НБС дар мӯҳлати як шабонарӯз тағйирот бояд дохил

кард. Бо ҳар як тағйироте, ки ба НБС ворид карда мешавад, тамоми кормандон ва мутахассисон қабл аз оғози кор бо имзо бояд шинос карда шаванд. Кормандони ташкилотҳои дигар ва хадамотҳо, ки барои бартараф намудани садама ҷалб карда шудаанд, новобаста аз мансубияти идоравӣ, ба ихтиёри роҳбари масъули корҳои барҳамдиҳии садама мегузаранд. Роҳбари масъули корҳои барҳамдиҳии садама фаъолияти қувва ва воситаҳои ҷалбшавандаи дигар корхонаҳоро бояд мувофиқа намояд.

4. Ба нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо қисми фаврӣ аз рӯи шакли тартиб дода шуда тибқи замимаи 1 бояд дохил карда шавад.

## 2. Пешниҳодҳои асосӣ доир ба қисми фаврии нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо

5. Қисми фаврии нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо тамоми корҳо ва намудҳои асосии садамаҳои имконпазирро дар обектҳои корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод, ки ба бехатарии одамон ва ҳифзи муҳити зист таҳдид менамояд, бояд дарбар гирад. Ҳангоми иваз шудани технология ва ташкили кор дар дар давоми як шабонарӯз ба НБС тағйиротҳои дахлдор ворид карда мешавад. НБС бо ҳамаи замимаҳояш дар танзимгар (оператор), ё шахси мансабдоре, ки ба ҳолати объекти истеҳсолии хатарнок масъул аст, сардори қисми махсуси ташкилоти садамавӣ-наҷотдиҳӣ, ки ба объект хизмат мерасонад, нигоҳ дошта мешавад. Корҳои наҷотдиҳӣ ва барҳамдиҳии оқибати садамаҳо тибқи фармоиши роҳбари масъули корҳо оид ба барҳадиҳии садамаҳо ба роҳ монда мешавад. Чорабиниҳои асосӣ барои наҷотдиҳии одамоне, ки дар объекти корҳои кушоди кӯҳӣ ба садама дучор шудаанд, дар қисми фаврии НБС бояд ба инобат гирифта шавад:

- тарзи хабардиҳӣ дар бораи садамаҳо дар тамоми қитъаҳои истеҳсолӣ, роҳҳои баромади одамон аз ҷойҳои садамавӣ, рафтори шахсони масъули назорати кӯҳӣ (мутахассисон) барои баровардани одамон аз ҷойҳои хатарнок, даъвати қисми махсуси ташкилоти садамавию наҷотдиҳӣ ва хатсайри ӯ барои наҷотдиҳии одамон, пешгирии паҳншавӣ ва барҳамдиҳии садама;
- истифода бурдани воситаҳои нақлиёт барои зудтар кучондани одамон аз мавзеъи хатарнок ва овардани қисмҳои наҷотдиҳии кӯҳӣ ба мавзеъи садама;
- таъин намудани шахсони масъул барои иҷрои чорабиниҳои алоҳида, ҷобаҷогузории постҳои муҳофизатии минтақаи хатарнок;
- усулҳо ва воситаҳои наҷотдиҳии одамон вобаста ба намуди садама;
- зарурият ва тартиби хомушкунии барқ ба минтақаи садамавӣ;
- рӯйхати шахсони мансабдор ва ташкилотҳое, ки оид ба садама бояд хабардор карда шаванд.

6. Дар НБС-и драга (мошинҳои махсуси заминканӣ) ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои зикршуда бояд бошад:

- нақшаи рушди корҳои куҳӣ бо нишон додани биноҳои ёридиҳанда, сарбандҳо, саддҳо, деворaҳо, гузаргоҳҳо ва сатҳи баландии об ва чуқурии обанбор;

- нақшаи сатҳии драга (мошини махсуси заминканӣ) бо нишон додани ҷои ҷойгиршавии таҷҳизотҳои асосӣ ва ҷойҳои насби сухторхомӯшкунии автоматикӣ, нақшаи ҷойгиршавии баромадгоҳҳои эҳтиётӣ;

- нақшаи ҷойгиршавии роҳҳое, ки ба обанбор наздиканд, ҷойҳои ҷойгиршавии воситаҳои шинокунанда;

- нақшаи қубурҳои сухторхомушкунӣ, ҷойҳои нигоҳдории лавозимоти якуминдараҷаи сухторхомӯшкунӣ;

- нақшаи барқтаъминкунӣ;

- нақшаи рушноидиҳии садамавӣ;

- нақшаи ҷойгиршавии тавораҳои обногузар, даромадгоҳ, гузаргоҳҳои васлкунӣ.

7. Нусхаҳои НБС бо ҳамаи замимаҳо доир ба драгахо (мошинҳои махсуси заминканӣ) дар дасти шахси мансабдори масъул оид ба ҳолати объекти истеҳсолии хатарнок, сардори қисми махсуси ташкилоти садамавию наҷотдиҳӣ, ки объекти мазкурро хизматрасон аст, нигоҳ дошта мешавад. Ба ғайр аз ин қисми фаврии нақша дар бинои драгерӣ овезон карда мешавад. То ҳозир шудани сардор, роҳбари техникии драга ба ҷои садама, уҳдадории роҳбари масъули корҳои барҳамдиҳии садамаҳо ба устои баст ва дар набудани он ба драгачӣ вогузошта мешавад.

## 3.Чорабиниҳои асосӣ ҳангоми садамаҳо дар захирадонҳои партовҳои моеъ

8. Роҳбари масъули корҳо роҳбари техникии идораи маъдан, кони маъдан, кони пошхӯрда, артели заршуӣ, фабрикаи бойгардонӣ, сех ё шӯъбаи хоҷагии партовҷамкунии истеҳсолӣ, китъаи гидромеханизатсия метавонад таъин шавад. То ҳозир шудани роҳбар ба ҷои садама, идоракунии корҳо бар дӯши роҳбар – шахси масъул оид ба ҳолати иншоот, ё сардори (устои) баст гузошта мешавад. Дар ҳолати зарурӣ роҳбари техникии ташкилот метавонад роҳбарии корҳоро ба зиммаи худ гирифта, дар дафтари фаврӣ оид ба барҳамдиҳии садамаҳо қайд намояд.

9. Ба қисми фаврӣ замима карда мешавад:

- нақшаи шарҳии хоҷагии партовҷамкунии истеҳсолӣ бо нишон додани роҳҳои эвакуатсияи одамон, коммуникатсияхо, воситаҳои алоқа, воситаҳои зидди сухтор;

- нақшаи анборҳои садамавӣ, экспликатсияи иншоотҳои истеҳсолӣ, ки дар объекти истеҳсолии хатарнок ҷойгир шудааст.

10. Ҳангоми рух додани садама роҳбари корҳои барҳамдиҳии садамаҳо вазъияти фавриро аз назар гузаронида, дар ҳолати зарурӣ бо ёрии роҳбари техникии ташкилот ҳамаи қувва ва воситаҳои техникиро барои барҳамдиҳии садама ҷалб менамояд.

## 4.Чорабиниҳои асосии наҷотдиҳии одамон, ки дар захирадонҳои партовҳои моеъи обектҳои корҳои кӯҳӣ бо тарзи кушод ба садама дучор омадаанд

11. Дар қисми оперативии НБС бояд ба нақша гирифта шавад:

- хабардиҳии фаврии кормандони истифодабарандагони захирадонҳои партовҳои моеъ, обектҳо ва сехҳо, ки ба кори партовгоҳ бевосита таъсир мерасонанд, идораи ташкилот;
- пешгирии ҳатмии паҳншавии қитъахои садамавӣ бо боздоштани раванди технологӣ, ҳангоми зарурият пурра боздоштани истеҳсолот;
- кучондани одамон аз минтақаи хатарнок, ҳамчунин, гузоштани постҳои муҳофизатии минтақаи хатарнок;
- таъминот бо воситаҳои манфиатноки ёрирасон барои наҷоти одамон, ки ба садама гирифтор шудаанд (нақлиёт, ёрии тиббӣ, хӯрока ва ғайра).

12. Ҳангоми коркарди чорабиниҳо оид ба наҷоти одамон, ки ба садама дучор гаштаанд, ҳолатҳои имконпазири зерин бояд ба назар гирифт:

- вайрон шудани садди ҷамъкунанда дар шакли ярчи ҷузъӣ;
- рахнакунии маҳалии садди ҷамъкунанда бо ҷорӣ шудани маҷрои об ва сели лойомехта;
- аз болои садд ҷоришавии об бо шустани ҷузъии садд;
- харобшавии фронталии ҷамъкунанда бо ҷорӣ шудани сели лойоба.

13. Дар ҳолати вайрон шудани садд ба шакли ярчи ҷузъӣ бояд чораҳои зерин дида шаванд:

- чорабиниҳо оид ба гузаронидани сехҳо (объектҳо), ки ба истифодабарии ҷамъкунанда таъсир мерасонанд, ба реҷаи садамавӣ;
- чорабиниҳо оид ба кучондани ҳайати кормандони объекти истеҳсолӣ, ки дар қитъаи садамавӣ ҷойгир шудаанд, ба ноҳияи дур аз сарҳади эҳтимолии рушди ярч, ба масофаи бехатар, аммо на кам аз 100 м;
- эълони минтақаи хатарнок қитъаро, ки дар он ҷо ярч фаромадааст.

14. Дар ҳолати рахнакунии маҳаллии садд бо ҷоришавии об ва лойоба бояд чораҳои зерин дида шаванд:

- хабар додани одамон, ки дар минтақаи эҳтимолии зериобмонӣ қарор доранд;
- дидани чораҳо оид ба бозистии пурраи сехҳои (объектҳои) ба кори ҷамъкунанда таъсир расонанда;
- чорабиниҳо оид ба ба кор даровардани иншоотҳои садамавии обпартои отсеки дуюми ҷамъкунанда;
- андешидани чораҳо оид ба мобилизатсия ва овардани воситаҳои нақлиёти ҳарҷогард ва механизмҳо (кашандаҳо, булдозерҳо, ҳарҷогардҳо, экскаваторҳо ва ғ.) ба мавзеи садама;
- имконияти таъҷилан муайян кардани миқдори шахсони ба садама дучоршуда;
- ташкили кофтукови шахсони ба садама дучоршуда, эвакуатсияи онҳо аз минтақаи хатарнок ва додани ёрии аввалия ба осебдидагон.

15. Дар ҳолати ҷорӣ шудани об аз болои садд ва қисман шустани он андешидани чораҳои зерин зарур мебошад:

- чораҳо оид ба реҷаи садамавӣ гузаронидани сехҳо (объектҳо), ки ба истифодаи ҷамъкунанда таъсир мерасонанд;

- чораҳо оид ба кор даровардани иншоотҳои зарурии садамавӣ (иншоотҳои обпарто, ҳуҷраи (отсеки) дуюм, пойгоҳҳои садамавии насос ва ғайра).

- андешидани чораҳо оид ба мобилизатсия ва овардани воситаҳои нақлиёти ҳарҷогард ва механизмҳо (кашандаҳо, булдозерҳо, ҳарҷогардҳо, экскаваторҳо ва ғайра);

- чорабиниҳо оид ба кучондани ҳайати истифодабаранда, ки дар қитъаи садамавӣ мебошанд, ба ноҳияи бехатар;

- эълони қитъа, ки дар он ҷо садама ба вуқуъ омадааст, ҳамчун минтақаи хатарнок;

16. Дар ҳолати вайроншавии ҷамъкунандҳои партовҳои моеъ ба тарзи фронталӣ чораҳои зерин бояд андешида шавад:

- хабар додани кормандоне, ки дар минтақаи ғарқшавӣ қарор доранд;

- дидани чораҳо оид ба бозистии пурраи сехҳо (объектҳо), ки ба истифодабарии ҷамъкунанда таъсир мерасонанд;

- дидани чораҳо оид ба мобилизатсия ва овардани воситаҳои нақлиёти ҳарҷогард, ҳангоми зарурат – чархболҳо ба ноҳияи садама.

17. Дар ҳамаи ҳолатҳои имконпазири садамаҳо дар ҷамъкунанда ташкили бригадаҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ, ки ба итоати роҳбари масъули корҳо оид ба барҳамдиҳии садама медароянд, бояд ба назар гирифта шавад.

Замимаи 1
Ба Тавсияҳо барои тартиб додадани НБС дар объектҳои корҳои кушоди кӯҳӣ

Мувофиқа карда шуд,
сардори ҚҲНК
__________ ному насаб
«___»_________с.20___

Тасдиқ мекунам,
роҳбари техникӣ
_________________
(ташкилот)
«_____»__________с.20____

# ҚИСМИ ЗУДАМАЛИ

нақшаи барҳамдиҳии садамаҳо

(намуди садама)

Мавқеи №_______________________________________________
(ҷойи садама)

| Чорабиниҳо оид ба наҷоти одамон ва барҳамдиҳии садама | Шахсони масъул оид ба иҷрои чорабиниҳо ва иҷрокунандаҳо | Ҷойгиршавии воситаҳо барои наҷот додани одамон ва барҳамдиҳии садама | Амали ҚҲНК | Рӯйхат ва имзои шахсоне, ки барои барҳамдиҳии садама зери роҳбарии командири шуъбаи ҚҲНК рафтаанд |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Замимаи 2
Ба Тавсияҳо барои тартиб
додадани НБС дар объектҳои
корҳои кушоди кӯҳӣ

Тақсимоти уҳдадориҳои дар байни шахсони алоҳида, ки дар барҳамдиҳии садама иштирок мекунанд ва тартиби амалиёти онҳо

1. Роҳбари масъул оид ба барҳамдиҳии садама:

- фавран ба иҷрои чорабиниҳо, ки дар қисми фаврии нақшаи барҳамдиҳии садама (дар навбати аввал оид ба наҷоти одамон, ки дар объекти корҳои кӯҳии кушод ба садама дучор гардидаанд) пешбинӣ шудаанд, шурӯъ намуда, иҷроиши онро назорат мекунад. Ҳангоми бурдани корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ ва корҳо оид ба барҳамдиҳии садама танҳои фармоиши роҳбари масъули корҳои барҳамдиҳии садамаҳо ҳатмӣ мебошанд.

- доимо дар бунгоҳи фармондиҳии барҳамдиҳии садама будан. Бунгоҳи садама ҷойи кории диспетчери кӯҳӣ (навбатдори объект) мебошад. Барои саривақт бурдани корҳо оид ба наҷотдиҳии одамон ва барҳамдиҳии садамаҳо, бурдани ҳуҷҷатгузорӣ дар бунгоҳи фармондиҳӣ на кам аз ду аппарати алоқа муқаррар карда мешавад. Дар давраи барҳамдиҳии садамаҳо дар бунгоҳи фармондиҳӣ метавонанд танҳо шахсони ба барҳамдиҳии садама алоқаманд ҳузур дошта бошанд. Дар марҳилаи аввали зуҳур ва рушди садама ташкилот ва роҳбарияти корҳо оид ба барҳамдиҳии садама то омадани роҳбари техникии қисми истеҳсолӣ (ташкилот), ки дар ҳайати он объект мебошад ва дар он садама ба вуқӯъ омадааст, дар бунгоҳи фармондиҳии барҳамдиҳии садама бояд диспетчери объекти истеҳсолӣ ин корро иҷро намояд. Пас аз хабардор шудани садама диспетчер уҳдадор аст амалиётро мувофиқи НБС ба кор дарорад. Ҳангоми барҳамдиҳии садамаҳои давомнок роҳбари масъули корҳо ҳуқуқ дорад дар муддати кӯтоҳ аз бунгоҳи фармондиҳӣ ба ҷойи худ муовини роҳбари техникии ташкилот ё дигар шахси назоратчии техникиро, ки барои иҷрои ин уҳдадориҳо омода аст, таъин намуда, барои дамгирӣ равад. Роҳбари масъул оид ба қарори қабулнамуда уҳдадор аст дар китоби фаврӣ қайд намояд ё фармоиш барорад.

- ӯ тафтиш мекунад, ки ҷузъу томҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ, гурӯҳи сӯхторхомӯшкунӣ дархост шудаанд, оё хабардоркунии ҳайати истеҳсолии объект оид ба садама иҷро гардидааст?

- миқдори кормандони дучори садама шударо муайян мекунад, посбонии минтақаи хатарнокро мувофиқи ҷойгиршавии постҳои нигаҳбонӣ ташкил мекунад ва роҳ додани одамонро ба объекти садамавӣ бо рухсатномаҳо таъмин месозад.

- ба корҳо мувофиқи НБС роҳбарӣ мекунад.

- китоби амалиёти фавриро (мувофиқи замимаи 4) мебарад.

- ахбороти рафти корҳои наҷотдиҳиро қабул ва таҳлил мекунад, оид ба ташкили фаъолияти мутақобилаи хадамоти объекти истеҳсолӣ фармоиш медиҳад.

2. Роҳбари корҳои наҷотдиҳӣ-садамавӣ – қумондони ҷузъи қисми махсуси касбии қисми ҳарбӣ кунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳӣ:

- дар бунгоҳи фармондиҳӣ мебошад.

- ба корҳои наҷотдиҳии кӯҳӣ тибқи нақшаи барҳамдиҳии садама роҳбарӣ мекунад; супориши роҳбари масъули корҳоро оид ба барҳамдиҳии садама иҷро мекунад ва нисбати иҷрои корҳои наҷотдиҳӣ масъул мебошад.

- мунтазам ба роҳбари масъули корҳо оид ба барҳамдиҳии садама нисбати рафти корҳои наҷотдиҳӣ ахборот медиҳад.Дар ҳолати мухолифати байни қумондони қисми наҷотдиҳӣ-садамавӣ ва роҳбари масъули корҳо оид ба барҳамдиҳии садама барои иҷроиш қарори роҳбари масъул ҳатмӣ мебошад. Қумондони ҷузъи қисми наҷотдиҳӣ-садамавӣ – роҳбари корҳои садамавӣ-наҷотдиҳӣ ухдадор аст қарори қабулшударо иҷро намояд. Агар қарори қабулшуда ба Оинномаи қисми наҷотдиҳӣ-садамавӣ мухолифат мекунад, қумондон бояд ин қарорро иҷро намояд ва дар як замон ақидаи махсусро дар китоби амалиёти фаврӣ оид ба барҳамдиҳии садама қайд намояд.

3. Роҳбари (роҳбари техникӣ) ташкилот:

- ба кори фаврӣ ҳамроҳ нашуда, супоришҳои фаврии роҳбари масъулро оид ба барҳамдиҳии садама иҷро намуда, ба барҳамдиҳии садама ёрӣ мерасонад;

- оид ба равона кардани одамон, мошинҳо, таҷҳизот ва маводҳои зарурӣ ба объекти садамавӣ, чораҳо меандешад;

- ба осебдидагон ёрии тиббиро ташкил мекунад;

- хӯроки ҳайати шахсии қисми наҷотдиҳӣ-садамавӣ ва ҳайати истеҳсолиро, ки ба барҳамдиҳии садама ҷалб гардидаанд, ташкил менамояд;

- барои наҷотдиҳндагони кӯҳӣ база ва ҷойи дамгирӣ муҳайё мекунад.

4. Роҳбари ҷузъи истеҳсолӣ:

- ухдадор аст фавран ба бунгоҳи фармондиҳӣ ҳозир шавад ва оид ба омадани худ ба роҳбари масъули барҳамдиҳии садама гузориш диҳад;

- ба осебдидагон ёрии тиббиро ташкил мекунад.

-аз рӯи системаи қабулшудаи баҳисобгирии ҳайати истеҳсолӣ тафтиши одамони дар минтақаи хатарнок буда ва ҳамчунин, берун аз ҳудуди он баровардашударо ташкил мекунад;

- дар асоси талаботи роҳбари масъули корҳо оид ба барҳамдиҳии садама ба он кормандони ботаҷриба ва шахсони назоратгари кӯҳиро ҷалб мекунад, ҳамчунин, навбардории кормандонро барои иҷрои супоришҳои таъҷилӣ таъмин менамояд;

- ба кори нақлиёти объекти истеҳсоли роҳбарӣ мекунад;

- Муҳофизати минтақаи хатарнокро ташкил мекунад, навбардорони постҳоро дастур медиҳад.

5. Сармеханик ва сарэнергетики чузъи истеҳсолӣ:

- Мунтазам додани нерӯи барқ (пневматикӣ) ё хомӯш кардани онро (тибқи мавқеи НБС) таъмин мекунанд;

- Оид ба таъмини корҳои садамавӣ бо таҷҳизоти иловагӣ чораҳо мебинанд;

- ба роҳбари масъул оид ба иҷроиши фармоишҳо гузориш медиҳанд;

Эзоҳ: Уҳдадориҳои шахсони уҳдадори объекти истеҳсолӣ, ки ба номгӯи мазкур дохил нагардидаанд, дар асоси шароитҳои мушаххаси объекти хатарноки истеҳсолӣ муайян карда мешаванд ва дар НБС акс меёбанд.

6. Сардори алоқаи ташкилот бояд ба бинои истгоҳи марказии алоқаи телефонӣ ҳозир шавад ва алоқаи мунтазамро таъмин намояд.

7. Телефончии алоқаи телефонӣ пас аз қабул кардани хабари садама бояд фавран ҳамаи шахсони уҳдадори ташкилот ва муассисаҳоро тибқи рӯйхат хабардор намояд (замимаи 3). Пас аз хабардор шудан оид ба садама телефончӣ муоширатро бо шахсони ба садама муносибати бевосита надошта қатъ мекунад ва гуфтугӯҳои навбати аввали шахсони ба он муносибати мустақим доштаро таъмин менамояд.

Замимаи 3
Ба Тавсияҳо барои тартиб
додадани НБС дар объектҳои
корҳои кушоди кӯҳӣ

Рӯйхати шахсони мансабдори ташкилот ва идораҳое, ки оид ба руй додани садама бояд фавран хабардор карда шаванд

| №бт | Ташкилот ва ё шахси мансабдор | Ному насаб | № телефон | | Суроға | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | хизматӣ | мобилӣ | хизматӣ | хона |
| 1. | ҚҲНҚ | | | | | |
| 2. | Идораи сӯхторхомӯшкунандаҳо | | | | | |
| 3. | Ёрии тиббӣ | | | | | |
| 4. | Роҳбари карер | | | | | |
| 5. | Роҳбари техникӣ | | | | | |
| 6. | Сармеханик | | | | | |
| 7. | Сарэнергетик | | | | | |
| 8. | Роҳбари ҷамъшавандаҳои моэъ | | | | | |
| 9. | Дирекори корхона | | | | | |
| 10. | Сардори шуъбаи назорати техникӣ | | | | | |
| 11. | Сартабиби беморхона | | | | | |
| 12. | Нозири минтақавии ХНДБКССК | | | | | |
| 13. | Иттифоқи касаба | | | | | |
| 14. | Нозири меҳнат | | | | | |
| 15. | Мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ | | | | | |
| 16. | Прокуратура | | | | | |
| 17. | Шуъбаи корҳои дохилӣ | | | | | |
| 18. | Кумитаи амнияти миллӣ | | | | | |
| 19. | Мақомоти маҳаллии ҳолатҳои фавқулодда | | | | | |

Роҳбари техникӣ

Замимаи 4
Ба Тавсияҳо барои тартиб
додадани НБС дар объектҳои
корҳои кушоди кӯҳӣ

# КИТОБИ АМАЛИЁТИ ФАВРӢ

оид ба барҳамдиҳии садама

---

(кон, фабрика, коргоҳи заршӯӣ, земснаряд, ғункунанда)

---

(ташкилот, объект)

---

(ҷойи садама)

Вақти ба вуҷуд омадани садама ________________________________________

(сол, моҳ, сана, соат, дақиқа)

| Сана | Вақт (соат ва дақиқа) | Мазмуни супоришҳо оид ба барҳамдиҳии садама ва муҳлати иҷроиши онҳо | Шахсони масъул барои иҷрои супоришҳо | Қайдҳо оид ба иҷрои супоришҳо (сана, соат, дақиқа) |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

Роҳбари масъули корҳои
барҳамдиҳии садама ___________________________
(имзо)

Сардори ҚҲНК ___________________________
(имзо)

Замимаи 2
Ба Қоидаҳои бехатарӣ ҳангоми
коркарди конҳои канданиҳои
фоиданок бо тарзи кушод

## Меъёрҳои рӯшноии ҷойҳои кории объектҳои корҳои кӯҳии рӯизаминӣ

| Объектҳои карйер | Рӯшноии ҳадди ақалл, люкс | Ҳамворие, ки дар он рӯшноӣ меъёрбандӣ мешавад | Эзоҳ |
|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** | **4** |
| Ҳудуд дар ноҳияи иҷрои корҳо | 0,2 | Дар сатҳи ҷойи рӯшноишаванда | Ноҳияи корҳо, ки рӯшноӣ карда мешавад, аз ҷониби роҳбари техникии карйер муқаррар карда мешавад |
| Ҷойи кори мошинҳо дар карйер, партов-гоҳи ҷинсҳои кӯҳӣ ва дигар қитъаҳо | 5<br>8 | Уфуқӣ<br>Амудӣ | Рӯшноӣ бояд дар ҳамаи жарфӣ ва баландии фаъолияти таҷҳизоти кории мошинҳо таъмин гардад. |
| Ҷойи корҳои дастӣ | 5<br>10 | Уфуқӣ<br>Амудӣ | |
| Ҷойҳои борфарории қатораҳои роҳи оҳан, мошинҳо ва автопоездҳо дар партовгоҳҳо, бунгоҳҳои қабулкунандаи ҳамлу нақл | 3 | Уфуқӣ | Рӯшноӣ дар сатҳи ҷойи рӯшношаванда таъмин карда мешавад |
| Ноҳияи кори булдозер ё дигар механизми тракторӣ | 10 | Дар сатҳи тасмачархи трактор | |
| Ҷойи кори механизми гидромотор | 5<br>10 | Уфуқӣ<br>Амудӣ | Рӯшноӣ дар ҳамаи баландии зинаи коркардшаванда вобаста ба қутри фаъолияти ҷараёни гидромотор таъмин мегардад. |
| Ҷойи мондани ҷинсҳои кӯҳӣ дар гидропартов | 5 | Уфуқӣ | |
| Ҳудуди гидропартовҳои нав шусташуда | 0,2 | Уфуқӣ | |

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| Ҷойи корҳои пармагарӣ | 10 | Амудӣ | Рӯшноӣ ба баландии дастгоҳ таъмин мегардад. |
| Кабинаи мошин ва механизмҳо | 30 | Уфуқӣ | Дар баландии 0,8 м аз фарш. |
| Бинои дастгоҳи заминмак ва минтақаи чоҳҳои заминмак | 10 | Уфуқӣ | Дар биноҳои дастгоҳи заминмак ба баландии 0,8 м аз фарш. |
| Хатҳои пайдарҳами конвейерӣ | 5 | Дар сатҳи конвейер. | |
| Минтақаи хизматрасонии барабанҳои конвейерҳо | 10 | Уфуқӣ | |
| Лентаҳои конвейерӣ дар ҷойҳои гирифтани дастии намунаҳо | 50 | Дар сатҳи лентаи конвейерӣ | Дар масофаи на кам аз 1,5 м намунабардори муқобили ҳаракати лентаи конвейер. |
| Биноҳои қитъа барои гарм кардани кормандон | 10 | Уфуқӣ | |
| Зинапояҳо, нишебиҳои аз як зина ба зинаи дигари карйер фаромадан | 3 | | |
| Роҳҳои доимии ҳаракати кормандони карйер | 1 | Уфуқӣ | |
| Роҳҳои мошингард дар ҳудуди карйер (дар вобастагӣ аз пайвастагии ҳаракат) | 0,5-3 | Уфуқӣ | Рӯшноӣ дар сатҳи ҳаракати мошинҳо таъмин мегардад. |
| Роҳҳои оҳан дар ҳудуди карйер | 0,5 | Уфуқӣ | Рӯшноӣ дар сатҳи сохтмони болоии карйер таъмин карда мешавад. |